# РОҲНАМОИ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ (ОЛАМИ АТРОФИ МО) БАРОИ СИНФИ 2-ЮМ

## барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАВСИЯ КАРДААСТ**

**Душанбе**
**«Маориф»**
**2016**

**ББК Я2.20.1+74.264.4я72**
**Р-84**

**Р-84.** Н. Қодиров, Б. Зулфонов, Р. Ибрагимова. **Роҳнамои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи 2-юм барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**. Душанбе, «Маориф», 2016, 104 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-399-8**
**© «Маориф», 2016**

**Мундарича**

Пешгуфтор……………………………………………………………………………….3
I. Муқаррароти умумӣ…………………………………………………………………….6
1.1. Муқаддима………………………………………………………………………........…6
1.2. Мафҳумҳои асосӣ……………………………………………………………........…8
1.3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи 2……...9
1.4. Заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи 2………………………………………………………………………………........…9
1.5. Принсипҳои асосии стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи 2…..10
1.6. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи 2…11
1.7. Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ аз фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи 2 ………………………………………………………………………………….…12
1.7.1. Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан……….......………………..……..13
1.7.2. Принсипҳои таълими самаранок………………………………………...………13
1.7.3. Ташаккули малакаҳои фикррониии дараҷаи баланд…………………....…………14
1.7.4. Алоқамандии байнифаннӣ…………………………..………………..…………14
1.7.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон…………………………...………………...…………14
II. Салоҳиятҳои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи 2 …………….……...15
2.1. Салоҳиятҳо аз рӯйи самтҳои «Инсон ва табиат», «Инсон ва ҷамъият» ва «Қоидаҳои бехатарии ҳаёт»……………………………………………..……………………………15
2.2. Баҳодиҳӣба салоҳиятҳо ……………………………………...………………15
2.3. Салоҳиятҳои тарбиявӣ………………………………………………………...…16
2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо………………………………………………...…17
III. Барномаи таълими фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи 2……………..18
Нақшаи тақвими корӣ аз фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи 2……………....18
Боби I. Тоҷикистон - Ватани маҳбуби мо ……………………………………………..19
§ 1. Тоҷикистон Ватани мост ………………………………………………………..19
§ 2. Табиати шаҳр ва деҳоти мо ........................................................................................20
§ 3. Манзараҳои нотакрори табиати кишвари мо ........................................................22
§ 4. Ҷашнҳои миллӣ – Наврӯз ва Меҳргон ...............................................................24

Боби II. Табиат ва гуногунии он ……………………………………………………….26
§5. Қисмҳои ғайризинда ва зиндаи табиат……………………………………….......26
§6. Ашёи табиӣ ва сунъӣ .........................................................................................27
§7. Дар бораи осмону ситораҳо чиро бояд донем? …………………………...…...30
§8. Тирамоҳ– фасли заррини сол ………………………………………………....…...31
§9. Ҳодисаи табиӣ чист? ………………………………………………………...…33
§10. Чаро обу ҳаво тағйир меёбад? ……………………………..………………..36
§11. Об дар табиат. Хосиятҳои об …………………………………………………..38
§12. Бойигариҳои зеризаминӣ .............................................................................41
§13. Рустаниҳо ва аҳамияти онҳо ……………………………………………………43
§14. Олами ҳайвонот ……………………………………………………...………45
§15. Зимистон – фасли сармо ……………………………………….....………...47
§16. Гӯшаи зинда дар мактаб …………………………………………………..49
§17. Ҳифзи табиат ……………………………………..……………………………..51

Боби III. Саломатӣ ва бехатарии ҳаёт ………………..………………………………..54
§18. Бадани одам аз кадом узвҳо иборат аст? …………………………………...……54
§19. Беҳдошти саломатӣ …………………………...……………………....…………56
§20. Ҳаётатро зери хавф нагузор! ………………………………………....…………..58
§21. Офатҳои табиӣ ва хатари онҳо ……………………………………..………..60
§22. Аз сӯхтор эҳтиёт шавед! ………………………………………..………...62
§23. Аз ҳайвонот, наботот ва замбӯруғҳои заҳрнок эҳтиёт шавед! .................................64

§24. Фасли баҳор ……………………………………………………..………………..…..66

Боби IV. Табиат ва одоби мо ......................................................................................................68
§25. Дар муносибат бо табиат боодоб бошед! ...........................................................................68
§26. Муносибати оила бо муҳити зист .......................................................................................70
§27. Муносибати мо бо муҳити табиии мактаб .........................................................................72
§28. Одоби рафтор дар боғу гулгаштҳо ......................................................................................74

Боби V. Сайёраи Замин …………………………………………………………….......76
§29. Сатҳи Замин чӣ гуна аст? ......................................................................................................76
§30. Қитъаҳои олам .......................................................................................................................79
§31. Давлатҳои ҷаҳон .....................................................................................................................83
§ 32. Тоҷикистон дар харитаи ҷаҳон ...........................................................................................85
§ 33. Тобистон – фасли гармо ......................................................................................................87
§34. Дар таътили тобистона мо чӣ кор мекунем? .......................................................................89
IV. Стратегияҳои таълими фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи 2……………………...............................................................................................................90
4.1. Таълими малакаҳои гӯш кардану гуфтан……………………………………..…….90
4.2. Таълими хониши бошуурона……………………………………………....................90
4.3. Таълими малакаҳои мушоҳида, таҷриба ва таҳлил ……………………………..….95
V. Арзёбӣ……………………………………………………………………………………99
5.1. Принсипҳои арзёбӣ ..………………………………………………………………….99
5.2. Арзёбӣ ва баҳодиҳии салоҳиятҳои гӯш кардану гуфтан ...…………………….......................101
5.3. Арзёбии малакаҳои мушоҳидакорӣ, таҷриба ва таҳлил…………………………...……102
Адабиёт……………………………………………………………………………………103

## Пешгуфтор

Омӯзгорони гиромӣ!

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади сифатнок ва натиҷабахш гардонидани раванди таълими фанни “Табиатшиносӣ” силсилаи роҳнамоҳои нави фанниро таҳия ва дастраси Шумо гардонид. Вазорати маориф ва илм натиҷа ва дастовардҳои ислоҳоти соҳаро, ки тайи солҳои охир татбиқ гаштаанд, эътироф карда, дар асоси ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣроҳнамо ва барномаҳои навро ҳамчун як ҷузъи таркибии ислоҳоти пурраи мундариҷаи таҳсилот таҳия намудааст.

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат шинохта шудааст ва дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии типи нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин диққати махсус ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим равона мегардад. Таҳияи роҳнамо ва барномаҳои нави таълимӣ метавонад сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста дар суханрониҳо, вохӯриҳо ва дастуру супоришҳо ба соҳаи маориф диққати махсус дода, таъсири онро ба инкишофи ҷомеа таъкид мекунанд.

Дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф омӯзгорон нақши асосӣ мебозанд. Ин нукта имсол дар суханронии Президенти Ҷумҳурӣ ҳангоми мулоқот бо зиёиёни мамлакат хеле мушаххас баён гардидааст: “... калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим-омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд”. Барои мо – олимон, кормандони соҳаи маориф, мутахассисон ва омӯзгорон ин суханон беҳтарин дастури амаланд.

Боварии комил дорем, ки ҳамаи мо аз як гиребон сар бароварда ислоҳоти соҳаро дар амал татбиқ менамоем ва бо ин васила насли навраси ҷомеаамонро ба роҳи дурусти маърифат раҳнамоӣ мекунем.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи касбӣ ва маърифатии Шумо – омӯзгорони муҳтарам эътимоди комил дошта, боварӣ дорад, ки якҷоя дар ин ҷода ба муваффақиятҳои назаррас ноил мегардем.

Вазорати маориф ва илм шумо, омӯзгорон, сарварони муассисаҳои таълимӣ, кормандони раёсату шуъбаҳои маориф ва тамоми кормандони соҳаи маорифи ҷумҳуриро барои татбиқи ислоҳоти мазкур, ки самаранокӣ ва сифати таълимро барои хонандагон – фарзандони мо таъмин мекунад, даъват менамояд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

# I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

## 1.1. Муқаддима

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф гардида, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим низ таваҷҷуҳи қобили назар зоҳир мегардад. Таҳияи роҳнамо ва барномаҳои нави таълимӣ метавонанд сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардоранд.

Дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф омӯзгорон нақши калидӣ мебозанд. Ин нукта дар суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (соли 2015) хеле мушаххас баён гардидааст: "... калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим-омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд".

Барои мо – олимон, кормандони соҳаи маориф, мутахассисон ва омӯзгорон ин суханон беҳтарин дастури амаланд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва натиҷабахшии раванди он таҳияи роҳнамоҳои фанниро ба роҳ мондааст, ки Роҳнамои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи дуюм аз ҷумлаи онҳост. Вазорати маориф ва илм натиҷа ва дастовардҳои ислоҳоти соҳаро, ки тайи солҳои охир татбиқ гаштаанд, эътироф карда, дар асоси ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣроҳнамо ва барномаҳои навро ҳамчун як ҷузъи таркибии ислоҳоти пурраи мундариҷаи таҳсилот таҳия намудааст.

Роҳнамои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи дуюм ҷузъи таркибии силсилаи роҳнамоҳои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ аст. Роҳнамои мазкур дар асоси салоҳият таҳия шуда, талаботи роҳнамоҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумиро ба эътибор мегирад.

Сохтор ва услуби пешниҳоди роҳнамо тарзе интихоб шудааст, ки паҳлуҳои гуногуни раванди таълими табиатшиносӣ (олами атрофи мо) - ро дар синфи 2 фаро мегирад ва ба ин васила фаъолияти омӯзгорро дар ҷараёни банақшагирӣ ва таълиму арзёбӣ осон мегардонад.

Тавре ки таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Тоҷикистон нишон медиҳад, вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чӣ бештари воситаҳои иттилоот (интернет, телевизион ва ғайра) имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Ин нуктаи муҳим санги маҳаки роҳнамои мазкурро ташкил медиҳад.

Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо шаҳрвандон бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, амалигардонӣ, тағйирпазирӣ, уҳдабароӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагию бунёдкориро дошта бошанд. Онҳо бояд шахсони бомаърифати аз ҷиҳати маънавӣ - ахлоқӣ устувор ва кордоне бошанд, ки роҳҳои пайдо кардани ахбор (маълумот)-ро тавассути воситаҳои гуногун интихоб намуда, онро арзёбӣ карда, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк кунанд, мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯйӣ ва ҳал карда тавонанд, масъулияти худро дар назди оила, аҳли ҷомеа ва кишвар дарк намоянд. Тавреҳамагон медонанд, барои ин сифатҳо маҳз дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

Барои ноил гаштан ба ин вазифаҳо Вазорати маориф ва илм низоми нави таълимро дар амал татбиқ менамояд, ки он ба ташаккули рушди салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи амалии дониш, малака ва маҳорат мусоидат хоҳад кард.

Натиҷаҳои салоҳиятнокии хонандагон тавассути низоми миллии арзёбӣ санҷида шуда, барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим истифода мегардад.

Роҳнамои мазкур мазмуну мундариҷа, салоҳиятҳо, нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ ва воситаҳои арзёбиро муайян мекунад. Бо татбиқи низоми нави таълим натиҷаҳои таълими хонанда (салоҳиятнокии ӯ) мақсади асосии санҷишу назорати сифати таҳсилот мегардад.

Бо татбиқи роҳнамоҳои нав натанҳо малакаву маҳорати касбии омӯзгор, балки натиҷаи таълимии хонандагон низ ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии раванди таълим шинохта мешавад. Дар низоми нави таълим масъулияти омӯзгорон барои беҳтар гаштани натиҷаҳои таълими хонандагон ба маротиб зиёд мегардад.

Дар ҷараёни татбиқи маҷмӯи роҳнамоҳо ва барномаҳои фаннӣ омӯзгор шахси асосӣ аст. Аз ин рӯ, самаранокии татбиқи роҳнамоҳои нав ва ҷараёни ислоҳот маҳз ба дарки масъулият, ташаббусу эҷодкорӣ ва маҳорату малакаи омӯзгорон вобаста мебошад. Масъулияти омӯзгор дар ин ҷараён хеле зиёд буда, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

- ба роҳ мондани таълим дар асоси роҳнамоҳои нав ва барномаи фан;
- муҳокимаи масъалаҳои умдатарини татбиқи ислоҳот бо ҳамкорон;
- муҳокимаи мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дар ҳамкорӣ бо мудирияти муассисаи таълимӣ ва идораву шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо;
- ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо кормандони Барномаи глобалии ҳамкорӣ баҳри рушди маорифи Вазорати маориф ва илм (Мо ба тавсия ва маслиҳатҳои шумо ниёз дорем);
- таҳияи маводди иловагии таълимӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълим бо ҳамкорон.

Табиист, ки дар марҳалаи ибтидоӣ масъалаҳои зиёд пайдо мегарданд ва онҳо ба истифодаи роҳнамоҳо, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии нав алоқаманданд,аммо мо бовар дорем, ки батадриҷ, бо роҳи фароҳам сохтани имкониятҳои хуби иштирок дар марҳалаи татбиқи ин ислоҳот дар сатҳи мамлакат омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ пурра омода хоҳанд шуд.

Вазорати маориф ва илм ҳамаи омӯзгорон, сарварони муассисаҳои таълимӣ, кормандони раёсату шуъбаҳои маориф ва тамоми кормандони соҳаи маорифи ҷумҳуриро барои татбиқи ислоҳоти мазкур, ки самаранокӣ ва сифати таълимро барои хонандагон – фарзандони мо таъмин мекунад, даъват менамояд.

## 1.2. Мафҳумҳоиасосии роҳнамои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо)

**Арзёбӣ** – ҷараёни ҷамъоварии маълумот барои баҳодиҳӣ. Навъ ва воситаҳои гуногуни ташкили ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Он барои муайян кардани дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон имкон медиҳад. Маълумоте, ки тавассути арзёбӣ ҷамъ оварда мешавад, ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба муассисаҳои соҳа зарур аст. Маълумоти аз арзёбӣ бадастомадаро ба тарзи мухталиф ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони алоҳида, волидон, хонандагон ва омӯзгорон истифода бурда метавонанд.

**Баҳодиҳӣ**–ҷараёни натиҷагирӣ оид ба дараҷаи мувофиқати дониш, салоҳият, малака ва маҳорати хонанда ба талаботи муқарраркардаи роҳнамои фаннӣ. Баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳо муайян карда шавад.

**Дидактика** – соҳаи илми педагогика, ки ба омӯхтани асосҳои назариявии таҳсилот, муайян намудани қонуният, принсипҳои таълим, мазмуни таҳсилот, шаклу усули таълим ва назорати раванди таълим машғул аст.

**Иттиҳодияи методӣ** – яке аз шаклҳои ташкили кори методӣ, тарғиби таҷрибаи пешқадам ва такмили ихтисоси муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад.

**Кори лоиҳавӣ** – машғулияти мустақилонаи гурӯҳи хонандагон буда, берун аз дарс таҳия карда мешавад. Он дар асоси маълумот ва донишу малакаи ҳосилкардаи хонандагон дар марҳилаи муайяни таълим гузаронида мешавад.

**Тахтаи синф** –ҳар чизи сатҳаш пахни сангӣ, чӯбӣ, металлӣ ва ғайра аст, ки ба рӯйи он хат менависанд ё нақшу нигор мекашанд.

**Мақсади таълим**– банақшагирии пешакии натиҷаҳои фаъолияти таълим, натиҷаҳои чашмдошт (интизоршаванда).

**Малака** – қудрат ва тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқу тамрин дар табиати инсон пайдо мешавад.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва инсон минбаъд ҳар як кори худро дониста иҷро мекунад; моҳирӣ, устодӣ, забардастӣ, ҳунармандӣ ва ғайра маҳорат аст.

**Машқ** – фаъолияти пай дар пай барои ба даст овардани малака, маҳорат ва салоҳият.

**Метод -** (юн. methodos-роҳ, тарз, усул, восита, назария, таълимот) - усули назариявӣ ва амалии донистани воқеият; маҷмӯи амалиёт; ташкили бонизоми фаъолияти одамон дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда аст.

**Меъёр** – нишонае, ки дар асоси он баҳодиҳӣ, муайянкунӣ ё таснифи чизе анҷом дода мешавад.

**Нақшаи таълим** – ҳуҷҷатест, ки омӯзиши фанҳои таълимӣ ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян менамояд.

**Низоми таълими ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронидашуда** – низоми таълиме, ки дар он қобилияти фардӣва таҷрибаи қаблии хонанда ҳамчун меҳвар (тири асосӣ) барои омӯзиши минбаъда нигаронида шудааст.

**Нишондиҳанда** –нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд.

**Портфолио**– аз калимаи итолиёӣ, маънояш ҳуҷҷатҳо, ҳуҷҷатҳои мутахассис аст.

**Портфолиои хонанда** – ҷамъоварии мақсадноки корҳои хонанда, ки саъйу кӯшиши ӯро ҳангоми иҷрои корҳо, пешрафт ва дастовардҳои (муваффақиятҳои) ӯро аз рӯйи як ё якчанд фан нишон медиҳанд.

**Принсип** – қоидаҳои асосии таълим, ки мазмун, шаклҳои ташкилӣ ва усули таълимро дар алоқамандӣ бо мақсадҳои умумии тарбия ва меъёрҳои раванди таълим муайян менамоянд.

**Раванди таълим** – раванди мақсаднок ва муташаккилонаи ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаҳост.

**Роҳнамои фаннӣ барои татбиқи роҳнамоҳо** – роҳнамои омӯзгор оид ба татбиқи роҳнамоҳо маводди иловагии методӣ мебошад. Он тавсияҳо ва намунаҳоро оид ба тарзи ташкили ҷараёни таълим фаро гирифта, ба омӯзгор дар самти ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ёрӣ мерасонад.

**Савод** – маҳорати кор кардан бо маълумот, аз ҷумла маҳорати иҷрои амалҳои зарурии риёзӣ, дарки иттилоотии маводди чопӣ, адабиёти илмӣ, инчунин маҳорату малакаи навиштан, омӯхтани дониш аз матни шифоҳию хаттӣ.

**Саводнокӣ** – яке аз нишонаҳои саводнокии шахс. Мувофиқи шарҳи ЮНЕСКО шахсе, ки хондан, навиштан ва мазмуни ягон матни одиро баён карда метавонад, саводнок аст.

**Салоҳият** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои баҳам пайванде, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешавад.

**Роҳнамои фаннӣ** – санадест, ки дар он меъёри дониш, малака, маҳорати хонандагон, мазмуну муҳтавои фаннӣ, методикаи таълими фан, роҳу усули самаранок истифода бурдани вақти ба омӯзиши фан ҷудогардида ва талабот ба тарзи санҷиши дониш аз фан ифода гардидааст.

**Стратегия** – роҳу усули ноил гардидан ба мақсад. Роҳ (усул)-и алтернативӣ (ҷойгузин), интихоб, таҳия ва татбиқи барномаро дар назар дорад.

**Таҳлил** – яке аз усулҳои таълим, ки тавассути он омӯзгору хонандагон маводди омӯхташавандаро ба қисмҳои асосӣ ҷудо карда, хусусиятҳои ҳар яке онро дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунанд.

## 1.3. Соҳаи истифодаи роҳнамои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи 2

Доираи татбиқи роҳнамои фанни табиатшиносӣ хеле васеъ аст. Истифодабарандагони бевоситаи роҳнамоҳо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ буда, дар марҳалаи банақшагирӣ, таълим ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагон онро ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ истифода мебаранд. Инчунин мутахассисони зинаи таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои дахлдори соҳаи маориф, ки барои расонидани ёрии таълимию методӣ масъуланд, дар бобати банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳо дар самти расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ роҳнамои мазкурро истифода мебаранд.

Ин роҳнамо дар донишгоҳ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ барои муайян кардани мундариҷаи барномаи таълимии курси методикаи таълими фанҳо дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ истифода мешавад.

Донишкадаю марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, махсусан шуъба - кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ омӯзиши роҳнамои мазкурро дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ташкил мекунанд.

Минбаъд арзёбии салоҳиятҳои (дониш, малака ва маҳорати) хонандагони синфи дуюм дар асоси талаботи роҳнамои мазкур ба роҳ монда мешавад. Саволу масъалаҳои санҷишии нимсола, солона ва аз синф ба синфгузаронӣ дар асоси салоҳиятҳои дар роҳнамо ва барномаи таълим муқарраршуда таҳия карда мешаванд.

## 1.4. Заминаи меъёрии ҳуқуқии роҳнамои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи дуюм

Роҳнамои фанни табиатшиносӣ барои хонадагони синфи 2 дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва сархати 6, банди 7-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2014, №145 тасдик шудааст,

инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф тахия гардида, минбаъд барои расонидани ёрии таълимию методӣ барои омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

### 1.5. Принсипҳои асосии роҳнамои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи дуюм

Роҳнамои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи дуюм дар асоси принсипҳои таълимии зерин таҳия шудааст:

- баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат;
- қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;
- дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;
- бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;
- муҳаббат ба Ватан, оила, ҷамъият ва муҳити зист;
- ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;
- ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;
- ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;
- раванди муттасили таҳсил;
- ҳавасмандгардонии маърифатнокшавии шахс ва инкишофи истеъдоди ӯ;
- пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;
- ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот.

***Ба қобилияти фардии хонанда диққат додан.*** Раванди таълим дар асоси дониш, малака ва маҳорати базавии (асосии) хонанда ба роҳ монда шуда, бояд талаботи маърифатии ӯро қонеъ намояд. Қобилияти хонандагон дар иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ ва дар заминаи он такмил додани малакаву маҳорати онҳо бояд ба эътибор гирифта шавад. Ҳар як хонанда ба дарс бо дараҷаҳои гуногуни салоҳият меояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд қобилияти муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонандаро дошта бошад. Омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ низ масъул аст.

*Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар хонандагон:*

- *дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон таълим гиранд;*
- *мақсаду вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд ва онҳоро иҷро карда тавонанд;*
- *раванди азхудкунии маводди таълим барои онҳо шавқовар ва ҷолиб бошад;*
- *барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;*
- *ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъул бошанд;*
- *омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро бо мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;*
- *ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ дода шавад;*
- *раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба “оид ба чӣ фикр кардан”;*
- *ҳама оид баҷиҳатҳои суст ва қавии донишу малакаашон ростқавл бошанд;*
- *нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад.*

***Ба эътибор гирифтани гуногунзеҳнии хонандагон.*** Баъзе хонандагон тавассути амалан иҷро намудан кореро аз худ мекунанд ва баъзеи онҳо тавассути мушоҳида дониш мегиранд. Ба баъзеи хонандагон барои таълим гирифтан машғулияти серҳаракат, ба дигарон бошад, баръакс, ором̣ мусоидат мекунад. Омӯзгорновобаста аз рӯйи хислат бояд ба ҳама баробар диққат диҳад, ёрӣ расонад ва мувофиқи шавқу завқашон фаъолият таҳия намояд.

- ***ҷанбаи башардӯстӣ доштани раванди таълим .*** Вазифаи омӯзгор танҳо аз додани дониш ва аз бар кунонидани салоҳиятҳо иборат нест. Ӯ барои фароҳам овардани фазои мусоиди таълим, ҳамкорию ҳамдигарфаҳмӣ низ масъул аст.
- ***инкишофи арзишҳо.*** Роҳнамои мазкур дар баробари салоҳиятҳои таълимӣ инкишофи арзишҳоро ба роҳ мемонад. Ин арзишҳо на танҳо барои аз худ кардани салоҳиятҳои таълимӣ, балки барои тарбияи шаъну шарафи шаҳрвандӣ низ заруранд.
- ***алоқамандии таълим бо ҳаёт.*** Роҳнамоҳои нав ташаккули дониш, малакаву маҳоратҳои барои имрӯз ваояндаи Тоҷикистон заруриро таъмин намуда, таълимро ҳамчун раванди омӯзиш дар тӯли ҳаёт таъкид мекунанд. Низоми нави таълим низ бо мақсади мутобиқ сохтани натиҷаҳои таълим ба талаботи ҳаёт равона мегардад,яъне дар натиҷаи таълим хонанда дониш, малака ва маҳораташро дар амал барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ истифода мебарад.
- ***омӯзиш дар тӯли ҳаёт.*** Раванди таълим ва инкишоф беохир аст. Шояд барои пурра аз худ кардани баъзе салоҳиятҳо як умр сарф карда шавад ва баъзеашон мумкин аст тамоман аз худ карда нашаванд. Аз ин лиҳоз Низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон раванди омӯзишро дар тӯли ҳаёт тақозо мекунад.
- ***ташаккули малакаи баланди фикррони.*** Ҳадафи ниҳоии раванди таълим ташаккули малакаи баланди фикррони мебошад.
- ***арзёбӣба мақсади таълим.*** Мо бояд мунтазам натиҷаҳои таълимии хонандагонро арзёбӣ намоем, то тавонем усули таълимро тағйир дода, натиҷаи онро самараноктар гардонем.

## 1.6. Мақсад ва вазифаҳои роҳнамои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи 2

Роҳнамои мазкур бо мақсади татбиқи талаботи Роҳнамои давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 таҳия шудааст.

Мақсад ва вазифаҳои роҳнамои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи дуюм:

- муайян ва муқаррар кардани маҷмӯи салоҳият (меъёри дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи дуюм аз саводомӯзӣ;
- ба низом даровардани мазмун, мундариҷа ва раванди банақшагирӣ, таълим ва арзёбии фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо);
- муқаррар намудани доираи мавзӯъҳои таълими фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) мувофиқи талаботи синну солии хонандагони синфи 2;
- бояд малакаҳои гуногуни фаннӣ ба таври мушаххас ва фарогир пешниҳод гарданд. Нишондиҳандаҳои азхудкунии ҳар як салоҳият оварда мешаванд;
- бо вуҷуди фаро гирифтани самтҳои гуногуни таълими фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) роҳнамои мазкур фаъолияти эҷодии омӯзгорро маҳдуд накарда, бояд ӯро барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим ҳидоят намояд;

– мазмуну мундариҷа ва миқдори салоҳиятҳо бояд мувофиқи сарбории фан, ки нақшаи таълим муқаррар кардааст, пешниҳод гарданд.

Фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) барои синфи 2 дар нақшаи таълими асосӣҳамчун фанни ҳатмии таълим дар таркиби маҷмӯи фанҳои «табиӣ» ҷойгир шуда, ҳаҷми сарбории хонандагон дар давоми соли таҳсили зинаи ибтидоӣ34 соатро ташкил медиҳад:

| Синф | Миқдори ҳафтаҳои соли таҳсил | Миқдори соатҳои ҳафтаина | Миқдори соатҳо дар давоми соли таҳсил |
|---|---|---|---|
| 2 | 34 | 1 | 34 |

## 1.7. Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ аз фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи 2

Аксари низомҳои таълими анъанавӣ ба азхудкунии мавзӯъ нигаронида шудаанд, яъне омӯзгорон хонандагонро ба аз худ кардани мавзӯъ ва аз ёд кардани маълумот водор менамоянд. Чунин муносибат ба таълим дар гузашта мутобиқ буд, аммо дар замони ҳозира, ки андозаи дониш босуръат зиёд мегардад, дар рафти таълим диққати асосӣ бояд ба ташаккули малакаҳои омӯзишии хонандагон равона гардад, то онҳо тавонанд дониши зарурӣ ва маълумоти мушаххасро интихоб карда истифода баранд. Дар роҳнамоҳои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) ба истифодаи дуруст ва моҳиронаи забони тоҷикӣ ба мақсади муошират ва ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳим диққати махсус дода мешавад.

Акнун барои омӯзгорон “Хонандагон чиро меомӯзанд?” ва “Чӣ тавр меомӯзанд?” аз “Ба хонандагон чиҳоро меомӯзонанд?” муҳимтар аст. Барои баъзеҳо омӯзондан ва омӯхтан (аз худ кардан) як маъно дорад, аммо бояд дар хотир дошт, ки агар омӯзгор нодуруст дарс диҳад, ҳатто дар ҳолати дарси зиёд додан ҳам, азхудкунӣ наметавонад самарабахш бошад.

Дар низоми таълим ва арзёбии салоҳиятнокӣба дониш, малака ва маҳоратҳои воқеии хонандагон диққати махсус дода мешавад. Салоҳиятҳо фаъолиятҳоеро, ки хонандагон дар натиҷаи омӯхтан аз худ мекунанд, нишон медиҳанд.

Барои муайян кардани он ки оё хонанда салоҳиятҳоро аз худ кардааст ё не, барои ҳар салоҳият нишондиҳандаҳои он оварда мешавад. Нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд. Онҳо башумо имкони мушоҳида ва арзёбӣ карданро фароҳам оварда, нишон медиҳанд, ки то кадом андоза хонанда салоҳиятро аз худ кардааст. Тартиб додани рӯйхати пурраи нишондиҳандаҳо барои баъзе салоҳиятҳо имконнопазир аст, шояд шумораи онҳо ба садҳо нишондиҳанда расад ва микдори онҳо вобаста ба нуқтаи оғози инкишофи салоҳиятнокӣ ва вобаста ба сатҳи синф фарқ кунад.

Дар гузашта самтҳои гуногуни раванди таълим (таҳия ва татбиқи нақшаи тақвим) бештар назорат ва мушоҳида карда мешуд. Акнун натиҷаҳои таълимии хонандагон ва раванди омӯзиши онҳо бештар назорат карда мешаванд. Аз байн бурдани навъҳои дигари назорат дар ҳолате амалӣ мегардад, ки агар

1) муассисаи таълимӣ ва омӯзгорон самаранок ба низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон гузаранд.
2) тартиби ҷамъоварии маълумоти дуруст, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳоро нишон медиҳад, ба роҳ монда шавад.

Ба омӯзгорон озодии бештар дода мешавад ва дар айни замон масъулияти онҳо барои беҳтар шудани дастовардҳои таълимии хонандагон зиёд мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки арзёбии салоҳиятҳо қисми асосии ислоҳот маҳсуб меёбад.

Акнун барои омӯзгор танҳо донистани мундариҷаи фан кифоя нест. Омӯзгорон бояд дар асоси таҷриба, омӯзиши методикаи таълим, азхудкунии назарияи таълим ва маълумот оид ба ҳар як хонандаи синф барои инкишоф додани салоҳиятҳои онҳо ва таъмини пешравӣ ҷараёни таълимро ба роҳ монанд.

Дар фасли мазкур салоҳиятҳои фани табиатшиносӣ (олами атрофи мо) мувофиқи самтҳои таълим оварда мешаванд. Салоҳиятҳои ҳамаи фанҳо дорои хусусиятҳои зеринанд:

- аз рӯйи принсипи аз сода ба мураккаб тартиб дода шудаанд. Омӯзгорон метавонанд салоҳиятҳои синфи баъдинаро мушоҳида карда, мутаносибан рафти таълимро аз оғоз то анҷом ба нақша гиранд. Ин муносибати спиралии (морпеч)-и татбиқи барномаи таълим мебошад, яъне салоҳиятҳое, ки дар як синф муаррифӣ шудаанд, дар синфҳои минбаъда такмил дода мешаванд. Дар сатҳи ҳар як синф талабот ба салоҳиятнокӣ мураккабтар мегардад.
- мувофиқи самтҳои асосии таълим гурӯҳбандӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз, тартиби пешниҳоди салоҳиятҳо (малака ва маҳоратҳо) ба тартиби маводди китобҳои дарсӣ мувофиқат мекунад.
- хусусияти арзёбӣ дошта, мушоҳида мешаванд ва азхудкунии салоҳиятҳо тавассути нишондиҳандаҳо муайян мегардад.
- дар таҳияи салоҳиятҳо усули спиралӣ истифода шудааст, яъне омӯзгор барои хонандагон имконияти салоҳиятнок шуданро фароҳам меоварад. Дар синфҳои минбаъда ба хонанда имконияти ташаккули бештар дода мешавад. Ҳамин тавр, хонанда дараҷаи баландтари салоҳиятнокиро аз худ карда, ташаккул медиҳад.

### 1.7.1. Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан

Роҳнамову барномаҳои нави таълим ташаккули натиҷаҳои таълимии ҳамаи хонандагонро новобаста аз қобилият ва вазъи иҷтимоӣ дастгирӣ менамоянд. Роҳнамо ва барномаҳои мазкур ақидаеро, ки тибқи он ба ҳамаи хонандагон талаботи ягона гузошта мешавад, дастгирӣ намекунад. Он ақидаеро дастгирӣ менамояд, ки дар он ҳар як хонанда дорои маҷмӯи таҷрибаи мушаххас, инчунин дараҷаҳои гуногуни салоҳият аст. Омӯзгорон барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ масъуланд.

Самаранокии таълим тавассути ташаккули натиҷаҳои таълимии тамоми аҳли синф муайян карда мешавад, на аз рӯйи дастовардҳои таълимии якчанд хонанда. Барои амалӣ сохтани мақсади мазкур омӯзгорон бояд тарзи муайян намудани сатҳи дониши мавҷудаи хонанда ва сатҳи ниҳоии азхудкунии салоҳиятҳои ҳар як хонандаро истифода бурда тавонанд.

### 1.7.2. Принсипҳои таълими самаранок

Таълим дар он ҳолат самаранок мегардад, ки агар

– хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи базавиашон инкишоф ёбанд;
– мақсади вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд;
– мақсади таълим барои хонандагон фаҳмо бошад;
– вазифаҳои таълим мувофиқи қобилияти хонандагон таҳия шаванд;
– раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
– барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
– омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро бо мақсади мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
– ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъулият дошта бошанд;

– омӯзгорон усулҳои гуногунро бо мақсади такрор ва дар хотир нигоҳ доштани донишу малака истифода баранд;
– ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ кардан диҳанд;
– раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба “оид ба чӣ фикр кардан”;
– ҳама оид баҳаҷми донишу малакаашон ростқавл бошанд;
– нокомӣ ҳамчун қисми таркибии ҷараёни таълим шинохта шавад;
– омӯзгор раванди омӯзишро дарк кунад ва донад, ки таълим чӣ тавр бояд ба роҳ монда шавад ва онро доимо назорат кунад.

### 1.7.3. Ташаккули малакаҳоибаландидараҷаификрронӣ

Дар низоми анъанавии таълим диққати асосӣ ба бозгӯйии дониш равона гардида, ба дарку таҳлили он вақти камҷудо мешуд.

Низоми нави таълим диққати асосиро ба ташаккули баландидараҷаи фикрронӣ равона мекунад.

Мо дараҷабандии қобилиятҳои маърифатиро дар диаграммаи зерин мушоҳида карда метавонем.




Дараҷаи баланди фикронӣ тафаккурро пурра фаро мегирад, ки аз инҳо иборатанд:
– таҳияи ақида дар асоси унсурҳои санҷидашуда ва боваринок, арзёбӣ ва ҷавоб додан ба ақидаҳои дигарон;
– санҷидани ақидаҳо ё вазъиятҳо аз нигоҳи гуногун, аз ҷумла таҳлили назарҳои фарҳангҳои мухталиф;
– таҳқиқи омилҳо ва ақидаҳо бо мақсади дарёфти хулосаи мувофиқ;
– истифодаи усулҳои мухталифи тахайюлотӣ барои ҳалли масъалаҳо, махсусан масъалаҳои ношинос ва мураккаб;
– таҳия намудану пурсидани саволҳои мантиқӣ ва таҳлилӣ;
– муайян кардани мавзӯъҳо ё ҳодисаҳо ва алоқаманд намудани донишҳои фаннӣ.

Оид ба дараҷаи баланди фикрронӣ якчанд нуктаро бояд дар хотир гирифт:
1. Бо вуҷуди барои хонандагон муҳим будани малакаҳои дараҷаи баланд фикрронӣ арзёбӣ ва санҷиши ин малакаҳо хеле мушкил аст. Аз ин лиҳоз, системаи арзёбии мо бояд пурра тағйир ёбад.
2. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки малакаи дараҷаи баланди фикрронӣ маънои дар хотир нигоҳ доштани маълумотро надорад. Мақсади асосӣ таҳқиқи амиқи маълумот аст.

### 1.7.4. Алоқаи байни фаннӣ

Ҳудудҳое, ки байни фанҳои синфҳои ибтидоӣ эҷод шудаанд, қисман сунъӣмебошанд, вале барои ташкили ҷараёни таълим заруранд. Дар асл шахсе, ки якчанд фанро дар як замон омӯзад, таълими босифат мегирад. Бо назардошти ин ва фоидае, ки аз истифодаи алоқамандии фанҳо ба даст меояд (асосан алоқаи байнифаннӣ ном бурда мешавад), Вазорати маориф ва илм онро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд.

Дар асл ҳангоми таълими ҳама гуна мавзӯъ мо ҳамеша якчанд салоҳияти фанҳои мухталифро ташаккул медиҳем. Омӯзгори соҳибтаҷриба инро дарк карда, кӯшиш мекунад, мавзӯъҳоеро фаро гирад, ки салоҳиятҳои якчанд фанро дар як вақт машқ ва ташаккул диҳанд. Аммо чунин шакли таълим мавзӯъ ва усули мухталифи банақшагириро тақозо мекунад.

### 1.7.5. Салоҳиятҳои омӯзгорон

Барои татбиқи роҳнамо ва барномаи нави фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд дониш, малака ва маҳорати зеринро дошта бошад:

- назария ва принсипҳои низоми таълими салоҳиятнокиро донад ва ҷанбаҳои татбиқи амалии онро дар раванди таълим шарҳ дода тавонад;
- тарзи банақшагирӣ ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагонро донад ва ҳангоми рафти таълим истифода барад;
- усулҳои таълимиеро ки барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда мусоидат мекунанд, донад ва усули мувофиқро интихоб карда тавонад;
- усул ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро барои муайян кардани сатҳи азхудкунии салоҳиятҳо истифода бурда тавонад;
- натиҷаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро бо мақсади қабули қарори мувофиқ истифода бурда тавонад;
- роҳу воситаҳои самараноки ба хонандагон барои салоҳиятнок шудан ёрӣ расониданро донад ва дар раванди таълим истифода барад.

## II. САЛОҲИЯТҲОИ ФАННИ ТАБИАТШИНОСӢ (ОЛАМИ АТРОФИ МО) БАРОИ СИНФИ 2

**2.1. Салоҳиятҳо аз рӯйи самтҳои таълими фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо).**

**Салоҳиятҳо оид ба «Инсон ва табиат»:**

- **Хусусияти унсурҳои зинда ва ғайризиндаи маъмул ва баъзе унсурҳои ғаримаъмули табиатро муқоиса мекунад.**
- Муҳити атрофи маҳаллашонро қадр намуда, барои ҳифзи он якчанд тадбирҳо меандешад.

**Салоҳият аз рӯйи «Инсон ва ҷамъият»:**

- Роҳу воситаҳои расонидани ёриро ба оила ва ҷамъият шарҳ дода метавонад.

**Салоҳияти «Қоидаҳои бехатарии ҳаёт»:**

- Хатарҳои атрофро муайян карда, роҳҳои одии паст кардани хатарҳоро шарҳ медиҳад.

### 2.2. Баҳодиҳӣ ба салоҳиятҳои фанни табиатшиносӣ (олами атрофи мо) дар синфи 2
### Инсон ва табиат

Хусусияти унсурҳои зинда ва ғайризиндаи табиат маъмул ва баъзе унсурҳои ғаримаъмули табиат муқоиса мекунад.

***Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:***

- аз рӯйи хусусиятҳо қисмҳои ғайризинда ва зиндаи табиат фарқ мекунад;
- ҳайвонот ва ҳашароти дидаашро номбар карда метавонад;
- дарахтони мевадори маҳаллашро муайян ва муқоиса мекунад;
- номи кӯҳҳо, дарёҳо, водиҳоро номбар мекунад ва онҳоро ба таври сода муқоиса менамояд;
- оид ба хусусияти баамалоии ҳодисаҳои одии қисмҳои зинда ва ғайризиндаи табиат дар фаслҳои сол маълумот медиҳад;
- оид ба унсурҳо ва ҳодисаҳои табиӣ иншои хурд (эссе) менависад.

Муҳити атрофи маҳаллашонро қадр намуда, барои ҳифзи он якчанд тадбирҳо меандешад.

***Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:***

- сабаб ва мақсади иҷрои тадбирҳоеро, ки барои ҳифзи муҳити атроф равона шудаанд, шарҳ дода метавонад (масалан, ҷамъ овардани резаи хӯрок бо мақсади пешгирии паҳншавии калламушҳо);

- муносибати хуб ва бади инсонро нисбат ба табиат фарқ мекунад;
- оид ба табиат шеър эҷод мекунад ва мегӯяд, ки чаро ӯ табиатро дӯст медорад.;
- оид ба ҳифзи наботот ва ҳайвоноти хонагӣ иншои хурд менависад;
- бо хоҳиши худ дар маъракаҳои тоза кардани атроф иштирок мекунад.

**Инсон ва ҷамъият**

Роҳу воситаҳои расонидани ёриро ба оила ва ҷамъият шарҳ дода метавонад.

***Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:***

- якчанд роҳи расонидани ёриро ба аъзои оила шарҳ дода метавонад;
- якчанд роҳи расонидани ёриро ба шахсони берун аз оиларо шарҳ дода метавонад;
- маънои унсурҳои парчами миллӣ ва нишони давлатиро шарҳ дода метавонанд;
- Тоҷикистонро аз харита ёфта метавонад;
- аз харита (бо кумаки омӯзгор) давлати худро нишон дода метавонад;
- халқияту миллатҳои сокини Тоҷикистонро номбар карда метавонад;
- аз рӯйи хусусиятҳо ҳаёти шаҳрро аз деҳа фарқ карда метавонад;
- ҷашнҳо ва идҳои миллиро номбар мекунад ва хусусияти онҳоро шарҳ медиҳад.

**Қоидаҳои бехатарии ҳаёт**

Хатарҳои атрофро муайян карда, роҳҳои одии кам кардани хатарҳоро шарҳ медиҳад.

***Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:***

- аз рӯйи хусусиятҳо омилҳои хатарнокро ба гуруҳҳо ҷудо мекунад;
- роҳҳои пешгирии хатарҳоро аз ашёи хона ва кӯча бо мисолҳо мефаҳмонад;
- бо шахсони ношинос муносибати эҳтиёткорона мекунад;
- офатҳои табии маҳалли худро номбар карда, роҳҳои одии ҳифзи худро аз онҳо нишон медиҳад

**2.3.Салоҳиятҳои тарбиявӣ**

Таълиму тарбия дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ. Азбаски хонандагон қобилиятҳои гуногун доранд, мо бояд пешрафти хонандаро берун аз салоҳиятҳои фаннӣ низ эътироф намоем. Кӯшишу ғайрат ҳам бо низоми 6 (10, 20, 100) - балла баҳогузорӣ карда мешавад.

***Барои қайди муносибати хонанда ба омӯзиш корти ҳисоботи хонанда истифода карда мешавад, ки қисмҳои зеринро дар бар мегирад.***

Дар омӯзиши ҳар фан хислатҳои зерин нақши асосиро мебозанд.

| **Худро идора карда тавонистан** | М | О | Б |
|---|---|---|---|
| Мустақилият нишон медиҳад. | ✓ | | |
| Интизориҳои баланд дорад. | | ✓ | |
| Барои таваккал кардан омода аст. | ✓ | | |
| Тобовар аст. | | ✓ | |
| **Муносибат бо дигарон** | | | |
| Аҳамият медиҳад. | | ✓ | |
| Таҳаммулпазир аст. | | ✓ | |
| Ҳамкорӣ менамояд. | | ✓ | |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | | | |
| Эътимод нишон медиҳад. | ✓ | | |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад. | | ✓ | |
| Фаъол аст. | | ✓ | |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад. | ✓ | | |
| **Андешаронӣ** | | | |
| Дараҷаи фикррониаш баланд. | | ✓ | |
| Эҷодкор аст. | | ✓ | |

Мунтазам
Одатан
Баъзан

## 2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо

Дар ҷадвали зер нишондиҳандаҳое оварда шудаанд, ки хонандагони болаёқатро тавсиф менамоянд. Ин нишондиҳандаҳо то андозаи муайяне хусусияти инфиродӣ доранд. Ҳангоми арзёбӣ омӯзгор нишондиҳандаҳои зеринро ба эътибор мегирад.

| **Хислат** | **Нишондиҳанда ( муайянкунанда)** – Хонанда |
|---|---|
| **Худро идора намудан** | |
| Мустақилият нишон додан | Бе ёрии дигарон кор мекунад ва агар ёрӣ лозим шавад, пеш аз кумак пурсидан барои ҳалли ҳама гуна мушкилӣ аввал худ кӯшиш ба харҷ медиҳад. |
| Ба таваккал (дар омӯзиш) кардан омода аст. | Зарурати таҷриба кардани ашёро эътироф менамояд, ҳарчанд он қисман боиси нокомӣ ё танқид мешавад. |
| Тобовар аст | Бо вуҷуди мушкилот, ноумед намешавад ва кӯшиш мекунад, ки вазифаҳоро ба анҷом расонад. |
| Бовиҷдон аст | Арзишҳои худро ҳамеша, новобаста аз вазъият ҳифз менамояд. Арзишҳо инҳоянд:<br>– дар амалҳояш ростқавл аст;<br>– меҳрубонӣ зоҳир мекунад;<br>– адолатро риоя мекунад;<br>– ҳақгӯст;<br>– дар рафтору амал масъулиятшинос аст;<br>– дар амалҳояш шаффофиро риоя мекунад (ба истиснои ҳолатҳои номутобиқ);<br>– дар сахтиҳо далерӣ нишон медиҳад;<br>– фарҳанги худ ва дигаронро эҳтиром мекунад. |
| **Муносибат бо дигарон** | |
| Аҳамият медиҳад | Вақте бо дигарон кор мекунад, ба ниёзҳои онҳо аҳамият медиҳад (масалан дигаронро гӯш мекунад, сухани онҳоро намебурад). |
| Таҳаммулпазир аст | Ақида ва фарҳанги шахсони гуногунро қабул мекунад. (Ин маънои онро надорад, ки мо аз ин сӯиистифода кунем). |
| Ҳамкорӣ менамояд | Хамкорӣ мекунад, ба дигарон барои саҳм гузоштан дар иҷрои супоришҳо имкон медиҳад. |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | |
| Эътимод нишон медиҳад | Ҳангоми пурсиш ақидаашро иброз медорад ва барои иҷрои супориш на ҳамеша аз дигарон кумак меҷӯяд. |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | Ҳангоми иҷрои фаъолиятҳо оқибатҳои онро ба зима мегирад. Агар аз ӯ хоҳиш кунанд, масъулиятро ба дӯш мегирад. |
| Фаъол аст | Ғайри фаъол нест, баръакс кӯшиш мекунад, саҳми худро гузорад. |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад | Пеш аз ҳар гуна фаъолият мақсаде мегузорад, ки ба ҳалли вазифаи додашуда марбут аст. |
| **Андешаронӣ** | |
| Фикррони дараҷаи баланд | Барои анҷом додани вазифаҳо малакаҳои фикррониии баландро истифода мебарад . |
| Эҷодкор аст | Фикрҳои тоза пешниҳод мекунад. |

## III. БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ФАННИ тАБИАТШИНОСӢ (ОЛАМИ АТРОФИ МО) ДАР СИНФИ 2

**Нақшаи тақвими кории фанни табиатшиносӣ барои синфи 2**

| Бобҳои таълим | Соат | Сентябр | | | | Октябр | | | | Ноябр | | | | Декабр | | | | | Феврал | | | | Март | | | | Апрел | | | | Май | | | | Июн | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Нимсолаи 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | Нимсолаи 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Тоҷикистон – Ватани маҳбуби мо** | **4** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Табиат ва гуногунии он** | **13** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Саломатӣ ва бехатарии ҳаёт** | **7** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Одоби мо** | **4** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Сайёраи Замин** | **6** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳафтаҳои таҳсил | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | 32 | 33 | 34 | |

## НИМСОЛАИ I (17 СОАТ)

# Боби I. Тоҷикистон - Ватани маҳбуби мо

### § 1.Тоҷикистон - Ватани мо (1 соат)

**Салоҳият:**

Роҳу воситаҳои расонидани ёриро ба оила ва ҷамъият шарҳ дода метавонад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд

- шумораи аҳолии Тоҷикистонро гӯянд;
- халқияту миллатҳои сокини Тоҷикистонро номбар кунанд;
- хусусияти халқҳои гуногуни сокини Тоҷикистонро фаҳмонанд;
- хонаи ягона будани Тоҷикистонро барои ҳамаи халқу миллатҳои сокини он шарҳ диҳанд.

**Барнома.** Шумораи аҳолии Тоҷикистон. Халқҳои сокини Тоҷикистон. Хусусиятҳои фарқкунандаи халқҳо – фарқияти забонӣ, фарқият аз рӯйи тарзи либоспӯшӣ, урфу одат ва ғайра. Дӯстию рафоқати байни халқҳои сокини Тоҷикистон. Бозӣва лаҳзаи дамгирӣ. Кор бо китоб, расмҳо ва воситаҳои навишторӣ. Мушоҳида, таҳлил ва муҳокима.

**Методикаи таълим.**

1) Ба хонандагон бо саволҳои зерин муроҷиат кунед:
   - *Шумо кадом халқу миллатҳои Тоҷикистонро медонед?*
   - *Онҳо аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?*
   - *Шумо ба кадом миллат мансуб мебошед?*
   - *Муносибати халқҳои сокини Тоҷикистон чӣ гуна аст?*

   Ба таври кӯтоҳ саволҳоро муҳокима намуда, фаъолиятро ҷамъбаст кунед. Аз рӯйи саволи якум метавонед «кластер» пур кунед.
2) Оид ба шумораи аҳолии Тоҷикистон, халқҳои сокини Тоҷикистон, хусусияти ҷойгиршавӣ (шаҳру деҳот), забон ва тарзи либоспӯшии онҳо ба хонандагон маълумот диҳед.
3) Кор бо расм. Аз расмҳои дастрас истифода бурда, намояндагони халқҳои гуногуни Тоҷикистонро ба хонандагон фаҳмонед.Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки хусусиятҳои фарқкунандаи онҳоро муайян кунанд. Муқоисаро аз рӯйи нишондиҳандаҳои зерин ба роҳ монед:
   - *Забон;*
   - *Сару либос;*
   - *Тарҳи рӯй.*
4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳои асосии мавзӯъро дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтарашон кӯчонанд. Мафҳумҳои асосии дарс чунин буда метавонанд: *Дар Тоҷикистон халқҳои гуногун зиндагӣ мекунанд. Онҳо бо ҳам дӯст мебошанд.*
6) Мустаҳкамкунӣ. Ба хотири барқарор намудани робитаи мутақобила ва мустаҳкамкунии дарс масъалаҳои асосии мавзӯи имрӯзаро аз хонандагон пурсед ва ҷавобҳои онҳоро ҷамбаст карда, хулосаҳои дарсро бароред.
7) Дарсро ҷамъбаст намоед меҳнати хонандагонро қадр кунед.

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зер арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Шумораи аҳолии Тоҷикистон чӣ қадар аст?*
- *Дар Тоҷикистон кадом халқҳо зиндагӣ мекунанд?*
- *Онҳо аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?*
- *Кадом миллат дар Тоҷикистон аз ҳама зиёд аст аз ҷиҳати шумора?*
- *Муносибати халқҳои сокини Тоҷикистон чӣ гуна аст?*

## § 2. Табиати шаҳр ва деҳоти мо (1 соат)

**Салоҳият:**

Роҳу воситаҳои расонидани ёриро ба оила ва ҷамъият шарҳ дода метавонад.

Муҳити атрофи маҳаллашонро қадр намуда, барои ҳифзи он якчанд тадбирҳо меандешад.

**Мақсади таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- хусусияти манзараҳои шаҳр ва деҳотро шарҳ диҳанд;
- аз рӯйи шакли зоҳирӣ табиати шаҳрро аз деҳа фарқ кунанд;
- аз рӯйи расму тасвирҳо ва мушоҳидаҳои худ оид ба ҳаёти шаҳр ё деҳот иншои хурд (эссе) нависанд;
- якчанд шаҳрҳои калонтарини Тоҷикистонро аз харита нишон диҳанд.

**Барнома.** Хусусияти табиати шаҳр ва деҳот. Ҳаёти шаҳр ва деҳот. Шуғли одамони шаҳр ва деҳот. Фарқияти шаҳр аз деҳот. Ҳифзи табиати шаҳр ва деҳот. Шаҳрҳои калонтарини Тоҷикистон. Кор бо расму тасвирҳо ва матн. Мушоҳида, таҳлил ва муқоиса.

**Методикаи таълим.** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зер истифода бурда метавонед. Дар дарси мазкур хонандагон донишҳои дар натиҷаи мушоҳидаҳои ҳаётии худ пайдокардаро такмил медиҳанд.

1) Масъалагузорӣ. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед ва фикрҳои онҳоро шунавед. Атрофи саволҳо муҳокимарониро ба роҳ монед:
   - *Шумо дар куҷо зиндагӣ мекунед?*
   - *Маҳалли зисти шумо ба шаҳр дохил мешавад ё деҳот?*
   - *Дар маҳалли зисти шумо одамон бо кадом корҳо машғуланд?*
   - *Маҳалли шумо аз дигар маҳалҳо чӣ фарқдорад?*
2) Кор бо расмҳо. Расмҳои зерро ба хонандагон нишон диҳед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки фикрҳояшонро оид ба он гӯянд. Бо саволҳои зерин муроҷиат кунед:
   - *Шаҳр аз деҳот чӣ фарқ дорад?*
   - *Дар шаҳр кадом иншоотҳо мавҷуданд?*
   - *Мардуми шаҳр чӣ кор мекунанд?*
   - *Дар деҳот мардум бо кадом корҳо машғул мешаванд?*

Расми шаҳр




Расми деҳот



3) Суҳбат оид ба хусусияти фарққунандаи шаҳру деҳот. Ба хонандагон оид ба шаҳру деҳот ва хусусиятҳояшон маълумот дода, фарқияти онҳоро фаҳмонед. Оид ба ҳифзи табиати шаҳру деҳот маълумот диҳед. Бамасъалаҳое, ки ҳангоми кор бо расмҳо пурра ҳал нашуда буданд, равшанӣ андозед.

Матн барои истифода:

*Шаҳр ва деҳа ҷойи аҳолинишин мебошанд. Дар шаҳр кӯчаҳо ва биноҳои баландошёна зиёданд. Заводу фабрикаҳо, музей, театр, муассисаҳои илмию маърифатӣ ва бозору мағозаҳо асосан дар шаҳр ҷойгир шудаанд. Дар кӯчаҳои шаҳр мошинҳои гуногун, автобус, тролейбус ва дигар нақлиёти мусофирбар хеле зиёд ҳаракат мекунанд. Аҳолии шаҳр дар корхонаҳо, нақлиёт, муассисаҳои маърифатию фарҳангӣ, табобатӣ ва бозору мағозаҳо кор мекунанд.*

*Табиати шаҳрҳои мо хеле зебо ва дилкашанд. Дар кӯчаю гулгаштҳои шаҳрҳо дарахтони сояафкан ва буттаҳои ороишӣ зиёд шинонида шудаанд. Инчунин, дар шаҳр боғҳо ва майдонҳои фароғатӣ вуҷуд доранд, ки бо гулу гиёҳҳои зебо оро дода шудаанд. Одамон аз тамошои онҳо ҳаловат мебаранд ва истироҳат мекунанд. Ҳар як шахс бояд ба қадри дарахтон, буттаҳо ва гулу гиёҳи шаҳр расад ва онҳоро ҳифз намояд,зеро рустаниҳо ҳусни шаҳрро зебо мегардонанд.*

4) Кори гурӯҳӣ – навиштани иншои хурд. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед ва ба онҳо (гурӯҳҳо) чунин супориш диҳед:
   - *Дар гурӯҳ маслиҳат намуда, дар муддати 5 дақиқа, интихобан, оид ба ҳифзи табиати шаҳр ё деҳоти худ иншои хурд (эссе) нависед;*

- *Иншоятон аз 5 ҷумла кам набошад;*
- *Метавонед аз китоби дарсӣ истифода баред;*
- *Иншои навиштаатонро ба дигарон хонед.*

5) Кор бо харита. Номи якчанд шаҳри калони Тоҷикистонро ба хонандагон гӯед ва аз харита онҳоро нишон диҳед. Масалан, шумо метавонед шаҳрҳои – Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва Хоруғро ба онҳо нишон диҳед. Малакаҳои кор бо харитаро бо хонандагон машқ кунед. Барои ин хонандагони хоҳишмандро ба назди харита даъват карда, аз онҳо хоҳиш кунед, ки шаҳрҳоро нишон диҳанд.
6) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳои зеринро дар тахта нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтар кӯчонанд. Мафҳумҳо:
   - *Шаҳр;*
   - *Деҳот;*
   - *Шуғли мардуми шаҳр ва деҳот;*
   - *Фарқияти шаҳр аз деҳот;*
   - *Ҳифзи табиати шаҳр ва деҳот.*
7) Заҳмати хонандагонро қадр кунед. Бо суханони рӯҳбаландкунанда табъи онҳоро болида гардонед.

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зер арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Шаҳр чӣ гуна нуқтаи аҳолинишин аст?*
- *Деҳа чӣ гуна маҳалли аҳолинишин аст?*
- *Тарзи ҳаёти мардуми шаҳр ва деҳотро шарҳ диҳед.*
- *Деҳа ва шаҳрро аз рӯйи чӣ фарқ кардан мумкин аст?*
- *Дар кадоми онҳо муассисаҳои фарҳангӣ ва илмӣ зиёданд?*
- *Оид ба ҳифзи табиати шаҳр ва деҳот нақл кунед.*
- *Шаҳрҳои калони Тоҷикистонро аз харита нишон диҳед.*

## § 3. Манзараҳои нотакрори табиати кишвари мо (1 соат)

**Салоҳият:**

Хусусияти унсурҳои зинда ва ғайризиндаи маъмул ва баъзе унсурҳои ғаримаъмули табиатро муқоиса мекунад..

**Мақсади таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- манзараҳои маъмули табиии Тоҷикистонро номбар кунанд;
- аҳамияти манзараҳоро дар зебогии табиати Тоҷикистон фаҳмонанд;
- хусусияти баъзе ёдгориҳои табиии кишварро ба таври сода шарҳ диҳанд;
- расми яке аз манзараҳои табии кишварро тасвир кунанд.

**Барнома.** Манзараҳои аҷоиби табииро аз рӯйи кадом аломатҳо муайян мекунед? Аҳамияти манзараҳои табиии Тоҷикистон. Аломатҳои манзараҳои табиӣ. Фарқияти манзараҳои табиӣ аз рӯйи аломатҳо. Ҳифзи манзараҳои табиӣ. Кор бо расму тасвирҳо ва матн. Мушоҳида, таҳлил ва муқоиса. Шарҳи масъалаҳо барои дарки мавзӯъ.

**Методикаи таълим.** Барои гузаронидани машғулият дар поён якчанд тавсияҳои методиро пешкаш мекунем. Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои мазкур истифода бурда метавонед.

1) Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед: *Кадоме аз шумо ба тамошои манзараҳои табиат рафтааст? Кӣба куҷо рафтааст? Дар он ҷо чиро мушоҳида*

*кардед? Ҳолати тозагии табиати дидаатон чӣ гуна буд?* Атрофи ин саволҳо суҳбат ташкил кунед ва фикрҳои хонандагонро шунавед.

2) Оид ба манзараҳои аҷиби табиати кишвар ба хонандагон маълумот диҳед. Мазмуни маълумот чунин буда метавонад:
«*Кишвари мо - Тоҷикистони азиз табиати ниҳоят зебо дорад. Тоҷикистон нафақат бо кӯҳу водиҳо, инчунин бо манзараҳои беназири табиаташ низ шуҳрат дорад.* ***Кони намаки Хоҷамуъмин****. Ин кон дар ноҳияи Восеи минтақаи Кӯлоб воқеъ аст. Баландии он 870 метрро ташкил медиҳад.Ҷариҳои ин кӯҳи намакин то 300 метр баландӣ доранд. Аз он намаки ошӣ истеҳсол мекунанд.* ***Сӯхтори ангиштсанги кӯҳи Малик.*** *Ин сӯхтор аз замонҳои қадим ин ҷониб давом дорад. Аз 40 ҷойи тарқиши замин буғи тафсон, ки то 300 дараҷа гармӣ дорад, фашшосзанон мебарояд.* ***Кони ангиштсанги Равоти Фон-Ягноб.*** *Аҷоиботи ин кон дар он аст, ки дар байни қабатҳояш нақши танаю баргҳои дарахтони қадимиро дидан мумкин аст. Олимон муайян кардаанд, ки онҳо 130 миллион сол пеш мерӯйиданд.* ***Гармчашмаи Помир****. Ҳарорати оби чашма то 62 дараҷа гарм аст буда, аз байни сангҳои садафмонанд фаввора зада мебарояд. Аз муолиҷаи ин оби шифо ҳар сол садҳо беморони касалиҳои пӯст сиҳат мешаванд.* ***Хоҷаобигарм*** *чашмаи шифобахшиобаш гарм буда, дар нишебии ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор, дар ноҳияи Варзоб ҷойгир аст. Ҳар сол ҳазорҳо одамон аз ҷумҳурии худамон ва дигар кишварҳо барои истироҳат ва муолиҷа ба инҷо меоянд. Дар назди ин чашма калонтарин истироҳатгоҳ сохта шудааст.* ***Чилучорчашма*** *яке аз мӯъҷизаҳои табиии кишвари мо ба ҳисоб меравад. Он дар ноҳияи Шаҳритус ҷойгир аст. Дар ин ҷо аз зери теппа дар масофаи начандон калон чилу чор чашмаи обаш софу ширин ҷӯш мезанад. Ҳар сол ҳазорҳо одамон ба ин мавзеъ барои тамошо ва истироҳат меоянд.* ***Лаълу лоҷуварди Бадахшон*** *аз қадим шуҳрати ҷаҳонӣ доранд. Аз ин конҳо сангҳои қиматбаҳоро гирифта, ҳар гуна чизҳои ороишӣ месозанд****. Минтақаҳои истироҳат ва туризм*** *дар тамоми қаламрави ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд доранд. Машҳуртарин ҷойҳои истироҳатии Тоҷикистон дараи Варзоб ва Ромит мебошанд. Ёдгориҳои табиат аз таъсири обшусташавӣ, бодхӯрдашавӣ, гарму хунукшавӣ ва муносибати хунукназаронаи одамон тадриҷан вайрон мешаванд. Ҳар кас бояд ёдгориҳои табиати маҳалли худро донад ва муҳофизат намояд.*

3) Бозӣ – ёфтани ҳарфҳои партофташуда. Кори дунафарӣ. Номи манзараҳои табиии кишварро, ки баъзе ҳарфҳояш партофта шудааст, дар варақчаҳо нависед ва ба дунафараҳо тақсим кунед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҳарфҳои партофташударо ёфта, номи онҳоро муайян кунанд. Ба ҷойи ҳарфҳои партофташуда нуқтаҳо гузошта шудааст. Намуна:
   - Ч..у..р.....а
   - Г.......ш.а
   - ......мин
   - Хо...б....м
   - Л.ъ.. ло....ди Б....ш.н
   - К... анг..с..г. Р...т
   - Ми..қ..и ту..зм
4) Масъалаҳои асосии мавзӯъро бори дигар ба хонандагон хотиррасон карда, дониши онҳоро мустаҳкам кунед.
5) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳо:
   - *Манзараҳои аҷиби табиат;*
   - *Ҳифзи манзараҳои аҷиби табиат.*
6) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед ва супориши хонагӣ диҳед. Супориш ба хона:

*-Оид ба мавзӯи имрӯза бо аҳли оилаатон маслиҳат кунед ва роҳҳои ҳифзи маҳалли худро муайян намоед.*

**Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зер арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Кадом манзараҳои аҷиби кишварро медонед?*
- *Онҳоро номбар кунед.*
- *Хусусияти манзараҳои аҷиби табиии кишварро шарҳ диҳед.*
- *Барои ҳифзи манзараҳои табиӣ кадом корҳоро анҷом додан мумкин аст?*
- *Шумо дар хона чӣ гуна табиатро ҳифз мекунед?*

### § 4. Ҷашнҳои миллӣ– Наврӯз ва Меҳргон (1 соат)

**Салоҳият:**

- Роҳу воситаҳои расонидани ёриро ба оила ва ҷамъият шарҳ дода метавонад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд:

- ҷашнҳо ва идҳои миллиро номбар кунанд;
- хусусияти идҳои миллиро шарҳ диҳанд;
- вақти ҷашн гирифтани идҳоро гуфта, вобастагии онҳоро бо фаслҳои сол фаҳмонанд;
- аз рӯйи мазмуни расмҳо идҳоро аз ҳам фарқ кунанд;
- чорабиниҳоеро, ки дар ин идҳо ба нақша гирифта мешаванд, номбар кунанд ва хусусияти онҳоро бо суханони худ фаҳмонанд.

**Барнома.** Идҳо ва ҷашнҳои миллии тоҷикон. Хусусияти идҳои миллӣ. Иди Наврӯз ва хусусиятҳои он. Иди Рамазон ва иди Қурбон. Давра (вақт)-и ҷашнгирии идҳои миллӣ. Ташкили чорабиниҳо вобаста ба идҳои миллӣ. Кор бо расм, варақаҳо ва матн. Мушоҳида ва таҳлил. Бозиҳои таълимӣ ва бартарафкунандаи мондашавӣ.

**Методикаи таълим.** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳо ва маслиҳатҳои зер истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз намоиши расми зер оғоз кунед:




Аз рӯйи расм бо хонандагон саволу ҷавоб кунед. Намунаи саволҳо:

- *Дар расмҳо шумо кадом манзараро мебинед?*
- *Одамон чӣ кор карда истодаанд?*
- *Дар дасти бачаҳо чӣ аст?*
- *Ин корҳоро мардуми мо дар кадом вақт ба ҷо меоваред?*

2) Шинос намудани хонандагон бо хусусияти идҳои миллӣ. Мазмуни зерро ба хонандагон пешниҳод карда метавонед:

*Ҳар як халқ урфу одат, идҳо ва ҷашнҳои ба худ хос дорад. Тоҷикон низ ҷашн ва идҳои миллии худро доранд. Наврӯз ва Меҳргон ҷашнҳои миллии мо мебошанд.*

***Наврӯз** ҷашни қадимаи тоҷикон мебошад. Онро гузаштагони мо ҳазорҳо сол пеш ҷашн мегирифтанд. Ҳар сол 21 март дар Тоҷикистон Наврӯз ҷашн гирифта мешавад. Ҷашни Наврӯз ба фасли баҳор, айёми киштукори деҳқонон рост меояд. Дар наврӯз мардум либоси идона пӯшида, ба сайру гашт мебароянд ва хурсандӣ мекунанд. Дастархони идонаи Наврӯзро суманак ва ҳар гуна таомҳои миллӣ оро медиҳанд. Гӯштингирӣ, бузкашӣ ва дигар бозиҳои шавқовар гузаронида мешаванд. Наврӯзро на фақат дар Тоҷикистон, балки дар бисёр давлатҳои дунё ҷашн мегиранд.*

***Меҳргон.** Ҷашни Меҳргон низ яке аз идҳои миллии мо мебошад. Меҳргон ба фасли тирамоҳ рост меояд. Дар ватани мо ҷашни Меҳргонро ҳамчун мавсими ҷамъоварии ҳосил қайд мекунанд. Дар давраи ҷашни Меҳргон зироати ғалладона ва полизӣ мепазад. Деҳқонон ҳосили меваю сабзавотро меғундоранд. Рӯйи дастархонро дастранҷи боғбону деҳқонон оро медиҳанд.*

3) Бозӣ. Кор бо варақаҳо – муайян кардани хусусияти идҳои миллӣ. Дар варақаҳо хусусияти идҳоро навишта, ба хонандагон тақсим кунед (мувофиқи расидаш). Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо навбат варақаи дар дасташон бударо бо овози баланд хонанд ва дигарон муайян кунанд, ки ин маълумот ба кадом ид тааллуқ дорад. Намунаи варақаҳо:

| | | |
|---|---|---|
| Хӯрокҳои миллӣ ва бомаза мепазанд. | Табиат ҷомаи сабз ба бар мекунад. | Одамон ба кишту кор машғул мешаванд. |
| Дар ин иди миллӣ суманак мепазанд. | Одамон ба ҷамъоварии ҳосил машғул мешаванд | Ба фасли тирамоҳ рост меояд |
| …… …….. …. | ……. ………….. | ……. … ……….. |

4) Масъалаҳои асосии мавзӯъро бори дигар хотиррасон намуда, дониши хонандагонро мустаҳкам кунед.
5) Навиштани мафҳумҳои асосии мавзӯъ. Дар тахтаи синф мафҳумҳои асосиро нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтарашон кӯчонанд. Мафҳумҳои асосӣ:
   - *Иди миллӣ;*
   - *Наврӯз;*
   - *Баробарии шабу рӯз;*
   - *Пухтани суманак;*
   - *Иди Меҳргон;*
   - *Ҷамъоварии ҳосил.*

6) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро бо суханони мусбӣ қадр кунед ва супориши хонагӣ диҳед. Интихобан оид ба яке аз идҳои миллӣ дар ҳаҷми 4-5 ҷумла ҳикоя нависед.

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зер арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Идҳои миллиро номбар кунед.*
- *Иди Наврӯз дар кадом фасл ҷашн гирифта мешавад?*
- *Хусусияти иди Наврӯзро шарҳ диҳед.*
- *Оид ба иди Меҳргон маълумот диҳед.*
- *Суманакро дар кадом ид мепазанд?*
- *Наврӯз дар кадом фасл ҷашн гирифта мешавад?*
- *Иди Меҳргон ба кадом фасл рост меояд?*

## Боби II. Табиат ва гуногунии он

### §5. Қисмҳои зинда ва ғаризиндаи табиат (1 соат)

**Салоҳият:**

Хусусияти унсурҳои зинда ва ғайризиндаи маъмул ва баъзе унсурҳои ғаримаъмули табиатро муқоиса мекунад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд:

- хусусиятҳои табиати ғайризиндаро гӯянд;
- хусусиятҳои табиати зиндаро шарҳ диҳанд;
- аз рӯйи хусусиятҳо табиати зиндаро аз ғайризинда фарқ кунанд;
- аз рӯйи расму тасвирҳо унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаро нишон диҳанд;
- расми намояндагони табиати зинда ва ғайризиндаро тасвир кунанд.

**Барнома.**Табиати ғайризинда. Табиати зинда. Хусусияти қисмҳои зинда ва ғайризиндаи табиат. Фарқияти онҳо. Муайян кардани намояндагони табиати зинда ва ғайризинда аз рӯйи расмҳо. Мушоҳида ва таҳлил. Кор бо расму тасвирҳо. Муқоисаи объекти омӯзиш.

**Методикаи таълим.**

1) Дарсро аз навиштани номи қисмҳои ғайризинда ва зиндаи табиат оғоз кунед. Мафҳумҳоро дар тахтаи синф нависед:
   - санг,
   - дарахт,
   - хок,
   - гов,
   - гӯсфанд,
   - ангишт,
   - одам,
   - оҳан,
   - мошин,
   - Офтоб,
   - моҳӣ,
   - шапалак,
   - Моҳтоб,

– занбӯр,
– дучарха ва ғайра.

2) Масъалагузорӣ аз рӯйи мафҳумҳо. Ба хонандагон чунин супориш диҳед: мафҳумҳои дар тахта навишташуда📍ро ба зинда ва ғайризинда ҷудо кунед. Ин корро хонандагон метавонанд дунафарӣ иҷро кунанд. Ҷавоби онҳоро шунавед ва дар тахтаи синф ҷадвали зеринро тасвир намуда, мафҳумҳоро дар он ҷобаҷо кунед. Намунаи ҷавдвал:

| Табиати зинда | Табиати ғайризинда |
|---|---|
| • Гов<br>• Дарахт<br>• Гӯсфанд<br>• Одам<br>• Моҳӣ<br>• Шапалак<br>• Занбӯр | • Санг<br>• Хок<br>• Ангишт<br>• Оҳан<br>• Мошин<br>• Моҳтоб<br>• Дучарха |

3) Шиносоӣ бо хусусиятҳои табиати ғайризинда ва зинда. Суҳбатро оид ба ин масъала атрофи маълумоти зерин бурда метавонед:*Рустаниҳо, ҳайвонот, парандаҳо, боришот, абрҳо, вазидани шамол, дарёҳо, кӯлҳо, пиряххо, кӯҳҳо ва тиру камон ашё ва ҳодисаҳои табиат мебошанд. Он чизҳое, ки аз тарафи инсон офарида шудааст,ба ашёи табиат дохил намешавад. Табиат ба навъҳои зинда ва ғайризинда ҷудо мешавад. Нашъу намо танҳо ба табиати зинда хос аст. Табиати зинда ғизо мегирад, нафас мекашад, месабзад, зиёд мешавад ва мефавтад.*
*Ба табиати ғайризинда об, ҳаво, хок, санг, ашёи одам сохта ва ғайра дохил мешаванд. Бе ҳаво, об, гармӣ ва равшании офтоб инсон, рустаниҳо ваҳайвонҳо вуҷуд дошта наметавонанд. Табиати зинда ва ғайризинда бо ҳамдигар зич алоқаманд мебошанд.*
Ҳангоми суҳбат аз расмҳои дастрас истифода баред.
4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Мустаҳкамкунии донишу малака. Оид ба масъалаҳои асосии мавзӯъ бо хонандагон саволу ҷавоб намоед ва дониши онҳоро мустаҳкам кунед.
6) Дарсро ҷамъбаст намуда, меҳнати хонандагонро қадр кунед.
7) Супориши хонагӣ. Интихобан, расми ягон намояндаи табиати зинда ва ғайризиндаро тасвир кунед.

**Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зер арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
- *Ба табиати ғайризинда чӣ дохил мешавад?*
- *Ба табиати зинда чӣ дохил мешавад?*
- *Табиати зинда аз ғайризинда чӣ фарқ дорад?*
- *Хусусияти табиати зинда ва ғайризиндаро шарҳ диҳед.*
- *Шумо ба табиати зинда дохил мешавед ё ғайризинда?*
- *Дарахт, дучарха, мошин. Кадоми онҳо ба табиати зинда дохил мешавад?*
- *Алоқамандии табиати ғайризинда ва зиндаро шарҳ диҳед.*

## §6. Ашёи табиӣ ва сунъӣ (1 соат)

**Салоҳият:**

Хусусияти унсурҳои зинда ва ғайризиндаи маъмул ва баъзе унсурҳои ғаримаъмули табиатро муқоиса мекунад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд:

- ашёи табииро номбар кунанд;
- хусусияти онҳоро бо суханони худ шарҳ диҳанд;
- ашёи табииро аз ашёи сунъӣ фарқ кунанд;
- аз кадом ҷисм сохта шудани асбобу анҷоми рӯзгорро фаҳмонанд;
- ашёи табиӣ ва сунъиро гурӯҳбандӣ намоянд.

**Барнома.** Ашёи табиӣ. Гуногунии ашёи табиӣ. Хусусияти ашёи табиӣ. Ашёи сунъӣ. Хусусияти ашёи сунъӣ. Фарқияти ашёи табиӣ ва сунъӣ аз рӯйи хусусиятҳо. Ба роҳ мондани муқоисаи объектҳои омӯзиш. Истифодаи матн, расмҳо ва тасвирҳо. Мушоҳида ва таҳлили объектҳои омӯзиш.

**Методикаи таълим.**

1) Дарсро аз саволгузорӣ оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед ва фикрҳои онҳоро шунавед:
   – *Чиро мо ашё мегӯем?*
   – *Ба ашёи табиӣ чӣ дохил мешавад?*
   – *Кадом ашёи сунъиро медонед?*
   – *Ашёи сунъӣ аз ашёи табиӣ чӣ фарқ дорад?*

   Ҳангоми муҳокимаи саволҳо ҳаракат кунед, ки ҳамаи хонандагон ба ҷараён ворид шаванд. Барои ин фаъолият вақти зиёдро сарф накунед.
2) Кор бо расмҳо. Расмҳои зерро ба хонандагон нишон диҳед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки номи онҳоро гӯянд ва муайян кунанд, ки кадоми ин ашёҳо табиӣ, кадомашон сунъӣ мебошад. Расмҳо:













3) Кори гурӯҳӣ. Муайян кардани хусусияти ашёҳои табиӣ ва сунъӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед. Тарзи гурӯҳбандиро худатон муайян кунед. Ба гурӯҳҳо чунин супориш диҳед:

– *Хусусияти ашёи додашударо дар ҷадвал муайян кунед;*
– *Барои кумак матни китобро хонед ва аз маводди он истифода баред.*
Намунаи чадвале, ки ба хонандагон (гурӯҳҳо) тақсим карда мешавад:

| **Ашё** | **Хусусиятҳои он** |
|---|---|
| Об | |
| Ручка | |
| Санг | |
| Миз | |

4) Муаррифии корҳо. Ба хонандагон муроҷиат карда, хоҳиш кунед, ки аз ҳар гурӯҳ як нафар ба назди тахтаи синф баромада, натиҷаи корашонро ба дигарон шинос кунад. Гурӯҳҳои дигар баромади рафиқонашонро бодиққат гӯш карда, ҷойҳои нофаҳмояшро мепурсанд ё иловаҳо ворид мекунанд.
5) Бозӣ - муқоисаи ашёҳои табиӣ ва сунъӣ. Хусусияти ашёҳои гуногуни табиӣ ва сунъиро ба хонандагон гӯед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки муайян кунанд – ин ашёи табиӣ аст ё сунъӣ? Ҷавобҳои хонандагонро худатон бо иловаҳо пурра кунед.
Масалан:
   - ✓ *Ин ашё моеъ аст ва аз худаш равшаниро мегузаронад. (об)*
   - ✓ *Шаклаш гуногун буда метавонад – майда, миёна, калон. Сахт аст ва рангҳои гуногун дорад. (санг)*
   - ✓ *Ин ашё аз гил сохта шудааст ва онро барои обгирӣ истифода мебаранд. (кӯза ё дигар зарфи гилин)*
   - ✓ *Мева ҳосил мекунад, баргашро ҳайвонот истеъмол мекунанд. (дарахт)*
   - ✓ *Мо ба он савор шуда, ба шаҳр меравем. Аз метал, резин, шиша ва пласмасса сохта шудааст.*
   - ✓ *Мо дар паси ин ашё нишаста, дарс тайёр мекунем. Аз оҳан ва чӯб сохта шудааст. (миз)*
   - ✓ *ва ғайра ………*
   - ✓ …………….
6) Дарсро ҷамъбаст намуда, меҳнати хонандагонро қадр кунед ва супориши хонагӣ диҳед.
7) Супориши хонагӣ.
   – *Номи ашёҳои табиӣ ва сунъиро дар ҷадвали зер нависед. Агар душворӣ кашед, аз падару модаратон хоҳиш кунед, ки ба шумо кумак кунанд:*

| **Ашёи табиӣ** | **Ашёи сунъӣ** |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |

**Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зер арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
– *Кадом ашёи табииро номбар карда метавонед?*
– *Ашёи сунъиро номбар кунед.*

- *Хусусияти ашёҳои табиӣ ва сунъиро гӯед.*
- *Ашёҳои табиӣ аз ашёи сунъӣ чӣ фарқ дорад?*
- *Дар мактаб шумо аз кадом ашёи табиӣ ё сунъӣ истифода мебаред?*
- *Дар хона чӣ?*
- *Ашёе, ки бо дасти одам сохта шудааст ,чӣ ном дорад?*
- *Ашёи сунъӣ аз чӣ сохта мешавад?*

## § 7. Дар бораи осмону ситораҳо чиҳо медонед? (1 соат)

**Салоҳият:**

- Хусусияти унсурҳои зинда ва ғайризиндаи маъмул ва баъзе унсурҳои ғаримаъмули табиатромуқоиса мекунад..

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд

- оид баҷойгиршавӣ ва шумораи ситораҳо маълумот диҳанд;
- мафҳуми "бурҷ"-ро шарҳ диҳанд;
- яке аз ситораҳо будани Офтобро гӯянд;
- аҳамияти Офтобро барои инсон ва табиат бо суханони худ шарҳ диҳанд;
- расми Офтоб ва осмону ситораҳоро тасвир кунанд.

**Барнома.** Осмон. Ситораҳо. Микдори ситораҳо дар осмон. Бурҷҳои осмонӣ. Тасаввуроти одамони қадим оид ба осмони ситоразор. Офтоб – ситора. Аҳамияти Офтоб барои табиати Замин ва одам. Кор бо расмҳо ва матн. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Тасвири объекти омӯзиш. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим**. Тавсияҳои зерин барои гузаронидани дарс ба шумо кумак хоҳанд кард.

1) Дарсро аз водоркунӣ ва ҷалби диққати хонандагон оғоз кунед. Бо ин мақсад аз саволҳои зерин истифода баред:
   - *Шумо шабона ба осмони соф нигоҳ кардаед?*
   - *Ғайр аз Моҳтоб дар осмон боз чиро мебинед?*
   - *Оё ситораҳо зиёданд?*
   - *Онҳоро ҳисоб кардан мумкин аст?*
   - *Офтоб ҳам ситора аст?*

   Атрофи масъалаҳо бо хонандагон суҳбат кунед, фикрҳои онҳоро шунавед. Дар ҷараёни пурсиш-посух ҳаракат кунед, ки ҳамаи хонандагони хоҳишманд фикрҳои худро баён кунанд.
2) Намоиши расм ва кор бо он. Ба хонандагон расми осмони ситоразор ва Офтобро нишон диҳед:


Осмони ситоразор



Аз онҳо хоҳиш кунед, ки расмҳоро муқоиса кунанд ва савол диҳед: *Ба андешаи шумо Офтоб калон аст ё ситораҳо?* Албатта хонандагон калон будани Офтобро тасдиқ мекунанд. Ба онҳо гӯед, ки ҳоло мо дар бораи ситораҳо ва Офтоб маълумот мегирем ва боз ба ин савол бармегардем.

3) Шиносоӣ бо ситораҳо ва Офтоб. Оид ба хусусияти одии ситораҳо ва Офтоб ба хонандагон маълумот диҳед. Ҷараёни фаҳмондадиҳиро ба тариқи суҳбат ба роҳ монед. Мазмуни маълумот чунин буда метавонад:
«*Ситораҳо дар фазо хеле зиёданд. Шумораи онҳоро ҳисоб карда намешавад. Мо аз рӯйи замин танҳо 3000 ситорарo дида метавонему халос. Сабаб дар он аст, ки ситораҳо хеле дурҷойгир шудаанд ва мо фақат ситораҳои наздикро мебинем. Баъзе ситораҳо ниҳоят калон буда, аз Офтоб низ калонтаранд. Ҳамаи ситораҳо ҷисми тафсонанд ва аз худашон нур мебароранд. Одамон аз замонҳои қадим ситораҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, онҳоро бурҷ номидаанд. Офтоб низ яке аз ситораҳо аст. Офтоб барои табиати Замин ва одамон аҳамияти калон дорад. Офтоб манбаи гармӣ ва равшанӣ аст. Гармии Офтоб ба наботот ва ҳайвонот ҷон мебахшад. Одамон низ аз нури Офтоб истифода мебаранд. Барои он Офтоб ба назар калон менамояд, ки нисбати ситораҳо ба мо наздик ҷойгир шудааст*».
4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Баргаштан ба расми Офтобу ситораҳо. Бо саволи «*Ба андешаи шумо Офтоб калон аст ё ситораҳо?*» бори дигар ба хонандагон муроҷиат кунед ва фикрҳои онҳоро шунавед. Дар охири муҳокимаи ин саволро қайд кунед: - *Дар асл Офтоб баробари ситораи миёна аст. Агар мо ду тӯби футболиҳаҷмашон якхеларо гирем, якеашро дар назди тиреза ва дигарашро дар берун, дур аз тиреза гузорем, он гоҳ ба чашми мо тӯби дар назди тирезабуда калон менамояд. Сабаб дар он аст, ки ҳар қадар ҷисм аз назари мо дурҷойгир шавад, ҳамон қадар хурд менамояд.*
6) Бо хотиррасон шудани масъалаҳои асосии мавзӯъ дарсро мустаҳкам кунед.
7) Навиштани мафҳумҳои асосии мавзӯъ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мафҳумҳои зерро дар дафтарашон нависанд ва онҳоро дар хотир гиранд. Мафҳумҳоро дар тахтаи синф нависед?
   - ✓ *Ситора;*
   - ✓ *Ҷисми тафсон;*
   - ✓ *Офтоб;*
   - ✓ *Манбаи гармӣ ва равшанӣ.*
8) Дарсро ҷамъбаст намуда, меҳнати хонандагонро бо суханони рӯҳбаландкунанда қадр кунед ва супориши хонагӣ диҳед. Супориш ба хона:
- *Интихобан, расми осмони ситоразор ё Офтобро дар албом тасвир кунед.*

**Арзёбӣ.** Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
- *Ситора чист?*
- *Ситораҳо чӣ гуна ҷисмҳои осмонӣ мебошанд?*
- *Чаро ситораҳо ба назари мо хурд менамоянд?*
- *Шумораи ситораҳо чӣ қадар аст?*
- *Офтоб чист?*
- *Чаро Офтоб ба назари мо калон ва ситораҳо хурд менамоянд?*
- *Аҳамияти Офтобро барои табиат ва одамон шарҳ диҳед.*

## § 8. Тирамоҳ– фасли заррин (1 соат)

**Салоҳият:**

Хусусияти унсурҳои зинда ва ғайризиндаи маъмул ва баъзе унсурҳои ғаримаъмули табиатро муқоиса мекунад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд:

- яке аз фаслҳои сол будани тирамоҳро гӯянд;
- айёми хазонрезро бо суханони худ тавсиф кунанд;
- хусусияти обу ҳавои тирамоҳро шарҳ диҳанд;
- шуғли одамонро дар ин фасл тавсиф кунанд;
- ҳолати табиати зинда ва ғайризиндаро фаҳмонанд;
- манзараи фасли тирамоҳро тасвир кунанд.

**Барнома.** Тирамоҳ фасли сол. Моҳҳои фасли тирамоҳ. Хусусиятҳои тирамоҳ – обу ҳаво, хазонрез, айёми ҳосилғундорӣ, ҳолати табиати зинда ва ғайризинда. Шуғли одамон дар фасли тирамоҳ. Шуғли дӯстдоштаи бачаҳо дар ин фасл. Кор бо матн ва расмҳо. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.

**Методикаи таълим.** Бо мақсади самаранок гузаронидани машғулияти мазкур дар поён якчанд тавсияҳои методӣ пешниҳод мегарданд. Ҳангоми таҳияи нақшаи дарс шумо аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Масъалагузорӣ + суҳбат. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ба саволҳои зерин ҷавоб диҳанд:

Саволҳо:

– *Тирамоҳ чӣ гуна фасл аст?*
– *Ба фасли тирамоҳ кадом моҳҳо дохил мешаванд?*
– *Ҳоло кадом фасл аст?*
– *Зебогии ин фасл дар чӣ аст?*
– *Дар беруни синф кадом ҳолати табиатро дида истодаед?*

Атрофи ин саволҳо бо хонандагон суҳбат кунед. Фикри ҳамаи хонандагони хоҳишмандро гӯш кунед ва имконият , то хонандагон ҷавобҳои якдигарро пурра кунанд.

2) Кори гурӯҳӣ аз рӯйи расм ва ҳолати табиат. Хонандагонро ба 4 гурӯҳ ҷудо кунед. Расми манзараи тирамоҳро ба онҳо нишон диҳед ва хоҳиш кунед, ки онро тавсиф кунанд. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷиҳатҳои монанди расм ва табиати берунро муайян намоянд.

Расм:



Гурӯҳҳо кори худро муаррифӣ мекунанд ва ҷавоби ҳар як гурӯҳ муҳокима карда мешавад.

3) Шиносоӣ бо фасли тирамоҳ. Оид ба фасли тирамоҳ ва хусусиятҳои он ба тариқи суҳбат ба хонандагон маълумот диҳед. Барои тақвияти суханҳоятон аз табиати беруни тирезаи синф истифода баред.
4) Бозии таълимӣ - «Чаро ман ин фаслро дӯст медорам?». Аз хонандагон хоҳиш кунед, шарҳ диҳанд, ки аз кадом ҷиҳат фасли тирамоҳро дӯст медоранд.
5) Суҳбат оид ба шуғли одамон дар фасли тирамоҳ. Аз хонандагон пурсед: Одамон дар фасли тирамоҳ ба кадом корҳо машғуланд? Ҷавобҳои онҳоро гӯш кунед ва маълумотро муттаҳид карда, оид ба шуғли асосии одамон дар фасли тирамоҳ ба онҳо маълумот диҳед. Аз расмҳои китоб истифода баред.
6) Лаҳзаи дамгирӣ.
7) Мавзӯи имрӯзаро такрор намуда, дарсро ҷамъбаст кунед.
8) Хонандагонро мусбат дастгирӣ кунед – «Офарин бачаҳо», «Шумо имрӯз хуб меҳнат кардед», «Ҳамаатон кор кардед» ва ғайра.
9) Вазифаи хонагӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мавзӯъро ҳамроҳи падару модар аз китоб хонанд ва оид ба тирамоҳ бо онҳо суҳбат кунанд.

**Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зер арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Моҳҳои фасли тирамоҳро номбар кунед.*
- *Чаро тирамоҳро фасли заррин мегӯянд?*
- *Одамон дар ин фасл ба кадом корҳо машғуланд?*
- *Табиати зинда ба кадом дигаргуниҳо дучор мешавад?*
- *Чаро шумо фасли тирамоҳро дӯст медоред?*
- *Баъд аз фасли тирамоҳ кадом фасл меояд?*

## § 9. Ҳодисаи табиӣ чист? (1 соат)

**Салоҳият:**

Хусусияти унсурҳои зинда ва ғайризиндаи маъмул ва баъзе унсурҳои ғаримаъмули табиатро муқоиса мекунад.

**Мақсади таълим.** Хонандагон бояд:

- мафҳуми «ҳодисаи табиӣ»-ро шарҳ диҳанд;
- аз рӯйи хусусиятҳо ҳодисаҳои табииро аз ҳам фарқ кунанд;
- оид ба ин ё он ҳодисаи табиӣ аз ҳаёт мисол оранд;
- ба саволҳои гузошташуда оид ба ҳодисаҳои табиӣ ҷавоб гӯянд;
- аз рӯйи вақти ба вуҷудоиашон ҳодисаҳои табииро ба фаслҳои сол мувофиқ кунанд.

**Барнома.** Ҳодисаҳои табиӣ. Гуногунии ҳодисаҳои табиӣ. Хусусияти фарқкунандаи ҳодисаҳои табиӣ. Ҳодисаҳои табиӣ вобаста ба фаслҳои сол. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Кор бо матн ва расму тасвирҳо. Бозиҳои таълимӣ барои дарки масъала. Мушоҳида, таҳлил ва муқоиса.

**Методикаи таълим.**

1) Ангезиши зеҳн. Дарсро аз муҳокимаи масъалаҳои зерин оғоз кунед:
   -*Ҳодисаи табиӣ чист?*
   - *Кадом ҳодисаҳои табииро номбар карда метавонед?*

Фикрҳои хонандагонро шунавед ва ба онҳо имкон диҳед, то ҷавобҳои ҳамдигарро пурра кунанд. Ҷавобҳои хонандагонро дар нақшаи зерин (кластер) ҷой кунед. Вобаста баҷавоби хонандагон хӯшаҳои кластерро каму зиёд кардан мумкин аст:




2) Шиносоӣ бо ҳодисаҳои табиӣ. Оид ба ҳодисаҳои табиӣ ба хонандагон маълумот диҳед. Зимни фаҳмондани масъалаҳо аз расмҳои дастрас истифода баред. Ҷараёни фаҳмондадиҳиро дар шакли суҳбат ба роҳ монед. Мазмуни маълумот чунин буда метавонад:

*Ҳодисаҳои табиӣ ниҳоят зиёданд. Масалан, боридани барфу борон, вазидани шамол, яхбандӣ, баромадани тиру камон, раъду барқ, баромадан ва фурӯ рафтани Офтоб, гул ва барг кардани рустаниҳо, хазон шудани барги рустаниҳо, ба минтақаҳои гарм кӯч бастани парандаҳо ва ғайра – ҳамаи ин ҳодисаи табиӣ мебошанд.*

*Баъзе ҳодисаҳои табиӣ дар фасли муайяни сол ба амал меоянд. Масалан, ҳодисаи раъду барқ дар фасли баҳор ва тирамоҳ ба вуҷуд меоянд. Сабзу хуррам шудани табиат дар баҳор ва зарду хазон шудани табиат дар фасли тирамоҳ.*

*Ҳодисаҳои табиие ҳастанд, ки ба фаслҳои сол вобастагӣ надоранд. Масалан, тулӯъ ва ғуруби Офтоб, иваз шудани рӯзу шаб, иваз шудани фаслҳои сол ва ғайра.*

3) Кор бо расмҳо. Расмҳои зеринро ба хонандагон нишон диҳед ва аз рӯйи онҳо масъалагузорӣ кунед. Саволҳо аз рӯйи расмҳо:

- *Дар расм кадом ҳодисаҳоро дида истодаед?*
- *Ин ҳодисаҳо аз ҳам чӣ фарқ доранд?*
- *Ин ҳодисаҳо ба кадом фасл вобастагӣ доранд?*
- *Кадоми ин ҳодисаҳо ба фаслҳои сол алоқамандӣ надоранд?*
- *Оид ба кадоме аз ин ҳодисаҳои табиӣ маълумот дода метавонед?*
- *Шумо боз кадом ҳодисаҳои табииро медонед?*
- 



4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Мустаҳкамкунии донишҳо. Мафҳумҳои асосии мавзӯъро ба хонандагон бори дигар хотиррасон кунед ва дониши онҳоро мустаҳкам намоед.
6) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳои зеринро дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтарашон кӯчонанд. Мафҳумҳои асосӣ:
   - *Ҳодисаи табиӣ*
   - *Гуногунии ҳодисаҳои табиӣ*
   - *Хусусиятҳои ҳодисаҳои табиӣ*
   - *Фарқияти ҳодисаҳои табиӣ*
7) Дарсро ҷамъбаст намуда, меҳнати хонандагонро қадр кунед.
8) Супориши хонагӣ. *Матни китобро хонда, расми ягон ҳодисаи табииро дар албоматон тасвир кунед.*

**Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Кадом ҳодисаҳои табииро медонед?*
- *Ҳодисаҳои табиӣаз ҳам чӣ фарқ доранд?*
- *Хусусияти ягон ҳодисаи табииро шарҳ диҳед.*
- *Кадом ҳодисаҳои табиӣба фаслҳои сол алоқамандӣ доранд?*
- *Кадом ҳодисаҳои табиӣ новобаста ба фаслҳои сол ба амал меоянд?*

- *Ҳодисаҳои табиии маҳаллатонро номбар кунед, ки ба фаслҳо вобастагӣ дошта бошанд.*
- *Тулӯъ ва гуруби Офтоб чӣ гуна ҳодисаи табиӣ аст?*

## § 10. Чаро обу ҳаво тағйир меёбад? (1 соат)

**Салоҳият:**

Хусусияти унсурҳои зинда ва ғайризиндаи маъмул ва баъзе унсурҳои ғаримаъмули табиатро муқоиса мекунад..

**Мақсади таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- фаҳмиши обу ҳаворо шарҳ диҳанд;
- унсурҳои обу ҳаворо номбар кунанд;
- хусусияти баъзе унсурҳоро бо суханони худ фаҳмонанд;
- вобаста ба фаслҳои сол ҳолати обу ҳаворо шарҳ диҳанд;
- оид баҳолати обу ҳавои маҳалли худ маълумотнома тартиб диҳанд.

**Барнома.**Обу ҳаво чист? Кадом унсурҳо обу ҳаворо ташкил медиҳанд? Хусусияти обу ҳавои маҳал.Ҳолати обу ҳаво дар фаслҳои сол. Истгоҳи обуҳавосанҷӣ. Ҷадвали мушоҳидаи обу ҳаво. Кор бо расму тасвирҳо, матн ва ҷадвал. Мушоҳида, таҳлил ва муқоиса. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим.** Дар поён якчанд намунаи усули таълимро пешкаш менамоем. Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои мазкур истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз суҳбат оид бамушоҳидаи ҳолати кунунии обу ҳавои маҳал оғоз кунед. Диққати хонандагонро ба берун ҷалб карда, савол диҳед: *Имрӯз дар берун чӣ гуна обу ҳаво аст? Ҳаво гарм аст ё хунук? Ҳаво абрнок аст ё соф? Оё ҳама вақт ҳолати обу ҳавои маҳал чунин аст?*
   Фикрҳои хонандагонро шунавед, ҷавобҳои хонандагонро бо кумаки ҳамсинфонашон пурра кунед. Дар охири суҳбат хонандагонро ба хулосае оред, ки *ҳолати обу ҳавои маҳалли муайянро дар муддати кӯтоҳ обу ҳавои ҳамон маҳал* меноманд.
2) Шиносоӣ бо хусусиятҳои обу ҳаво. Оид ба обу ҳаво ва хусусиятҳои он, тағйирёбии обу ҳаво дар фаслҳои сол ба хонандагон маълумот диҳед. Мазмуни маълумот чунин буда метавонад: «*Обу ҳаворо омилҳои табиӣба вуҷуд меоранд. Ба омилҳои табиӣ гармӣ, хунукӣ, бод (шамол), боришот ва ғайра дохил мешаванд. Вобаста ба фаслҳои сол ҳолати обу ҳаво низ тағйир меёбад. Масалан, дар фасли тобистон ҳаво гарм буда, борону барф намеборад. Фасли зиимистон хунук аст ва барфи зиёд меборад. Дар фаслҳои баҳор ва тирамоҳ ҳаво салқин мешавад ва борону жола меборад. Дар тамоми фаслҳои сол бод мевазад. Бодҳои тобистона гарм ва бодҳои зимистона хунуканд. Ҳолати обу ҳаворо дар истгоҳҳои обуҳавосанҷӣ муайян мекунанд ва бо воситаи телевизиону радио ба одамон хабар медиҳанд*».Ҳангоми фаҳмондани масъалаҳо аз расму тасвирҳои дастрас истифода баред.
3) Амалия – **тартиб додани ҷадвали мушоҳидаи обу ҳаво.** Дар якҷоягӣ бо хонандагон ҷадвали мушоҳидаи обу ҳаворо тартиб диҳед. Ҷадвалро дар тахтаи синф тасвир кунед ва бо маслиҳати хонандагон унсури мушоҳидаро интихоб кунед. Аз онҳо пурсед, ки оид ба кадом унсури обу ҳаво мехоҳанд мушоҳидаро ба роҳ монанд. Барои мушоҳидаи обу ҳаво хонандагонро бо аломатҳои шартӣ шинос кунед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки аломатҳоро дар албомашон қайд кунанд. Намунаи аломатҳои шартӣ барои мушоҳидаи обу ҳаво.

Аломатҳои шартӣ барои мушоҳидаи ҳолати ҳаво (осмон):

○ - Осмони соф

◐ - Ҳавои тағйирёбанда (гоҳ абрнок, гоҳ соф)

● - Ҳавои абрнок

Аломатҳои шартӣ барои мушоҳидаи боришот:

 - Борон

 - Барф

 - Жола

 - Туман

Аломатҳои шартӣ барои нишон додани қувваи бод (шамол)

 - Бебод (шамол нест)

 - Шамоли суст

 - Шамоли қуввааш миёна

 - Шамоли сахт

Ҳамчун намуна метавонед ҷадвали мушоҳидаи обу ҳавои маҳалро нишон диҳед. Хонандагон онро дар албомашон тасвир мекунанд.
Намуна:

Ҷадвали моҳонаи мушоҳидаи обу ҳаво

| **Моҳ** | **О К Т Я Б Р** | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Рӯзҳои ҳафта*** | ***Душанбе*** | ***Ҷумъа*** | ***Душанбе*** | ***Ҷумъа*** | ***Душанбе*** | ***Ҷумъа*** | ***Душанбе*** | ***Ҷумъа*** |
| ***Сана*** | ***03. 10*** | ***07. 10*** | ***11. 10*** | ***14. 10*** | ***18. 10*** | ***22. 10*** | ***24. 10*** | ***29. 10*** |
| Ҳолати обу ҳаво | ○ | ○ | ○ | ◐ | ◐ | ● | ◐ | ○ |
| Боришот | | | | | |  | | |
| Қувваи бод |  |  |  |  |  |  |  |  |
| Ҳарорати ҳаво | $+27^0$ | $+27^0$ | $+25^0$ | $+23^0$ | $+24^0$ | $+20^0$ | $+22^0$ | $+24^0$ |

Бо хонандагон барои тартиб додани ҷадвали мушоҳидаи обу ҳаво маслиҳат намуда, ба онҳо супориш диҳед, ки ҷадвали мушоҳидаро барои ҳар моҳ тартиб диҳанд ва

дар охири сол натиҷаи мушоҳидаи солонаи обу ҳавои маҳалли худро бароварда метавонанд. Қайд кунед – *Аҳамияти мушоҳидаи обу ҳаво дар он аст, ки шумо оид ба обу ҳавои маҳалли худ маълумоти бештар мегиред.*

4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Мустаҳкамкунӣ. Масъалаҳои асосии мавзӯъро ба хонандагон ёдрас кунед ва дониши онҳоро мустаҳкам намоед. Бо ин мақсад аз саволҳо истифода бурда метавонед.
6) Дарсро хулоса ва ҷамъбаст кунед, меҳнати хонандагонро қадр намоед ва супориши хонагӣ диҳед.

Супориши хонагӣ:

-Матни китобро хонед ва ҷадвали мушоҳидаи обу ҳаворо бо волидайн муҳокима кунед.

**Арзёбӣ.** Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

– *Обу ҳаво чист?*
– *Кадом омилҳо обу ҳаворо ташкил медиҳанд?*
– *Ҳолати обу ҳаво дар фаслҳои гуногуни сол чӣ гуна аст?*
– *Обу ҳавои фасли тирамоҳро шарҳ диҳед.*
– *Чаро дар ҳама фасл ҳолати обу ҳаво як хел нест?*
– *Оид ба обу ҳавои маҳалли худ маълумот диҳед.*
– *Мушоҳидаи обу ҳаво чӣ аҳамият дорад?*

## § 11. Об дар табиат. Хосиятҳои об (1 соат)

**Салоҳият:**

Хусусияти унсурҳои зинда ва ғайризиндаи маъмул ва баъзе унсурҳои ғаримаъмули табиатро муқоиса мекунад.

**Мақсади таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

• обро ҳамчун минерали табиӣ шиносанд;
• ҳодисаҳои табииеро, ки ба об вобастаанд, номбар кунанд;
• ҳолатҳои обро дар табиат номбар кунанд;
• аҳамияти обро барои табиат ва инсон шарҳ диҳанд;
• бо мисолҳои мушаххаси ҳаётӣ истифодаи обро аз тарафи инсон нишон диҳанд;
• зарурати тоза нигоҳ доштани обро бо суханони худ фаҳмонанд.

**Барнома.** Об минерали бебаҳои табиӣ. Се ҳолати об. Ҳодисаҳои табиие, ки ба об вобастаанд. Аҳамияти об барои табиат ва инсон. Тоза нигоҳ доштани об вазифаи ҳар яки мост! Алоқаманд намудани мазмуни омӯзиш бо ҳаёти воқеӣ. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Кор бо матн, воситаҳои навишторӣ ва расму тасвирҳо.

**Методикаи таълим.** Ҳангоми банақшагирии дарс аз маслиҳат ва тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз намоиши расми зерин оғоз кунед:



Расмро ба хонандагон нишон диҳед ва аз онҳо пурсед: *Дар расм чӣ тасвир ёфтааст? Ғайр аз дарё боз чиро мушоҳида мекунед? Дарё аз чӣ иборат аст? Оби дарё барои чӣ лозим аст?* ва ғайра. Тавассути ин саволҳо диққати хонандагонро ба масъалаи об ҷалб намуда, ба онҳо фаҳмонед, ки дарси имрӯзаи мо дар бораи об аст.

2) Масъалагузорӣ оид ба истифодаи об. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки оид ба истифодаи об дар хонаи худ маълумот диҳанд. Бо ин мақсад аз саволҳои зерин истифода бурда метавонед:
   - ✓ *Шумо обро дар хона бо кадом мақсад истифода мебаред?*
   - ✓ *Ғайр аз шустушӯй ва хӯрокпазӣ боз обро барои кадом корҳо истифода бурдан мумкин аст?*
   - ✓ *Агар об намебуд, мо чӣ тавр зиндагӣ мекардем?*

   Диққати хонандагонро ба ин масъала ҷалб кунед, ки об дар ҳаёти мо аҳамияти калон дорад ва бе об зиндагӣ карда намешавад. Агар чунин бошад, пас биёед, дар бораи об пурратар маълумот гирем.
3) Шиносоӣ бо маълумот оид ба об. Маълумотро ба тариқи суҳбат ба хонандагон расонед. Аз таҷрибаи хонандагон пурсон шавед.Бигзор онҳо оид ба ин ё он масъала аз чизҳои дида ё шунидаи худ нақл кунанд. Мазмуни маълумот чунин буда метавонад:

*Об минерали табииест, ки дар кураи Замин ба миқдори зиёд паҳн гаштааст. Аз чор се ҳиссаи сатҳи заминро об ишғол кардааст. Дар кураи Замин об асосан дар баҳру уқёнусҳо ҷойгир шудааст. Оби тоза ранг, бӯй ва маза надорад.*

*Об якчанд хосиятҳо дорад. Яке аз хосиятҳои об дар се ҳолат будани он мебошад (моеъ, сахт, буғ). Оби дарё, кӯл, чашма ва баҳру уқёнусҳо дар ҳолати моеъ мебошад. Дар фасли зимистон ҳаво хунук мешавад ва об аз таъсири хунукӣ ба ях табдил меёбад. Заррачаҳои барф ва донаҳои жола оби яхкарда мебошанд. Дар фасли баҳор ва тобистон вақте ки ҳаво гарм мешавад, мо аз сатҳи замин бухор шудани обро мушоҳида мекунем,яъне об аз ҳолати моеъ ба ҳолати буғ табдил меёбад. Абр ва туман аз буғи об иборатанд.*

*Хосияти дигари об ҳалкунандагии он аст. Об дар табиат бисёр моддаҳоро дар худ ҳал мекунад. Масалан, шакар ва намак дар об ҳал шуда, ғайб мезананд ва мо маҳлули онҳоро ба даст меорем.*

*Бисёр ҳодисаҳои табиӣ ба об вобастагӣ доранд. Масалан, боридани борон ва барфу жола, ба вуҷуд омадани селу обхезӣ, пайдоиши абру туман ва ғайра.*

*Об манбаи ҳаёт ва мӯъҷизаи табиӣ аст. Бе об олами зинда вуҷуд дошта наметавонад. Об барои сабзидани рустаниҳо ва зинда мондани ҳайвонҳо хеле зарур аст. Инсон обро*

*барои нӯшидан, шустани бадан ва либос, пухтани хӯрок, обёрӣ намудани растаниҳо ва бо об таъмин кардани чорвои хонагӣ истифода мебарад. Одамон инчунин, аз қувваи об истифода бурда, нерӯйи барқ истеҳсол мекунанд.*
*Тозаю озода нигоҳ доштани об вазифаи ҳар яки мост!*
Дар ҷараёни суҳбат аз расмҳои дастрас истифода баред. Масалан, расми зеринро барои муайян кардани хосиятҳои об (ҳангоми ях кардан, васеъшавии об) истифода бурда метавонед:



Чаро зарфи шишагин кафид?

4) Таҷриба – ҳалшавии ҷисмҳо дар об. Каме намак ё шакарро гирифта, ба стакони обдор андозед ва бо чӯбча омехта кунед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷараёнро бодиққат мушоҳида кунанд ва ҳалшавии ҷисмҳоро дар об бо чашми худ бинанд.
5) Кори гурӯҳӣ – муайян кардани се ҳолати об дар шароити хона. Хонандагонро ба чор гурӯҳ ҷудо кунед. Усули гурӯҳбандӣ ба ихтиёри омӯзгор. Ҷадвали зеринро дар тахтаи синф тасвир кунед ва тарзи истифодаи онро ба хонандагон фаҳмонед:
6)

| Дар ҳолати моеъ | Дар ҳолати ях | Дар ҳолати буғ |
|---|---|---|
| | | |

Агар вараќи калон (флипчарт) ва маркер (фломастер) бошад, ба гурӯҳҳо тақсим кунед (дар ҳолати набудани ин чизҳо дар дафтар иҷро мекунанд).
Ба гурӯҳҳо чунин супориш диҳед:
- *Оид ба се ҳолати об аз рӯзгор мисолҳо оред;*
- *Фикрҳоятонро дар ҷадвал нависед;*
- *Коратонро ба дигарон муаррифӣ кунед.*

Намунаи кори бачаҳо чунин буда метавонад:

| Дар ҳолати моеъ | Дар ҳолати ях | Дар ҳолати буғ |
|---|---|---|
| 1. Оби нӯшиданӣ;<br>2. Оби шустушӯй;<br>3. Обе, ки барои хӯрокпазӣ истифода мебарем; | 1. Дар фасли зимистон обе, ки дар берун аст, ях мебандад ва мо онро гарм карда истифода мебарем; | 1. Вақте ки обро меҷӯшонем, бухори он хориҷ мешавад;<br>2. Ин чизро ҳангоми ҷӯшонидани чой ва |

| | | |
|---|---|---|
| 4. Обе, ки барои об додани рустаниҳо ва чорво истифода мебарем. | 2. Дар фасли тобистон обро дар яхдон гузошта, ях мекунонем ва барои хунук кардани нӯшокиҳо истифода мебарем;<br>3. Дар рӯйи яху барф мо яхмолакбозӣ мекунем. | хӯрокпазӣ мушоҳида кардан мумкин аст. |

7) Лаҳзаи дамгирӣ.
8) Масъалагузорӣ оид ба тоза нигоҳ доштани оби маҳал. Ба хонандагон бо саволҳои зерин муроҷиат кунед ва фикрҳои онҳоро шунавед. Ҳаракат кунед, ки дар раванди саволу ҷавоб ҳамаи хонандагон иштирок кунанд:
   - *Дар маҳалли шумо кадом обҳо мавҷуданд (дарё, кӯл, чашма ва ғайра)?*
   - *Обҳои маҳалли шумо чӣ гуна ифлос мешаванд? Кӣ онҳоро ифлос мекунад?*
   - *Барои тоза нигоҳ доштани обҳои маҳал чӣ кор кардан мумкин аст?*
   - *Шумо дар тоза нигоҳ доштани обҳои маҳалли худ чӣ кор карда метавонед?*
9) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Маҳумҳои асосии мавзӯъро дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтарашон кӯчонанд. Мафҳумҳо:
   - *Об неъмати бебаҳост;*
   - *Об дар се ҳолат мешавад;*
   - *Табиати зинда ва одам бе об зиндагӣ карда наметавонанд.*
10) Дарсро ҷамъбаст намуда, меҳнати хонандагонро қадр кунед ва супориши хонагӣ диҳед. Супориш ба хона:
   - ✓ *Матни китобро хонед ва оид ба дарси имрӯза бо аҳли хонавода суҳбат кунед.*

**Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Об чист?*
- *Чанд ҳиссаи сатҳи заминро об ишғол кардааст?*
- *Оби кураи замин асосан дар куҷо ҷойгир шудааст?*
- *Хосиятҳои обро номбар кунед.*
- *Оид ба хосиятҳои об мисол оред.*
- *Кадом ҳодисаҳои табиӣ ба об вобастаанд?*
- *Аҳамияти обро барои табиат шарҳ диҳед.*
- *Аҳамияти об барои инсон аз чӣ иборат аст?*
- *Чаро мо бояд обро тоза нигоҳ дорем?*
- *Барои тоза нигоҳ доштани об кадом корҳоро анҷом додан мумкин аст?*

## § 12. Бойигариҳои зеризаминӣ (1 соат)

**Салоҳият:**

Хусусияти унсурҳои зинда ва ғайризиндаи маъмул ва баъзе унсурҳои ғаримаъмули табиатро муқоиса мекунад.

**Мақсади таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- ҷинсҳои куҳии зеризаминиро номбар кунанд;
- соҳаи истифодаи баъзе ҷинсҳои кӯҳиро гӯянд;
- оид ба хусусияти канданиҳои фоиданок маълумот диҳанд;
- роҳҳои истифодаи канданиҳои фоиданокро фаҳмонанд;

- аз рӯйи коллексия ва расмҳо ҷинсҳои кӯҳӣ ва канданиҳои фоиданокро нишон диҳанд ва фарқ кунанд.

**Барнома.**Ҷинсҳои кӯҳӣ. Минералҳо. Канданиҳои фоиданок. Канданиҳои фоиданоки маъданӣ. Канданиҳои фоиданоки ғайримаъданӣ. Канданиҳои фоиданоки сӯзишворӣ. Аҳамияти ҷинсҳои кӯҳӣ ва канданиҳои фоиданок. Алоқаманд кардани мазмуни таълим бо ҳаёт. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Бозиҳо. Кор бо матн, ҷадвал, расму тасвирҳо ва коллексияи канданиҳои фоиданок.

**Методикаи таълим.**Умедворем, ки тавсияҳои методии зерин барои гузаронидани дарс ба шумо кумак хоҳанд кард.Ҳангоми банақшагирии дарс аз онҳо истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз саволу ҷавоб оғоз кунед. Саволҳо метавонанд чунин бошанд:
   – *Шумо ягон маротиба заминро кофтаед?*
   – *Шояд шумо дар ҳавлиатон ягон намуди зироат мекоред?*
   – *Ҳангоми шудгор ё нарм кардани замин аз зери хок чӣ баромаданаш мумкин?*
   – *Агар ба зери замин чуқур кофта равем, аз зери он чӣ мебарояд?*

   Оид ба ин масъалаҳо фикрҳои хонандагонро шунавед ва диққати онҳоро ба дарс ҷалб кунед.
2) Шиносоӣ бо минералҳо ва канданиҳои фоиданок. Оид ба ҷинсҳои таркиби замин ба хонандагон маълумот диҳед. Мазмуни зеринро пешниҳод карда метавонед:
   *Дар зери замин асосан ҷинсҳои кӯҳӣ мавҷуданд. Ҷинсҳои кӯҳӣ аз минералҳои ҷудогона иборат мебошанд. Ҷинсҳои кӯҳӣ ва минералҳое, ки инсон истифода мебарад, канданиҳои фоиданок ном доранд. Канданиҳои фоиданок ба навъҳои маъданӣ, ғайримаъданӣ ва сӯзишворӣ ҷудо мешаванд. Канданиҳои фоиданоки маъданӣ шакли сахт ва ранги гуногун доранд. Ба ин маъдани оҳан мисол шуда метавонад. Намаксанг, рег ва оҳаксанг канданиҳои фоиданоки ғайримаъданӣ мебошанд. Рег ва оҳаксангро барои сохтмон ва ороиши биноҳову роҳҳо истифода мебаранд. Намаки оширо аз намаксанг истеҳсол мекунанд, ки мо онро дар хӯрок истифода мебарем.*
   *Нефт, гази табиӣ ва ангишт канданиҳои фоиданоки сӯзишворӣ мебошанд. Ин канданиҳои фоиданок хусусияти сӯзандагӣ доранд.*
   Дар рафти суҳбат аз расму тасвирҳо истифода баред. Агар дар мактаб коллексияи канданиҳои фоиданок мавҷуд бошад, онро низ истифода бурда, хонандагонро бо намунаҳои гуногуни канданиҳои фоиданок шинос кунед.
3) Масъалагузорӣ. Бо саволи зерин ба хонандагон муроҷиат намоед ва ҷавобҳои онҳоро муҳокима кунед: «Шумо дар хона кадом канданиҳои фоиданокро истифода мебаред?».
4) Амалия-бозӣ дар гурӯҳҳо. Хонандагонро ба се гурӯҳ ҷудо карда, чунин супориш диҳед:
   - Канданиҳои фоиданокро аз рӯйишарҳи овардашуда дар ҷадвал мувофиқ гузоред. Ҳарфҳои ҳар яке аз шарҳи овардашударо, дар зери хонаи мувофиқ нависед.
   Шарҳи канданиҳои фоиданок:
   А) Ба ин намуди канданиҳои фоиданок ангишт, газ ва нафт дохил мешаванд.
   Б) Ба ин намуди канданиҳои фоиданок маъдани оҳан мисол шуда метавонад.
   В) Рег,қум ва оҳаксанг намунаи ин шакли канданиҳои фоиданок мебошанд.
   Намунаи ҷадвал:

| Кандании фоиданоки маъданӣ | Кандании фоиданоки ғайримаъданӣ | Кандании фоиданоки сӯзишворӣ |
|---|---|---|
| | | |

Дар вақти муаррифии корҳо хонандагон хатоҳои якдигарро ислоҳ мекунанд. Агар сарфаҳм нараванд, омӯзгор диққати шогирдонро ба хато ҷалб мекунад.

5) Лаҳзаи дамгирӣ.
6) Мустаҳкамкунӣ. Лаҳзаҳои асосии дарсро бори дигар ба хонандагон хотиррасон кунед. Бо онҳо саволу ҷавоб ва дарсро мустаҳкам кунед.
7) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтарҳояшон мафҳумҳоро нависанд ва дар хотир нигоҳ доранд. Мафҳумҳоро дар тахта нависед. Мафҳумҳои асосии дарс:
   - *ҷинсҳои кӯҳӣ;*
   - *минералҳо;*
   - *канданиҳои фоиданок;*
   - *канданиҳои фоиданоки маъданӣ, ғайримаъданӣ ва сӯзишворӣ.*
8) Дарсро ҷамъбаст намуда, меҳнати хонандагонро қадр кунед ва супориши хонагӣ диҳед. Супориш барои хона:
   - *Матни китобро хонед ва ҷойҳои нофаҳморо бо волидонатон муҳокима кунед.*

**Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
- *Дар зери замин кадом ҷинсҳо мавҷуданд?*
- *Ҷинси кӯҳӣ чист?*
- *Минерал чист?*
- *Кандании фоиданок чист?*
- *Аҳамияти канданиҳои фоиданокро шарҳ диҳед.*
- *Канданиҳои фоиданок ба кадом гурӯҳҳо ҷудо мешаванд?*
- *Шумо дар хона кадом кандании фоиданокро истифода мебаред?*

## § 13. Рустаниҳо ва аҳамияти онҳо (1соат)

**Салоҳият:**

Хусусияти унсурҳои зинда ва ғайризиндаи маъмул ва баъзе унсурҳои ғаримаъмули табиатро муқоиса мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:
- рустаниҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо кунанд;
- хусусияти гиёҳ, бутта ва дарахтонро шарҳ диҳанд;
- сохти умумии рустаниро фаҳмонанд;
- аҳамияти рустаниҳоро барои табиат ва инсон фаҳмонанд;
- зарурати ҳифзи рустаниҳоро шарҳ диҳанд;
- расми рустании дилхоҳашонро тасвир намоянд.

**Барнома.** Рустанӣ – организми зинда. Ба гурӯҳҳо ҷудо кардани рустаниҳо – гиёҳ, бутта ва дарахт. Хусусияти гурӯҳҳои рустанӣ. Аҳамияти рустанӣ барои табиат. Аҳамияти рустанӣ барои инсон. Ҳифзи рустаниҳо. Кор бо матн, расм ва тасвирҳо. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Алоқаманд намудани мазмун бо ҳаёт.

**Методикаи таълим.** Ҳангоми банақшагирии дарс аз маслиҳатҳои зерин истифода бурда метавонед.Умедворем, ки ин тавсияҳо барои гузаронидани дарс ба шумо кумак хоҳанд кард.

1) Дарсро аз масъалагузорӣ оид ба рустаниҳо оғоз намоед. Барои ин ба дониши аз синфи якум бадастовардаи хонандагон такя карда метавонед. Чунин саволҳо диҳед:

– *Дар синфи якум мо оид ба рустаниҳо кадом донишҳоро аз худ карда будем?*
– *Рустаниҳоро ба кадом гурӯҳҳо ҷудо мекунанд?*
– *Онҳо аз ҳам чӣ фарқ доранд?*

Дар атрофи ин саволҳо бо хонандагон суҳбат кунед. Барои ин фаъолият вақти зиёдро сарф накунед. Мақсад бедор кардани дониши пешинаи хонандагон аст.

2) Кор бо расмҳо – гурӯҳбандии рустаниҳо. Расмҳои зерро ба хонандагон нишон диҳед ва хоҳиш кунед, ки онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо кунанд. Кадоме аз ин рустаниҳо бутта, кадомаш гиёҳ ва кадомаш дарахт аст? Фарқияти байни гиёҳ, бутта ва дарахтро фаҳмонед.


Расми 1


Расми 2


Расми 3

3) Маълумот оид ба рустаниҳо. Аз расму тасвирҳои дастрас истифода бурда, хонандагонро бо хусусияти рустаниҳо шинос кунед. Ҳангоми шинос кардан ба масъалаҳои зерин диққат диҳед:

***Сохти умумии рустанӣ.*** *Рустанӣ организми зинда аст. Ҳар як рустанӣ аз реша, тана ва навда иборат аст. Барг, гул ва меваи рустаниҳо дар навдаи он ҷой мегиранд. Нигаред ба расм.*




***Аҳамияти рустаниҳо барои табиат.*** *Рустаниҳо ба табиат зебоӣ медиҳанд. Дар табиат аксари ҳайвонот хӯроки рустанигӣ истеъмол мекунанд. Рустаниҳо манбаи нафаскашии организмҳои зинда мебошанд. Рустаниҳо ҳаворо аз гарду чанг тоза мекунанд.*

***Аҳамияти рустаниҳо барои одам.*** *Одам аз рустаниҳо асосан гизо ҳосил мекунад. Рустаниҳо барои одам манбаи витамин ва моддаҳои ғизоӣ мебошанд. Одам инчунин аз рустаниҳои нахдор либосворӣ мегирад. Чӯбу тахтаи рустаниҳо дар сохтани хонаҳо истифода мешаванд. Баъзе намуди рустаниҳоро барои зебу зинат ва ороиш истифода мебаранд.*

***Ҳифзи рустаниҳо.*** *Рустаниҳо дар табиат рӯз то рӯз кам шуда истодаанд. Одамон онҳоро бераҳмона бурида нест мекунанд. Аз ин хотир ба мо зарур аст, ки рустаниҳоро муҳофизат кунем.*

4) Амалия дар гурӯҳҳо. Хонандагонро ба се ё чор гурӯҳ муттаҳид кунед. Ба гурӯҳҳо чунин супориш диҳед:
- *Оид ба ҳифзи набототи маҳалли худ маълумот омода намоед;*
- *Коратонро ба дигарон муаррифӣ кунед.*

Ҳангоми баромади гурӯҳҳо байни онҳо муҳокимарониро ба роҳ монед. Хонандагон ба ҳамдигар савол медиҳанд, ҷавобҳои ҳамдигарро пурра мекунанд.

5) Мустаҳкамкунии дарс.Ҷойҳои асосии дарсро ба тариқи саволу ҷавоб аз хонандагон пурсида, дониши онҳоро мустаҳкам кунед.

6) Навиштани мафҳумҳои асосии дарс. Мафҳумҳои асосии мавзӯъро дар тахтаи синф нависед ва хонандагон онро ба дафтарашон кӯчонанд. Мафҳумҳо:
   - ✓ *Рустанӣ- организми зинда;*
   - ✓ *Гиёҳ, бутта ва дарахт;*
   - ✓ *Аҳамияти рустаниҳо;*
   - ✓ *Ҳифзи рустаниҳо.*
7) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед ва супориши хонагӣ диҳед. Супориш ба хона:
   - *Расми ягон рустании дилхоҳатонро дар албом тасвир кунед;*
   - *Матни китобро хонед ва бо волидонатон муҳокима кунед.*

**Арзёбӣ. Дар рафти** дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
- *Чаро рустаниро организми зинда мегӯянд?*
- *Рустаниҳоро ба кадом гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст?*
- *Оид ба сохти умумии рустаниҳо маълумот диҳед.*
- *Аҳамияти рустаниҳо барои табиат ва инсон аз чӣ иборат аст?*
- *Роҳҳои ҳифзи рустаниҳоро шарҳ диҳед;*
- *Хонандагон барои ҳифзи рустаниҳо чӣ корҳоро анҷом дода метавонанд?*

## § 14. Олами ҳайвонот (1 соат)

**Салоҳият:**

Хусусияти унсурҳои зинда ва ғайризиндаи маъмул ва баъзе унсурҳои ғаримаъмули табиатро муқоиса мекунад.

**Мақсади таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:
- ҳайвонҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо кунанд;
- хусусияти гурӯҳҳои алоҳидаи ҳайвонҳоро шарҳ диҳанд;
- аз рӯйи расмҳо фарқияти байни ҳайвонҳоро муайян кунанд;
- аҳамияти ҳайвонотро барои табиат ва инсон фаҳмонанд;
- зарурати ҳифзи ҳайвонҳоро шарҳ диҳанд.

**Барнома.** Ҳайвонҳо дар табиат. Гуногунии ҳайвонот. Гурӯҳҳои ҳайвонот. Аҳамияти ҳайвонот барои табиат ва инсон. Муҳофизати ҳайвонот. Кор бо расму тасвирҳо ва матн. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Алоқаманд кардани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим.**Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои методии зерин истифода бурда метавонед.

1) Масъалагузорӣ. Дарсро аз масъалагузорӣ оид ба ҳайвонот оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:
   - *Кадом ҳайвонҳоро номбар карда метавонед?*
   - *Ҳайвонҳо чӣ гуна организмҳои зинда мебошанд?*
   - *Оид ба ҳайвонот чӣ маълумот доред?*

   Дар атрофи ин саволҳо каме муҳокимарониро ба роҳ монда, фикрҳои хонандагонро бедор кунед.
2) Кор бо расмҳо. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки расми ҳайвонҳоро бодиққат мушоҳида кунанд ва номи онҳоро гӯянд:




Диққати хонандагонро ба масъалаи гурӯҳбандии ҳайвонҳои овардашуда ҷалб намуда, ба тариқи суҳбат оид ба тасниф (гурӯҳбанди)-и ҳайвонҳо ба онҳо маълумот диҳед. Чунин саволҳо дода метавонед:

– *Ҳайвонҳо аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?*
– *Ҳайвонҳои ба ҳар кадоми онҳо монандро номбар карда метавонед?*
– *Ҳайвонҳои овардашударо ба кадом гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст?*

3) Гурӯҳбандии ҳайвонот. Оиди гурӯҳбандии ҳайвонот ба хонандагон маълумот диҳед. Мазмуни маълумот чунин буда метавонад:
«*Аз рӯйи хешутаборӣ ва ҷиҳати монандии онҳо ҳайвонотро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунанд. Ҳайвонҳое, ки дар расми боло оварда шудаанд, намояндаи гурӯҳҳоиҳашарот, моҳиҳо, обхокиҳо, хазандаҳо, парандаҳо ва ширхӯрон мебошанд. Ин ҳайвонҳо дар табиат бештар ба чашми мо мерасанд. Боз бисёр намудҳои ҳайвонҳое ҳастанд, ки мо онҳоро кам мебинем. Дар синфҳои болоӣ шумо боз ба намояндагони дигари олами ҳайвонот шинос мешавед*».
4) Муайян кардани гурӯҳи ҳайвонот аз рӯйи расмҳо. Диққати хонандагонро ба расми боло, ки дар он намояндаи гурӯҳҳои ҳайвонот оварда шудаанд ҷалб кунед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки ба кадом гурӯҳ мансуб будани ҳайвонҳои расмро муайян кунанд. Дар ин кор ба хонандагон кумак намоед.
Мансубияти расми боло чунин аст:
Расми 1 – намояндаи ширхӯрон;
Расми 2 – намояндаи парандагон;
Расми 3 – намояндаи моҳиҳо;
Расми 4 – намояндаи ҳашарот;
Расми 5 – намояндаи хазандаҳо;
Расми 6 – намояндаи обхокиҳо.
Аз расмҳои дастрас истифода бурда, хонандагонро бо намояндагони гуногуни ҳар кадом гурӯҳ шинос кунед.
5) Лаҳзаи дамгирӣ.
6) Шиносоӣ бо аҳамияти ҳайвонот. Хонандагонро бо маълумоти зер шинос кунед.
Аҳамияти ҳайвонот барои табиат:
– *Ҳайвонҳо ба табиат зебоғӣ медиҳанд.*
– *Баъзе ҳайвонҳо барои дигарашон ғизо мебошанд.*
– *Ҳайвонҳои даррандаро санитарҳои табиӣ мегӯянд, зеро онҳо ҳайвонҳои касалро хӯрда, нест мекунанд.*

Аҳамияти ҳайвонот барои инсон:
– *Инсон аз ҳайвонот маҳсулоти хӯрданӣ, аз қабили гӯшт, шир, тухм мегирад.*

- *Барои пӯшок чарм ва пашм ба даст меоранд.*
- *Аз ҳашарот (занбӯри асал) асал ва нах (кирмаки пилла) мегиранд.*
- *Барои корҳои хоҷагӣ истифода мебаранд.*
- *Баъзе одамон ҳайвонҳоро барои шавқашон нигоҳ медоранд.*

7) Суҳбат оид ба ҳифзи ҳайвонот. Зарурати ҳифзи ҳайвонотро ба хонандагон фаҳмонед. Дар раванди суҳбат оид ба ҳифзи ҳайвоноти маҳалли бачаҳо пурсон шавед: Дар маҳалли шумо кадом ҳайвонҳо кам мондаанд ва онҳоро чӣ гуна бояд ҳифз кард? Таҷрибаҳои ҳаётии хонандагонро истифода баред.
8) Навиштани мафҳумҳои асосии дарс. Мафҳумҳои зеринро дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтарашон кӯчонанд. Мафҳумҳо:
   - ✓ *Гуногунии ҳайвонот;*
   - ✓ *Гурӯҳҳои ҳайвонот – ҳашарот, обхокиҳо, хазандагон, парандагон ва ширхурон;*
   - ✓ *Аҳамияти ҳайвонот.*
9) Дарсро ҷамъбаст намуда, меҳнати хонандагонро қадр кунед. Барои хона супориш диҳед:
   - *Матни китобро оид ба ҳайвонот хонед ва оид ба сохтани донхӯрак барои парандаҳо бо падару модаратон маслиҳат кунед (шумо метавонед ҳар рӯз дар донхӯрак нонмайдаҳои дастархонро резед ва парандагон онро мехӯранд).*

**Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Кадом намудҳои ҳайвонҳоро медонед?*
- *Онҳоро ба кадом гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст?*
- *Хусусияти ҳар кадом гурӯҳи ҳайвонҳоро шарҳ диҳед.*
- *Фарқияти намояндагони гурӯҳҳои ҳайвонотро муайян кунед.*
- *Аҳамияти ҳайвонот барои табиат аз чӣ иборат аст?*
- *Аҳамияти ҳайвонотро барои инсон фаҳмонед.*
- *Чаро ҳайвонҳоро ҳифз кардан зарур аст?*

## § 15. Зимистон – фасли сармо (1 соат)

**Салоҳият:**

Хусусияти унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи маъмул ва баъзе унсурҳои ғаримаъмулро муқоиса мекунад.

**Мақсади таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- моҳҳои фасли зимистонро номбар кунанд;
- ҳолати табиати зинда ва ғайризиндаро дар ин фасл шарҳ диҳанд;
- зарурати додани хӯрок ба парандагонро дар фасли зимистон гӯянд;
- шуғли дӯстдоштаи худро дар фасли зимистон гӯянд;
- аз рафторҳое, ки боиси бемории одам дар фасли зимистон мегардад, худдорӣ кунанд;
- расми манзараи зимистонро тасвир кунанд.

**Барнома.** Зимистон фасли сарди сол. Моҳҳои фасли зимистон. Ҳолати табиат дар фасли зимистон. Шуғли одамон ва шуғли дӯстдоштаи бачаҳо дар фасли зимистон. Ғамхории хонандагон дар ҳаққи ҳайвонот – сохтани донхӯрак ва додани хӯрок ба парандагон. Алоқаманд кардани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Кор бо матн, воситаҳои навишторӣ

ва расму тасвирҳо. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Бозиҳои таълимӣ ва дамгирӣ. Расмкашӣ.

**Методикаи таълим.** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Бозӣ – номи мавзӯъро ёбед. Номи мавзӯъро дар шакли рамз ба хонандагон пешниҳод кунед ва ба онҳо гӯед, ки агар мо рамзро ёбем, номи мавзӯи имрӯзаи мо муайян мешавад.
   Намунаи рамз бо номи мавзӯъ:

| И | Н | О | Т | С | М | И | З |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | |

   Агар хонандагон рамзро ёфта натавонанд, шумо ба онҳо барои ёфтани номи мавзӯъ ёрӣ расонед. Масалан:
   1. Мавзӯи мо дар бораи яке аз фаслҳои сол аст.
   2. Дар ин фасл одамон либоси гарм мепӯшанд.
   3. Ин фасл хунук мебошад.
   4. Дар ин фасли сол барф меборад.

   Баъд аз ёфтани рамз ва муайян шудани фасли зимистон, номи пурраи мавзӯъро ба хонандагон пешниҳод кунед – Зимистон чӣ гуна фасл аст?
2) Масъалагузорӣ бо истифодаи кластер. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки оид ба хусусиятҳои фасли зимистон чиҳо медонанд, фикрҳояшонро баён кунанд. Аз доираи марказӣ ба тарафҳо хат кашида, ҷавобҳои хонандагонро дар нақша (кластер) нависед.
   Намунаи кластер:




   Миқдори хӯшаҳои кластер ба миқдори ҷавобҳои хонандагон бояд баробар бошад.
3) Шиносоӣ бо фасли зимистон. Ҷавобҳои хонандагонро ба эътибор гирифта, оид ба хусусиятҳои фасли зимистон маълумоти пурра диҳед. Равандро ба тариқи суҳбат гузаронед. Ҳар лаҳза ба ҷавобҳои хонандагон, ки дар кластер навишта шудааст, такя кунед, онҳоро таъриф кунед ва гӯед, ки шумо аллакай инро гуфтед, ман мехоҳам каме пурра кунам. (Бо ин кор хонандагонро рӯҳбаланд мекунед). Маълумоти заруриро

оид ба фасли зимистон ба хонандагон диҳед. Мазмуни зеринро пешниҳод карда метавонед:

- ✓ *Моҳҳои фасли зимистон – декабр, январ, феврал.*
- ✓ *Ҳолати табиат дар фасли зимистон. Хунук будани ҳаво. Боридани барф. Ба хоби зимистона рафтани баъзе намудҳои ҳайвонот. Карахт шудани наботот.*
- ✓ *Ғамхории бачаҳо нисбат ба ҳайвонот, хусусан парандаҳо дар фасли зимистон. Сохтани донхӯракҳо, хӯрок додан ба парандаҳо ва ғайра.*
- ✓ *Муайян кардани шуғли дӯстдоштаи одамон ва бачаҳо дар ин фасл (Шумо дар фасли зимистон кадом корро дӯст медоред?). Ҷашн гирифтани соли нави мелодӣ.*

4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Амалия. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед ва чунин супориш диҳед:
   - *Дар гурӯҳ маслиҳат намуда, муайян кунед, ки кадом рафторҳои шахс дар фасли зимистон боиси бемории ӯ мегардад?*
6) Муаррифии корҳо. Аз ҳар гурӯҳ як нафари ба назди тахтаи синф баромада, натиҷаи кори гурӯҳро ба дигарон шинос мекунанд. Аз рӯйи баромади гурӯҳҳо байни хонандагон муҳокимарониро ташкил кунед ва барои ҳалли масъалаҳои баҳсталаб кумак намоед.
7) Мустаҳкамкунии донишҳои андӯхташуда. Аз рӯйи масъалаҳои асосии мавзӯъ бо хонандагон саволу ҷавоб кунед ва дониши онҳоро мустаҳкам намоед.
8) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳои асосии мавзӯъро дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтарашон кӯчонанд:
   Мафҳумҳо:
   - *Декабр, январ, феврал моҳҳои фасли зимистон.*
   - *Карахт шудани табиат дар зимистон.*
   - *Ғамхорӣ нисбат ба ҳайвонот дар зимистон.*
   - *Яхмолакбозӣ.*
9) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед ва барои хона супориш диҳед. Супориш ба хона:
   - *Тасвир кардани расми манзараи фасли зимистон.*

**Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Моҳҳои фасли зимистонро номбар кунед.*
- *Хусусиятҳои фасли зимистонро шарҳ диҳед.*
- *Чаро мо бояд дар зимистон ба парандаҳо хӯрок диҳем?*
- *Шумо дар фасли зимистон кадом шуғлро дӯст медоред?*
- *Кадом рафторҳои шахс дар зимистон метавонад боиси бемории ӯ гардад?*
- *Расми манзараи зимистонро аз назар гуаронед ва оид ба он нақл кунед.*
- *Ба рафиқони худ дар фасли зимистон чӣ маслиҳат медиҳед?*

## § 16. Гӯшаи зиндаи мактаб (1соат)

**Салоҳият:**

Хусусияти унсурҳои зинда ва ғайризиндаи маъмул ва баъзе унсурҳои ғаримаъмули табиатро муқоиса мекунад.

**Мақсади таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- фаҳмиши «гӯшаи зинда»-ро бо суханони худ шарҳ диҳанд;
- ҳайвонҳоеро, ки дар гӯшаи зинда ҷой додан мумкин аст, номбар кунанд;

- аз рӯйи расм ҳайвонҳои гӯшаи зиндаро нишон диҳанд;
- оид ба ғамхорӣ нисбат ба ҳайвоноти гӯшаи зинда фикрҳои худро баён кунанд.

**Барнома.** Гӯшаи зинда чист? Ҳайвонҳое, ки дар гӯшаи зинда нигоҳ доштанашон мумкин аст. Интихоби ҷой барои гӯшаи зинда. Аҳамияти гӯшаи зинда. Ғамхорӣ нисбат ба ҳайвонҳои гӯшаи зинда. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Кор бо расму тасвирҳо. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим.**

1) Дарсро аз намоиши расмҳои зерин оғоз кунед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки расмҳоро бодиққат мушоҳида кунанд:




Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед ва фикрҳои онҳоро шунавед:

- *Дар расм кадом ҳайвонҳоро дида истодаед?*
- *Номи онҳоро гӯед.*
- *Онҳо дар куҷо зиндагӣ мекунанд?*
- *Чаро онҳоро дар қафас нигоҳ доштаанд?*
- *Ҳайвони дар қафас бударо барои кадом кор истифода бурдан мумкин аст?*

Фикрҳои хонандагонро гӯш кунед ва ҷавобҳои ғалатро бо ёрии ҳамсинфонашон ислоҳ намоед. Ҳаракат кунед, ки дар ҷараёни саволу ҷавоб ҳамаи хонандагон иштирок кунанд. Дар охири муҳокимаронӣ диққати хонандагонро сари масъалаи ҳайвонҳои гӯшаи зинда ҷалб намуда, ба онҳо гӯед, ки имрӯз дарси мо дар бораи ҳайвонҳои гӯшаи зинда аст.

2) Шиносоӣ бо ҳайвонҳои гӯшаи зинда. Оид ба гӯшаи зинда ба хонандагон маълумот диҳед. Аз расмҳои гуногуни дастрас истифода баред. Мазмуни маълумот чунин буда метавонад:

- *Кадом ҳайвонҳоро дар гӯшаи зинда ҷой додан мумкин аст?*
- *Мақсади нигоҳ доштани ҳайвонот дар гӯшаи зинда.*
- *Истифодаи гӯшаи зинда бо мақсади омӯзиш.*
- *Мушоҳидаи рафтори ҳайвонот дар гӯшаи зинда.*

3) Кори гурӯҳӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед (се ё чор гурӯҳ, вобаста ба шумораи хонандагон). Тариқи гурӯҳбандӣ ба ихтиёри омӯзгор. Ба гурӯҳҳо супориш диҳед:
   - ✓ *Оид ба нигоҳубини ҳайвонҳои гӯшаи зинда маълумот омода намоед;*
   - ✓ *Коратонро ба ҳамсинфон муаррифӣ кунед.*

   Дар вақти муаррифии гурӯҳҳо аз хонандагон хоҳиш кунед, ки савол диҳанд, ҷойҳои нафаҳмидагиашро пурсанд, ба фикри ҳамсинфон иловаҳо ворид кунанд. Ба масъалаҳои беҷавоб равшанӣ андозед.
4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Мустаҳкамкунӣ. Масъалаҳои асосии мавзӯъро ба тариқи саволу ҷавоб, бо хонандагон дида бароед ва дониши онҳоро мустаҳкам кунед.
6) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед ва супориши хонагӣ диҳед. Супориш ба хона чунин буда метавонад:
   - *Дар ҳаҷми 5-10 ҷумла оид ба тарзи дурусти нигоҳубини ҳайвонҳои хонагӣ ҳикоя нависед (эссе).*

**Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
- *Гӯшаи зинда чист?*
- *Кадом ҳайвонҳоро дар гӯшаи зинда ҷой додан мумкин аст?*
- *Гӯшаи зиндаро бо кадом мақсад истифода мебаранд.*
- *Аз рӯйи гӯшаи зинда кадом рафторҳои ҳайвонҳоро мушоҳида кардан мумкин аст?*
- *Тарзи дурусти ҳайвонҳои гӯшаи зиндаро шарҳ диҳед.*
- *Ҳайвонҳои хонагиатонро чӣ гуна нигоҳубин мекунед?*

## § 17. Ҳифзи табиат (1 соат)

**Салоҳият:**
- Муҳити атрофи маҳаллашро қадр намуда, барои ҳифзи он якчанд тадбирҳо меандешад.

**Мақсади таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:
- омилҳоеро, ки боиси харобии табиат мегарданд, номбар кунанд;
- рафтори нодурусти бачаҳоро нисбат ба табиат шарҳ диҳанд;
- зарурати ҳифзи табиатро фаҳмонанд;
- роҳҳои ҳифзи табиати маҳалли худашонро бо мисолҳо нишон диҳанд.
- дар ҳифзи табиати маҳалли худ саҳм гузоранд.

**Барнома.**Хатари ифлосшавии табиат. Омилҳое, ки боиси хароб гаштани табиат гаштаанд. Роҳҳои ҳифзи табиат аз ифлосшавӣ. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Кор бо варақа ва расму тасвирҳо. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим.** Тавсияҳои зерин барои банақшагирӣ ва гузаронидани дарс ба шумо кумак хоҳанд кард.
1) Дарсро аз масъалагузорӣ оғоз намоед. Бо ин мақсад аз саволҳои зерин истифода бурда метавонед:
   - *Ба табиат кадом хатарҳо таҳдид мекунанд?*
   - *Бо айби кӣ табиат хароб шуда истодааст?*

– *Бо кадом роҳ табиатро аз харобшавӣ нигоҳ доштан мумкин аст?*

Атрофи масъалаҳо дар муддати то 5 дақиқа суҳбат ташкил кунед. Ба ҳамаи хонандагони хоҳишманд имкон диҳед, ки фикру мулоҳизаҳои худро пешниҳод намоянд. Ин фаъолият барои бедор кардани дониши хонандагон пешбинӣ шудааст.

2) Маълумот оид ба масъалаҳои асосии мавзӯъ. Бо хонандагон оид ба масъалаҳои муҳими мавзӯъ суҳбат кунед. Асосан саволҳои фаъолияти боло муҳокима мегарданд. Дар ҷараёни суҳбат аз расму тасвирҳои дастрас истифода баред. Мазмунро метавонед ба таври намунаи зерин пешниҳод намоед:
   - Харобиҳои табиат. *Табиати зебои мо имрӯз ба мушкилот дучор гаштааст. Ин чӣ мушкилот аст? Ҳавое, ки нафас мегирем, ифлос шудааст, об низ, ки мо онро менӯшем ва хӯрок тайёр мекунем, ифлос шудааст. Миқдори набототу ҳайвонот кам шуда, баъзе намуди онҳо тамоман аз байн рафтаанд. Ҳамаи ин гуфтаҳо харобиҳои табиат мебошанд.*
   - Барои хароб шудани табиат кӣ гунаҳгор аст? *Агар шумо аҳамият дода бошед, одамон дарахтонро мебуранд, ҳайвонҳоро шикор карда, нест карда истодаанд. Аз заводу фабрикаҳо ва нақлиёт ба миқдори зиёд моддаҳои заҳрнокро ба ҳаво ва об сар медиҳанд, ки ҳамаи ин боиси ифлосшавии табиат мегардад. Барои ифлосшавӣ ва харобшавии табиат асосан одамон гунаҳгор мебошанд.*
   - Чӣ гуна табиатро аз харобшавӣ ҳифз кардан мумкин аст?*Одамон метавонанд табиатро аз харобшавӣ ҳифз кунанд. Онҳо метавонанд корҳои кабудизоркунӣ (шинонидани дарахту буттаҳо, бунёди боғҳо)-ро ба роҳ монанд,яъне ба ҷойи дарахтони буридашуда ниҳолҳои нав шинонанд. Ба шикори ҳайвонот роҳ надиҳанд ва ё шикори онҳоро кам кунанд. Барои ҳифз намудани ҳайвонҳо ва набототи камшудаистода мамнӯъгоҳҳо ташкил карда шудааст. Миқдори мамнӯъгоҳҳоро зиёд кардан лозим аст.*

3) Бозии мумкин, номумкин. Кор бо варақаҳо. Якчанд намунаи рафтори дуруст ва нодурусти бачаҳоро аз ҳаёт мисол оред ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки ин рафторҳоро ба нек ва бад ҷудо кунанд. Хонандагон барои тасдиқ аз варақаҳои сабз (мумкин) ва сурх (номумкин) истифода мебаранд. Шарти бозӣ чунин аст. Омӯзгор вазъияти ҳаётиро бо овози баланд мехонад. Агар хонанда мисолро маъқул донад, варақаи ранги сабзро нишон медиҳад, маъқул надонад, варақаи ранги сурхро боло мебардорад. Омӯзгор метавонад, интихобан аз хонандагон пурсад, ки чаро ӯ ин тавр фикр мекунад?

   Намунаи вазъиятҳо:
   – *Писарак аробаи пури поруро аз ҳавлиашон бароварда, ба ҷӯйбори назди ҳавлиашон рехт.*
   – *Духтарак ба гулҳои синфхонаашон об дода, бо латтаи тар чангҳои рӯйи мизро пок кард.*
   – *Писарбачаҳо ба саҳро рафтанд ва гулҳои зебоpо дида, ба чидани онҳо сар карданд.*
   – *Писарак бо кашкашак (рогатка) дар як рӯз се гунҷишкро зада кушт ва ба ҷӯраҳояш инро гуфта таъриф карда.*
   – *Мардони деҳа барои шинондани ниҳол мерафтанд ва ба писарак гуфтанд, ки биё ҳамроҳи мо равем, ту ба ниҳолҳо об мерезӣ. Писарак баҳона кофта, бо онҳо нарафт.*
   – *Писарак ҳамроҳи талабаҳои мактаб ба шинонидани ниҳолҳо рафт.*
   – *Духтарон аз мағозаи назди мактаб қанду шоколад хариданд ва коғазҳои онро дар роҳравҳои мактаб партофтанд.*
   – *Духтарак дид, ки додарчаи хурдсолаш гурбачаро азоб дода истодааст, ӯ ба додараш гуфт, ки ин корро накунад.*

   ва ғайра. Ин гуна вазъиятҳоро омӯзгор метавонад зиёд фикр кунад.

4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Амалия – муайян кардани роҳҳои ҳифзи табиати маҳалли худ. Ба хонандагон гӯед, ки ҳоло мо дунафарӣ кор мекунем. Супориш ба дунафараҳо:
   – *Роҳҳои муҳофизати табиати маҳаллатонро муайян кунед.*

   Ҳангоми муаррифӣ якчанд дунафарароро интихобан шунавед ва аз дигарон хоҳиш кунед, ки агар ҷавобҳои нав дошта бошанд, гӯянд. Бо баровардани хулосаҳои умумӣ ин фаъолиятро ҷамъбаст кунед.
6) Навиштани мафҳумҳои асосии дарс. Мафҳумҳо:
   - ✓ *Омилҳое, ки табиатро хароб мекунанд.*
   - ✓ *Пешгирии ифлосшавии табиат.*
   - ✓ *Саҳми бачаҳо дар тоза нигоҳ доштани табиат.*
7) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед ва супориши хонагӣ диҳед. Супориш ба хона:
   – *Матни китобро хонед ва оид ба мавзӯъ бо падару модаратон суҳбат кунед.*

**Арзёбӣ**. Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

– *Бо кадом сабабҳо табиат хароб мешавад?*
– *Бо мисолҳо ифлосшавии табиатро шарҳ диҳед.*
– *Шумо кадом роҳҳои пешгирии ифлосшавии табиатро гуфта метавонед?*
– *Дар оилаи худ шумо табиатро чӣ гуна ҳифз мекунед?*
– *Масъалаи ҳифзи табитро дар мактаб чӣ гуна ба роҳ мондан мумкин аст?*
– *Ба ҳамсолони худ оид ба ҳифзи табиат чӣ маслиҳаҳо дода метавонед?*

**НИМСОЛАИ II (17 СОАТ)**

## Боби III. Саломатӣ ва бехатарии ҳаёт

### § 18. Бадани одам аз кадом узвҳо иборат аст? (1 соат)

**Салоҳият:**

Хусусияти унсурҳои зинда ва ғайризиндаи маъмул ва баъзе унсурҳои ғаримаъмули табиатро муқоиса мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- узвҳои асосии бадани одамро номбар кунанд;
- узвҳои одамро ба узвҳои берунӣ ва дохилӣ ҷудо кунанд;
- вазифаи узвҳои берунӣ ва дохилиро ба таври одӣ шарҳ диҳанд;
- аз рӯйи расм узвҳои бадани одамро нишон диҳанд;
- расми ягон узви одамро тасвир намоянд.

**Барнома.** Узвҳои бадани одам. Узвҳои берунии одам. Узвҳои дохилии бадани одам. Вазифаи узвҳои дохилӣ ва берунии одам. Алоқамандии узвҳои бадани одам. Расмкашӣ. Алоқаманд кардани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Бозиҳои таълимӣ ва дамгирӣ. Кор бо матн, воситаҳои навишторӣ ва расму тасвирҳо.

**Методикаи таълим.**

1) Дарсро аз саволу ҷавоб оид ба узвҳои бадани одам оғоз кунед.
   Саволҳо:
   – *Бадани одам аз кадом узвҳо иборат аст?*
   – *Кадом узвҳои берунии бадани одамро номбар карда метавонед?*
   – *Дохили бадани одам аз кадом узвҳо иборат аст?*
   – *Оё байни узвҳои берунӣ ва дохилии инсон ягон алоқамандӣ ҳаст?*

   Дар атрофи ин масъалаҳо ба таври кӯтоҳ саволу ҷавоб кунед ва ин фаъолиятро ҷамъбаст намоед.

2) Расми зеринро ба хонандагон нишон диҳед ва аз онҳо хоҳиш намоед, ки онро бодиққат мушоҳида кунанд ва узвҳои бадани одамро муайян созанд. Ба шогирдон чунин супориш диҳед: Дунафарӣ маслиҳат карда, номи узвҳоеро, ки бо тирча ишора шудаанд, дар дафтаратон нависед.
   Расм:



3) Шиносоӣ бо узвҳои бадани одам. Ҷараёни шиносоиро ба тариқи суҳбат ба роҳ монед. Аз расму тасвирҳои дастрас истифода баред. Мазмуни зеринро ба хонандагон пешниҳод карда метавонед:
   *«Бадани одам аз узвҳои зиёд иборат буда, ҳамаи узвҳо бо ҳам алоқаманд мебошанд. Узвҳо фаъолияти ҳаётии инсонро таъмин мекунанд. Узвҳои бадани инсонро ба узвҳои берунӣ ва дохилӣ ҷудо мекунанд. Лаб, чашм, даҳон, бинӣ, гӯш, абру, панҷаҳои даст ва*

*пой узвҳои берунаи инсон мебошанд. Ба узвҳои дохилӣ мағзи сар, шуш, дил, ҷигар, меъда, рӯда ва ғайра дохил мешаванд. Узвҳои берунии одамро бо чашм дидан мумкин аст, вале узвҳои дохилиро дида намешавад. Онҳо дар дар зери пӯст, дар дохили организм ҷойгиранд.*

*Дар бадани инсон ҳар як узв вазифаи муайянеро иҷро мекунад. Масалан, чашм барои дидан, гӯш барои шунидан, бинӣ барои бӯй кардан, дил барои ба ҳаракат даровардани хун, шуш барои нафас кашидан, меъдаю рӯда барои хӯрокро ҳазм кардан ва ғайра хизмат мекунанд.*

*Агар ягон узви бадан ба касалӣ гирифтор шавад, одам бемор мешавад. Бинобар ин, мо бояд ҳамеша кӯшиш кунем, ки баданамонро аз хунукӣ, гармӣ, ҳар гуна зарбаҳо ва дигар таъсироти беруна ҳифз намоем».*

Қайд кунед : Дарси оянда мо бо шумо роҳҳои ҳифзи баданро дида мебароем.

4) Амалия – Муқоиса ва ҷудо кардани узвҳои бадани одам. Номи якчанд узвҳои бадани инсонро дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба узвҳои берунӣ ва дохилӣ ҷудо кунанд. Масалан: чашм, гӯш, шуш, бинӣ, меъда, гурда, дил, даст, ҷигар, пой, ангушт, рӯда ва ғайра. Ба хотири сарфаи вақт ин фаъолиятро бо тамоми аҳли синф гузаронед (на гурӯҳӣ ё дунафарӣ).

   Метавонед аз ҷадвали зерин истифода баред:

| Узвҳои берунӣ | Узвҳои дохилӣ |
|---|---|
| | |

5) Лаҳзаи дамгирӣ.
6) Баргаштан ба саволҳои аввали дарс ва мустаҳкамкунии дониш. Ба саволҳое, ки дар аввали дарс ба хонандагон гузошта будем, бармегардем, онҳоро бори дигар муҳокима намуда, донишҳои хонандагонро мустаҳкам мекунем:
   - *Бадани одам аз кадом узвҳо иборат аст?*
   - *Кадом узвҳои берунии бадани одамро номбар карда метавонед?*
   - *Дохили бадани одам аз кадом узвҳо иборат аст?*
   - *Оё байни узвҳои берунӣ ва дохилии инсон ягон алоқамандӣ ҳаст?*
7) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳои асосии мавзӯъро дар тахтаи синф нависед, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро дар дафтарашон рӯбардор кунанд ва дар хотир нигоҳ доранд. Мафҳумҳои асосӣ:
   - *Узвҳои бадани одам.*
   - *Узвҳои берунӣ ва дохилӣ.*
   - *Алоқамандии узвҳои бадани одам.*
8) Дарсро ҷамъбаст намуда, хонандагонро барои иштироки фаъолонаашон дастгирӣ кунед. Барои хона супориш диҳед: - *Расми одамро тасвир кунед ва номи узвҳои берунаро нависед.*

**Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Бадани одам аз кадом узвҳо иборат аст?*
- *Онҳоро ба узвҳои берунӣ ва дохилӣ ҷудо кунед.*
- *Вазифаи якчанд узвҳои бадани одамро гӯед.*
- *Аз рӯйи расм узвҳои бадани одамро нишон диҳед.*
- *Оид ба алоқамандии узвҳои одам чӣ гуфта метавонед?*
- *Чаро мо бояд узвҳои баданро ҳифз кунем?*

## § 19. Беҳдошти саломатӣ (1 соат)

**Салоҳият:**

Хатарҳои атрофро муайян карда, роҳҳои одии паст кардани хатарҳоро шарҳ медиҳад.

**Мақсади таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- қоидаҳои саломатиро номбар кунанд;
- реҷаи одии рӯзи худро шарҳ диҳанд;
- зарурати варзиши пагоҳирӯзӣ, шустани дастон ва тоза намудани дандонҳоро гӯянд;
- тарзи дурусти истифодаи ашёи гигиенаи шахсиро фаҳмонанд;
- донишҳои бадастовардаро дар ҳаёт истифода баранд.

**Барнома.** Саломатӣ чист? Қоидаҳои саломатӣ. Обутоб додан ва тоза нигоҳ доштани бадан омили асосии беҳдошти саломатӣ. Ашёи гигиенаи шахсӣ. Истифодаи дурусти ашёи гигиенаи шахсӣ. Алоқаманд кардани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Бозиҳои таълимӣ ва дамгирӣ. Кор бо матн, воситаҳои навишторӣ ва расму тасвирҳо. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.

**Методикаи таълим.** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз овардани мисоли ҳаётӣ оғоз кунед. Мисолро ба хонандагон нақл карда (ё аз рӯйи варақ хонда), оид ба мазмуни он саволу ҷавоб кунед.
   Мисоли ҳаётӣ:
   *«Шокир ва Нодир дар синфи дуюм таҳсил мекунанд. Онҳо бо ҳам ҷӯра ва ҳамсоянд. Шокир ҳамеша сару либоси тоза мепӯшад. Ӯ дарсҳояшро низ дар вақташ тайёр мекунад ва бо баҳои хубу аъло мехонад. Шокир ҳар саҳар барвақт аз хоб хеста, ба варзиши бадан машғул мешавад, бинобар ин саломатиаш низ хеле хуб аст. Ӯ дар хона реҷаи рӯзи худро тартиб додааст ва аз рӯйи он амал мекунад.*
   *Нодир ҳам писари хуб аст, вале ба сару либос ва китобу дафтараш дуруст аҳамият намедиҳад. Муаллим ҳар рӯз ӯро барои ин танбеҳ медиҳад. Нодир писари миёнахон аст. Ӯ дар як ҳафта як ё ду маротиба баҳои чор мегираду халос дигар вақтҳо баҳои ӯ се аст. Нодир бо чӣ сабаб бошад, ки зуд-зуд касал мешавад».*
   Саволҳо аз рӯйи нақл:
   - *Шокир ва Нодир дар синфи чандум мехонанд?*
   - *Онҳо бо ҳам чӣ муносибат доранд?*
   - *Дар бораи Шокир маълумот диҳед, ӯ чӣ гуна писар аст?*
   - *Хислатҳои Нодир аз Шокир чӣ фарқ дорад?*
   - *Барои чӣ Шокир ҳамеша саломатии хуб дорад?*
   - *Чаро Нодир зуд-зуд касал мешавад?*
   - *Кадоми онҳо аз рӯйи реҷа рафтор мекунанд?*
   - *Аҳамияти реҷаи рӯз аз чӣ иборат аст?*
2) Кор бо расмҳо. Расмҳои зеринро ба хонандагон нишон диҳед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки фикрҳои худро баён кунанд. Супориш диҳед! Шумо дар расм чиро мебинед, фикрҳоятонро гӯед

 

3) Маълумот оид ба масъалаҳои саломатӣ. Маълумотро ба тариқи суҳбат пешниҳод намоед. Дар вақти суҳбат аз расмҳои дастрас истифода баред. Мазмуни маълумотатон чунин буда метавонад:
*Саломатӣ муҳимтарин боигарии инсон мебошад. Шахси солим фикри солим дошта, ба ҷамъият фоида меорад. Барои он ки шахс солим бошад, бояд аз рӯйи реҷаи шабонарӯзӣ амал кунад. Риояи реҷаи шабонарӯзӣ ба кас имкон медиҳад, ки ҳамаи корҳояшро дар вақташ иҷро кунад ва саломатиашро хуб нигоҳ дорад. Реҷаи шабонарӯзии мактаббача чунин аст:*
   1. *Саҳарии барвақт аз хоб хестан;*
   2. *Ба варзиши пагоҳирӯзӣ машғул шудан;*
   3. *Шустани дасту рӯй ва дандонҳо;*
   4. *Истеъмоли хӯроки наҳорӣ;*
   5. *Пӯшидани либосҳои мактабӣ ва ба мактаб рафтан;*
   6. *Баъди баргаштан аз мактаб либоси мактабиро бо либоси хонагӣ иваз кардан;*
   7. *Шустани дасту рӯй ва истеъмоли хӯроки нисфирӯзӣ;*
   8. *Машғул шудан ба бозӣ ва ёрӣ ба волидон дар корҳои хона;*
   9. *Шустани дасту рӯй ва истеъмоли хӯроки шом;*
   10. *Тайёр кардани дарсҳо;*
   11. *Тамошои телевизор;*
   12. *Шустани дандонҳо ва хоб кардан.*

Қайд кунед - *кас бояд ҳарҳафта як-ду маротиба баданашро бо собун шӯяд, ҳафтае як маротиба нохунҳои даст ва дар давоми ду ҳафта як маротиба нохунҳои пояшро гирад. Истеъмоли ғизои тоза ва хусусан меваю сабзавот барои инкишофи бачаҳо муҳим аст. Ҳар як шахсбояд ашёи гигиенаи шахсиро дошта бошад. Ба ашёи гигиенаи шахсӣ чуткаи дандоншӯӣ, хамираи дандоншӯӣ, собун ва сачоқ дохил мешаванд. Як чутка ё сачоқро истифода бурдани ҳамаи аъзои оила мумкин нест. Беҳуда нагуфтаанд, «Ақли солим – тани солим».*

4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Мустаҳкамкунии дарс. Атрофи масъалаҳои асосии мавзӯъ бо хонандагон саволу ҷавоб карда, дониши онҳоро мустаҳкам кунед.
6) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳо:
   – *Қоидаҳои саломатӣ.*
   – *Реҷаи шабонарӯзӣ.*
   – *Ашёи гигиенаи шахсӣ.*
   – *Ақли солим – тани солим.*
7) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед.
8) Супориши вазифаи хонагӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матни китобро хонанд ва маълумоти имрӯз аз дарс бадастовардаро бо аҳли оилаашон муҳокима кунанд.

**Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Саломатӣ чист?*
- *Қоидаҳои саломатиро номбар кунед.*
- *Реҷаи рӯзи худро шарҳ диҳед.*
- *Варзиши пагоҳирӯзӣ барои чӣ лозим аст?*
- *Тоза намудани бадан ва шустани дандонҳо чӣ аҳамият дорад?*
- *Ба ашёи гигиенаи шахсӣ чиҳо дохил мешаванд?*
- *Чаро ҳар як шахс бояд ашёи гигиении худро дошта бошад?*

## § 20. Ҳаётатро зери хавф нагузор! (1соат)

**Салоҳият:**

Хатарҳои атрофро муайян карда, роҳҳои одии паст кардани онҳоро шарҳ медиҳад.

**Мақсади таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- аломатҳои бехатарии роҳро номбар кунанд;
- мазмуни онҳоро шарҳ диҳанд;
- хусусияти аломатҳои роҳ ва рангҳои чароғаки роҳнаморо фаҳмонанд;
- ҳангоми гузаштан аз роҳҳои мошингард ба қоидаҳои бехатарии роҳ риоя кунанд;
- расми чароғаки роҳнаморо кашида, бо қалами ранга оро диҳанд.

**Барнома.**Бехатарии роҳ чист? Аломатҳои идоракунандаи ҳаракати роҳ. Чароғаки роҳнамо. Мазмуни аломатҳои ҳаракати роҳ ва рангҳои чароғаки роҳнамо. Роҳро аз куҷо бояд гузашт? Тасвири объекти омӯзиш. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Кор бо расму тасвирҳо, воситаҳои навишторӣ ва матн.

**Методикаи таълим.** Тавсияҳои зерин дар банақшагирии дарс ба шумо кумак карда метавонанд.

1) Дарсро аз бедоркунии донишҳои хонандагон оғоз кунед. Бо ин мақсад масъалаҳои зеринро аз онҳо пурсед:
   - *Ҳангоми аз хона ба мактаб рафтан шумо аз кадом роҳҳои мошингард мегузаред?*
   - *Кадом хатарҳо дар роҳи мошингард ба одам таҳдид мекунанд?*
   - *Шумо чӣ тавр бехатарии худро таъмин мекунед?*
2) Шиносоӣ бо аломатҳои роҳ ва чароғаки роҳнамо. Аз расми аломатҳои роҳ ва чароғаки роҳнамо истифода бурда, ба хонандагон оид ба аҳамияту вазифаи онҳо маълумот диҳед. Маълумотро ба тариқи суҳбат пешниҳод намоед ва лаҳзаҳои дарсро бо ҳаёт пайвандед. Ба хонандагон имкон диҳед, ки аз таҷрибаҳои ҳаётии худ нақл кунанд. Дар рафти суҳбат таъкид кунед: эҳтиёт – ними ҳаёт аст!

   Аз расмҳои зерин ва расму тавирҳои дигари дастрас истифода бурда метавонед.










3) Кори гурӯҳӣ. Бозии «Кӣ дуруст меёбад?». Аз рӯйи рангҳои расми чароғаки роҳнамо хонандагонро ба се гурӯҳ ҷудо кунед. Гурӯҳҳои сурх, зард ва сабз. Мувофиқан ба гурӯҳҳо супориш диҳед:
   – *Аз рӯйи ранги чароғак ба таври муфассал муайян кунед, ки ин ранг моро аз чӣ огоҳ мекунад;*
   – *Коратонро ба дигарон муаррифӣ кунед.*
   Ҳангоми муаррифии корҳо ба хонандагон имкон диҳед, ки фикрҳои ҳамдигарро пурра кунанд. Барои ёфтани ҷавоби дуруст ба онҳо кумак кунед. Мазмуни баромади гурӯҳҳо бояд чунин маълумотро дошта бошанд.



4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Мустаҳкамкунии дарс. Аз диаграммаи Венн истифода бурда, ба хонандагон чунин супориш диҳед: - *Ҷиҳатҳои фарққунанда ва монандии рангҳои сурхусабзи чароғаки роҳнаморо муайян кунед. Ҷиҳатҳои фарққунанда дар ду тарафи диаграмма ва монандии онҳо дар мобайни диаграмма навишта мешавад. Намунаи Диаграммаи Венн*:




6) Навиштани мафҳумҳои асосии дарс.Мафҳумҳои зерро дар тахтаи синф нависед ва якҷоя бо шогирдон онҳоро хонед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтарҳояшон мафҳумҳои асосии мавзӯи имрӯзаро нависанд. Мафҳумҳо:
   – *Аломатҳои ҳаракат дар роҳ.*
   – *Чароғаки роҳнамо.*
   – *Эҳтиёт – ними ҳаёт.*
7) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед ва барои хона супориш диҳед.
   *Супориши хонагӣ*:
   ✓ Матни китобро хонед ва бо падару модаратон оид ба бехатарии ҳаракат дар роҳ маслиҳат кунед. Маълумоти омӯхтаатонро ба онҳо гӯед ва онҳоро ҳам огоҳ кунед, ки эҳтиёт шаванд. Расми чароғаки роҳнаморо тасвир намоед ва онро ранг кунед.

**Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
- *Мафҳуми бехатарии роҳро шарҳ диҳед.*
- *Кадом аломатҳои бехатарии роҳро медонед?*
- *Мазмуни онҳоро шарҳ диҳед.*
- *Чароғаки роҳнамо барои чӣ лозим аст?*
- *Чароғаки роҳнамо аз кадом рангҳо иборат аст?*
- *Кадом ранги чароғак ба мо иҷозати гузаштани роҳро намедиҳад?*
- *Аз роҳ гузаштани моро кадом ранги чароғак иҷозат медиҳад?*
- *Аломатҳои бехатарии роҳ ва чароғаки роҳнаморо аз расм нишон диҳед.*

## § 21. Офатҳои табиӣ ва зарари онҳо (1 соат)

**Салоҳиятҳо:**

Хатарҳои атрофро муайян карда, роҳҳои одии паст кардани хатарҳоро шарҳ медиҳад.

**Мақсади таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:
- офатҳои табииро номбар кунанд;
- хусусияти баамалоии онҳоро ба таври одӣ шарҳ диҳанд;
- оид ба зарари офатҳои табиӣ аз ҳаёт мисолҳои мушаххас оранд;
- зарурати эҳтиёткор будани одамонро нисбат ба офатҳои табиӣ фаҳмонанд;

• дар ҳаёт аз офатҳои табиӣ худро ҳифз кунанд.

**Барнома.** Мафҳуми «офати табиӣ». Сабабҳои бавуҷудоии офатҳои табиӣ. Зарари офатҳои табиӣ. Роҳҳои ҳифз аз офатҳои табиӣ. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Кор бо расму тасвирҳо, воситаҳои навишторӣ ва матн. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим.** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои методии зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз бозии лото оғоз кунед. Пешакӣ номи офатҳои табииро навишта, ба халта (қуттӣ ё ягон зарфи мувофиқ) андозед. Шарти бозӣ чунин аст:
   - *Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки номи яке аз офатҳои табииеро, ки дар борааш медонанд, дар варақча навишта, дар наздашон гузоранд.*
   - *Сипас омӯзгор аз дохили халта коғазро бо номи офати табиӣ мегирад ва бо овози баланд мехонад.*
   - *Аз хонандагон мепурсад, ки ин офатро кӣ интихоб кардааст.*
   - *Хонандае, ки офати табииро дар варақча навиштааст, оид ба он маълумот медиҳад.*

   Шояд маълумоти пешниҳодкардаи хонандагон номукаммал ва хато бошад, ба ҳар ҳол ҷавобҳо муҳокима намешаванд. Ин фаъолият барои ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарси нав аст.

2) Ба хонандагон номи мавзӯъ –«Офатҳои табиӣ ва зарари онҳо»-ро гӯед (дар тахтаи синф нависед). Оид ба офатҳои табии ва зарари он маълумот диҳед. Маълумотро ба тариқи суҳбат пешниҳод кунед. Мазмуни маълумот чунин буда метавонад:

   *Ба офатҳои табиӣ заминҷунбӣ, сел, обхезӣ, фуромадани тарма,афтидани санг, тӯфон, жолаи сахт, ҳуҷуми ҳашарот ва ғайра дохил мешаванд. Асосан офатҳои табиӣ ҳодисаҳои табиӣ мебошанд. Вақте ,ки онҳо аз ҳад зиёд калон шуда, ба ҷону моли одамон ва табиат таҳдид мекунанд, ба офат табдил меёбанд. Ҳама гуна офат ба одамон ва табиат зарар мерасонад. Каме дар бораи офатҳое, ки бештар дар ватани мо – Тоҷикистон рӯй медиҳанд, маълумот медиҳем.*

   ***Заминларза** яке аз офатҳои табиии харобиовар мебошад, ки дар ватани мо зиёд рух медиҳад. Заминларза биноҳо, роҳҳо ва дигар иншоотҳоро хароб мекунад. Заминларзаро пешгӯии кардан душвор аст. Бинобар ин одам бояд пешакӣ дар бораи заминҷунбӣ фикр карда, роҳҳои баромади хона, дар ҳавлӣ ҷойҳои бехатари ҷамъшавиро бо аҳли оила маслиҳат карда, муайян кунад. Дар вақти заминларза бояд оромиро нигоҳ дошт. Дар ҳар куҷое, ки бошед, ҷойи бехавфро интихоб намуда, дар ҳамон ҷо монед. Ба ҳар тараф давидан мумкин нест.*

   ***Сел ва обхезӣ** низ офатҳои табиии харобиовар мебошад. Ин офатҳо бештар ба одамоне, ки дар соҳили дарёҳо ва дараҳои селовар зиндагӣ мекунанд, зарар мерасонанд. Сел ва обхезӣ боиси вайрон шудани биноҳо, роҳҳо, зарар дидани заминҳои кишоварзӣ, фавти мавҷудоти зинда мегарданд.*

   ***Фуромадани тарма** бештар дар кӯҳҳо ва минтақаҳои наздикӯҳӣ мушоҳида мешавад. Тӯдаи барфу ях бо суръати баланд ба поён нишеб шуда, дар сари роҳаш ҳама чизро рӯфта мебарад. Ҳодисаҳое маълуманд, ки тарма сайёҳон ва деҳаҳоро зер кардааст.*

   *Ҳар як шахс бояд дар бораи офатҳои табиӣ бо аҳли оила ва ҳамсояҳо маслиҳат карда, якҷоя нақшаи кам кардани хатари онҳоро тартиб диҳанд.*

3) Кори гурӯҳӣ – паст кардани хатари офати табиӣ. Хонандагонро ба се гурӯҳ ҷудо кунед. Ба ҳар гурӯҳ як офати табииро диҳед. Масалан, ба гурӯҳи 1 – сел, гурӯҳи 2 – заминҷунбӣ, гурӯҳи 3 – тармафуроӣ. Супориш диҳед:

   Дар гурӯҳ маслиҳат намуда, роҳҳои паст кардани хатари офатро фаҳмонед.

   Барои назорат ба назди ҳар гурӯҳ равед. Агар гурӯҳе ба кумак ниёз дошта бошад, ёрӣ расонед. Умуман ин фаъолият барои хонандагони синфи 2 каме душвор аст, бинобар ин маслиҳатҳои худро ба онҳо дареғ надоред.

4) Муаррифии корҳо. Баъд аз анҷоми вақти ҷудошуда муаррифии корҳоро ба роҳ монед. Муаррифиро аз гурӯҳи хоҳишманд оғоз кунед. Дар вақти муаррифӣ масъалаҳоро муфассал муҳокима кунед ва фикрҳои хонандагонро пухта гардонед.
5) Лаҳзаи дамгирӣ.
6) Мустаҳкамкунии донишҳо. Масъалаҳои асосии мавзӯъро бо хонандагон саволу ҷавоб кунед ва донишҳои мавзӯи имрӯзаро мустаҳкам намоед.
7) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳои асосии дарсро дар тахтаи синф нависед ва хонандагон онҳоро ба дафтарашон кӯчонанд. Мафҳумҳо:
   - ✓ *Офати табиӣ.*
   - ✓ *Хатар ва зарари офати табиӣ.*
   - ✓ *Паст кардани хатари офати табиӣ.*

8) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед.
9) Супориш ба хона: *Бо аҳли оилаатон оид ба офатҳои табиӣ маслиҳат карда, ҷойҳои бехатари хона ва ҳавлиатонро муайян кунед.*

**Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Офатҳои табииро номбар кунед.*
- *Офатҳо чӣ гуна ба амал меоянд?*
- *Онҳо чӣ зарар мерасонанд?*
- *Оид ба зарари ягон офати табиӣ аз таҷрибаи худ мисол оред.*
- *Хатари офатҳоро чӣ гуна паст кардан мумкин аст?*
- *Шумо аҳли хонаводаи худро аз хатари офат бо кадом роҳ наҷот медиҳед?*

## § 22. Аз сӯхтор эҳтиёт шавед! (1 соат)

**Салоҳиятҳо:**

Хатарҳои атрофро муайян карда, роҳҳои одии паст кардани онҳоро шарҳ медиҳад.

**Мақсад таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- сабабҳои сар задани сӯхторро номбар кунанд;
- оид ба асбобҳо ва таҷҳизоти рӯзгор, ки боиси сар задани сӯхтор мегарданд, маълумот диҳанд;
- тарзи дурусти муносибатро бо онҳо фаҳмонанд.
- дар вақти сӯхтор ба ҷойи даркорӣ занг зананд ва худро ба ҷойи бехатар гиранд;
- дар хона, мактаб ва ҳангоми саёҳат ба қоидаҳои зидди сӯхтор риоя кунанд.

**Барнома.** Сӯхтор харобовар аст. Сабабҳои сар задани сӯхтор. Кадом асбоб ва таҷҳизоти рӯзгор метавонанд сӯхторро ба вуҷуд орад. Тарзи дурусти муносибат бо асбобҳое, ки метавонад боиси сӯхтор шаванд. Рафтори дуруст ҳангоми сар задани сӯхтор. Огоҳ кардани хизматрасонии зидди сӯхтор. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Кор бо расму тасвирҳо, воситаҳои навишторӣ ва матн.

**Методикаи таълим**.

1) Дарсро аз масъалагузорӣ оғоз кунед ва ҷавобҳои ҷолиби хонандагонро дар тахтаи синф нависед. Савол: *Шумо оид ба сӯхтор чӣ медонед?*
   Ҷавобҳои парокандаи хонандагонро муттаҳид кунед ва аз мазмуни якчанд фикрҳои онҳо як мафҳуми асосиро бароварда, дар тахтаи синф нависед. Дар охири ин фаъолият дар тахтаи синф мафҳумҳои: «Рафторҳои нодурусти одам», «Сабабҳои

сӯхтор» ва «Пешгирии сӯхтор» пайдо шаванд, кифоя аст. Дар давоми дарс ба ин мафҳумҳо такя мекунед.

2) Овардани мисоли ҳаётӣ. Нақли омӯзгор:*«Бачаҳо дар кӯча бо тӯб бозӣ мекарданд. Ногаҳон яке аз онҳо оруеро дид, ки аз назди онҳо парвоз карда мегузашт. Ӯ дод зад – Бачаҳо бинед! Ору! Вай моро мегазад! Биёед ӯро мекушем! Бачаҳо бозиро бас карда, аз паси ору таъқиб карданд. Ору рафта ба хонаи худ, ки дар бомгӯшаи хонаи як одам ҷойгир буд, нишаст. Он ҷо оруҳо бисёр буданд ва биз-бизкунон ба бачаҳо менигаристанд. Бачаҳо чӣ кор карданашонро надониста, ба фикр ғӯта заданд. Ногаҳон яке аз онҳо гуфт: биёед хонаи оруҳоро оташ мезанем».*

   Саволгузорӣ аз рӯйи нақл:
   - *Чаро бачаҳо хонаи оруро оташ мезананд?*
   - *Оё ин рафтори бачаҳо дуруст аст?*
   - *Агар оташ назананд, чӣ мешавад?*
   - *Агар хонаи оруро оташ зананд, чӣ мешавад?*
   - *Шумо ба ҷойи онҳо мешудед, чӣ кор мекардед?*

   Бо овардани мисоли ҳаётӣ ва саволу ҷавоб то андозае диққати хонандагонро ба рафтори дуруст ва нодурусти мактаббачагон нисбат ба оташ ҷалб кардед.

3) Шиносоӣ бо маълумот оид ба сӯхтор.Ҳангоми шиносоӣ аз таҷрибаҳои хонандагон истифода баред. Маълумоти зерро ба онҳо пешниҳод карда метавонед:

   Сӯхтор яке аз ҳодисаҳои даҳшатноке мебошад, ки аксар вақт аз беэҳтиётии одамон сар мезанад.Дар натиҷаи сӯхтор одамон, ҳайвонот, наботот, хонаҳо, биноҳо, воситаи нақлиёт ва дигар асбобу ашёи рӯзгор зарар мебинанд. Бо кадом сабабҳо сӯхтор ба амал меояд? Сабабҳои асосии сар задани сӯхтор инҳоянд:
   1. *Бо гӯгирд ва дигар ашёи оташангез бозӣ кардан;*
   2. *Аз асбобҳои барқии хона нодуруст истифода бурдан;*
   3. *Асбобҳои вайронаи барқиро истифода бурдан (асбобе, ки симаш луч аст ва ғайра);*
   4. *Бе иҷозати калонсолон аз асбобҳои барқӣ истифода бурдан ва бо оташ кор кардан.*

4) Шиносоӣ бо маълумот оид ба рафтори шахс ҳангоми сар задани сӯхтор. Хонандагонро бо қоидаҳои бехатарии сӯхтор шинос кунед. Ҳангоми фаҳмондани масъалаҳо аз расму тасвирҳои дастрас истифода баред. Ҳангоми сӯхтор бояд чӣ кор кард? : Маълумоти зеринро ба хонандагон пешниҳод карда метавонед.
   - *Зуд ба рақами 01 занг зада, аз ҳодиса огоҳ мекунем. Рақами 01 кормандони хадамоти зиддисӯхтор аст;*
   - *Ором будан лозим аст, саросема шудан даркор нест;*
   - *Калонсолонро ба ёрӣ ҷеғ мезанем;*
   - *Агар оташ хурд бошад, то омадани калонсолон ва кормандони хадамоти зиддисӯхтор худамон онро хомӯш мекунем. Бо ин мақсад аз матои ғафс (кӯрпа, компал ё либоси ғафс) истифода бурдан мумкин. Болои оташро бо ин ашёҳо пӯшонидан лозим аст. Агар асбоби барқӣ сӯхта истода бошад, об пошидан мумкин нест. Обро ҳангоми сӯхтани коғаз, чӯб, кӯрпа ё дигар ашёи бебарқи хона пошидан мумкин;*
   - *Агар боварӣ надошта бошем, ки оташро хомӯш карда метавонем, зуд аз хона баромада, дарро мепӯшем, зеро агар ба оташ ҳаво расад, вай тезтар месӯзад. Агар дар хона хоҳар ё додари хурдиамон бошанд, онҳоро низ ҳамроҳи худ аз хона ба берун мебарорем. Ин корро зуд иҷро кардан лозим аст, зеро агар дер кунем, оташ калон шуда, хона пур аз дуд мешавад ва одам аз ҳуш меравад;*
   - *Ҳангоми аз хона баромадан ҳамсояҳо ва дигар шахсони аз пешамон баромадаро огоҳ мекунем, ки дар хонаамон сӯхтор ба амал омадааст;*

- *Дар берун барои худ ягон ҷойи бехатарро интихоб намуда, он ҷо мунтазир мешавем.*

5) Лаҳзаи дамгирӣ.
6) Мустаҳкамкунӣ. Масъалаҳои асосии мавзӯъро аз хонандагон ба тариқи саволу ҷавоб пурсида, дониши онҳоро мустаҳкам кунед.
7) Навиштани мафҳумҳои асосии дарс. Мафҳумҳои асосӣ:
   *Сабабҳои сӯхтор.*
   *Асбобу ашёе,ки метавонанд боиси сӯхтор шавад.*
   *Занг задан ба рақами 01.*
   *Қоидаҳои бехатарии аз сӯхтор.*
8) Дарсро ҷамъбаст намоед. Дониши хонандагонро қадр кунед. Барои хона супориш диҳед. Супориш барои хона чунин буда метавонад:
   - ✓ *Оид ба дарси имрӯза бо аҳли оилаатон машварат ва пешгирии сӯхторро бо онҳо маслиҳат кунед.*

**Арзёбӣ.** Дар рафтидарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

**Намунаи саволу супоришҳо:**

- *Сабабҳои сар задани сӯхторро номбар кунед.*
- *Кадом ашё ва асбоби рӯзгор хатари сӯхторро ба вуҷуд меорад?*
- *Бо асбобҳое, ки метавонанд боиси сӯхтор шаванд, чӣ гуна муносибат кардан лозим аст?*
- *Дар ҳолати рух додани сӯхтор шумо чӣ гуна рафтор мекунед?*
- *Қоидаҳои асосии зиддисӯхторро номбар кунед.*
- *Агар дар хона ё мактаб сӯхтор рӯй диҳад, ба кадом рақам занг задан лозим аст?*
- *Агар телефон набошад, дар ин ҳолат чӣ гуна амал мекунед?*

## § 23. Аз ҳайвонот, наботот ва замбурӯғҳои заҳрнок эҳтиёт шавед!(1 соат)

**Салоҳиятҳо:**

Хатарҳои атрофро муайян карда, роҳҳои одии паст кардани онҳоро шарҳ медиҳад.

**Мақсади таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- ҳайвонот, наботот ва замбӯруғҳои заҳрнокро номбар кунанд;
- хусусиятҳои хатарнокии онҳоро барои одам шарҳ диҳанд;
- роҳҳои муҳофизатро аз мавҷудоти заҳрнок нишон диҳанд;
- расми яке аз мавҷудоти заҳрнокро интихобан тасвир кунанд.

**Барнома.** Ҳайвоноти заҳрнок. Наботот ва замбурӯғҳои заҳрнок. Роҳҳои ҳифз аз мавҷудоти заҳрнок. Истифодаи расму тасвирҳо. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим.** Бо мақсади самаранокии машғулият дар поён якчанд намунаи усули таълимро пешкаш мекунем. Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои мазкур истифода бурда метавонед.

1) Мавзӯъро дар тахтаи синф нависед:„Аз ҳайвонот, наботот ва замбурӯғҳои заҳрнок эҳтиёт шав" Аз хонандагон пурсед, ки оид ба онҳо чӣ медонанд. Фикрҳои ҷолиби хонандагонро дар тахта навишта метавонед.
2) Шиносоӣ бо маълумот оид ба рафтори хонандагон ҳангоми вохӯрдан бо омилҳои хатарноки табиӣ. Аз расмҳои дастрас истифода бурда, маълумоти зеринро ба

хонандагон фаҳмонед ва онҳоро бо рафтори дуруст ҳангоми дучор омадан бо ҳайвоноту наботот шинос кунед. Мазмуни зеринро пешниҳод карда метавонед:

*Ҳар як шахс дар оғӯши табиат зиндагӣ мекунад. Тамоми ҳаёти мо ба табиат вобаста аст. Мо баъзан зиракиро аз даст дода, нафаҳмида мемонем, ки чӣ гуна аз наботот, ҳайвонот ва замбурӯғҳои дар табиат мавҷудбуда зарар мебинем. Дар кадом ҳолатҳо мо зарар дида метавонем ва чӣ гуна худро эҳтиёт намудан лозим аст?*

*Пеш аз ҳама ҳар як шахс бояд донад, ки дар маҳал кадом ҳайвонот ва набототи заҳрнок вуҷуд доранд. Онҳо ба одам чӣ гуна зарар расонида метавонанд.*

*Ҳайвонҳои заҳрнок. Ба ҳайвонҳои заҳрноки Тоҷикистон - мор, каждум, ғунда дохил мешаванд. Онҳо дар мавзеъҳои гуногуни табиат (дашт, саҳро) паҳн гаштаанд. Заҳри ин ҳайвонот ба организми инсон таъсири сахт мерасонад ва агар саривақт ба духтур муроҷиат накунем, одамро ба ҳалокат мерасонад. Бинобар ин вақте ки мо ба сайру гашт ва тамошои табиат мебароем, аз ин ҳайвонҳо эҳтиёт шудан лозим аст. Агар тасодуфан шахсе аз ин ҳайвонҳо зарар бинад,ҳатман ба миқдори ду-се пиёла об нӯшида, зуд ба духтур муроҷиат карданаш лозим.*

*Дар табиат растаниҳои заҳрнок низ вуҷуд доранд. Онҳо бо хорҳои худ ба бадани одам заҳр мезананд. Яке аз чунин рустаниҳои заҳрнок гиёҳи газна (газанда) мебошад. Заҳри газна барои одам ниҳоят дарднок аст. Ҷойи зарардидаи бадан сурх шуда, варам мекунад.*

*Мо замбурӯғро дӯст медорем. Аз он хӯроки болаззат пухтан мумкин аст,вале, баъзан мешунавем, ки одамон аз замбурӯғ заҳролуд шудаанд. Маълум мешавад, ки на ҳамаи замбурӯғҳо хӯрданӣ мебошанд. Баъзе намудҳои замбурӯғҳо заҳрноканд ва ҳангоми истеъмол одамро ба ҳалокат мерасонанд. Бинобар ин, дар вақти ҷамъоварии замбурӯғ эҳтиёткор будан лозим аст.*

3) Кори гурӯҳӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед. Вазъиятҳои гуногуни ҳаётиро интихоб намуда, суолҳоро ба гурӯҳҳо супоред:

   *Гурӯҳи 1.*Шумо ба тамошои табиати маҳаллатон баромадед. Бехатарии худро аз ҳайвонҳои заҳрнок чӣ гуна таъмин мекунед?

   *Гурӯҳи 2.*Шумо ба тамошои табиати маҳаллатон баромадед. Бехатарии худро аз набототи заҳрнок чӣ гуна таъмин мекунед?

   *Гурӯҳи 3.*Шумо ба тамошои табиати маҳаллатон баромадед. Бехатарии худро аз занбӯруғҳои заҳрнок чӣ гуна таъмин мекунед?

   *Гурӯҳи 4.*Шумо ба тамошои табиати маҳаллатон баромадед ва яке аз рафиқони шумо зарар дид. Дар ин ҳолат шумо чӣ гуна рафтор мекунед?
4) Муаррифӣ. Аз ҳар гурӯҳ як нафар хонанда натиҷаи корашонро ба дигарон пешниҳод мекунад. Дар вақти баромади гурӯҳҳо аз дигар хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷойҳои нафаҳмидаашонро пурсанд ё илова кунанд. Барои ҳалли масъалаҳои муҳим ба хонандагон кумак кунед ва онҳоро ба роҳи дурусти ҳалли масъала равон созед. Вазъиятҳоро аз ҳама тараф дида бароед. Аз таҷрибаи ҳаётии хонандагон истифода баред.
5) Лаҳзаи дамгирӣ.
6) Мустаҳкамкунӣ ва хулосабарорӣ. Аз рӯйи масъалаҳои асосии мавзӯъ бо хонандагон саволу ҷавоб кунед ва ҷавобҳои онҳоро муттаҳид карда, хулосаҳои дарсро бароред.
7) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳои асосии мавзӯи имрӯзаро дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтарашон кӯчонанд. Мафҳумҳо:
   - ✓ *Ҳайвоноти хатарнок.*
   - ✓ *Набототи хатарнок.*
   - ✓ *Занбӯруғҳои хатарнок.*
   - ✓ *Роҳҳои ҳифз аз мавҷудоти зиндаи табиӣ.*

8) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед ва супориши хонагӣ диҳед. Супориш ба хона:
   - *Мавзӯи имрӯзаро бо аҳли оилаатон муҳокима кунед. Матни китобро хонед.*

**Арзёбӣ.** Дар рафтидарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ кунед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Кадом ҳайвонҳо барои мо хатарнок мебошанд?*
- *Кадом наботот барои мо хатарнок буда метавонанд?*
- *Роҳҳои ҳифз аз ҳайвонот ва набототи зарарнок рошарҳ диҳед.*
- *Занбӯруғҳои хатарнок ба одам чӣ гуна зарар расонида метавонанд?*
- *Аз рӯйи расм занбӯруғҳои заҳрнок ва хӯрданбобро нишон диҳед.*
- *Барои зарар надидан аз занбӯруғҳои заҳрнок кадом корҳоро бояд кард?*
- *Шумо оид ба ин масъала ба рафиқони худ чӣ маслиҳат медиҳед?*

## § 24. Фасли баҳор (1 соат)

**Салоҳият:**

Хусусияти унсурҳои зинда ва ғайризиндаи маъмул ва баъзе унсурҳои ғаримаъмули табиатро муқоиса мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- баҳорро ҳамчун фасли сол номбар кунанд;
- ҳолати табиати зинда ва ғайризиндаро дар фасли баҳор фаҳмонанд;
- аз рӯйи расм сифатҳои баҳорро шарҳ диҳанд;
- оид ба шуғли одамон дар фасли баҳор маълумот диҳанд;
- аз рӯйи маҳорати хаёлбофии худ оид ба фасли баҳор иншои хурд нависанд.

**Барнома.** Баҳор - арӯси сол. Хусусиятҳои фасли баҳор. Ҳолати табиат дар фасли баҳор. Шуғли одамон ва мактаббачагон дар фасли баҳор. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Кор бо расму тасвирҳо ва матн. Иншои хурд.

**Методикаи таълим**.

1) Дарсро аз масъалагузорӣ оид ба фасли баҳор оғоз кунед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки нишонаҳои баҳорро шарҳ диҳанд. Фикрҳои ҷолиби онҳоро дар тахтаи синф нависед.
2) Шиносоӣ бо хусусиятҳои фасли баҳор. Шиносоиро бо тариқи суҳбат ба роҳ монед. Маълумоти нақшаи зеринро ба хонандагон пешниҳод кунед ва мазмуни онҳоро якҷоя дида бароед




3) Кори гурӯҳӣ. Мувофиқи хоҳиши худ хонандагонро ба се ё чор гурӯҳ ҷудо кунед. Ба ҳамаи гурӯҳҳо чунин супориш диҳед:
   – *Шуғли дӯстдоштаи одамони калонсолон ва хурдсолонро дар ин фасл муайян кунед;*
   – *Коратонро ба дигарон муаррифӣ кунед.*

   Дар вақти кори гурӯҳҳо ба назди онҳо рафта, барои пешравии корашон кумак кунед. Баъд аз тамом шудани вақти муайяншуда муаррифии корҳоро аз гурӯҳи хоҳишманд оғоз кунед (агар хоҳишмандон набошанд, аз гурӯҳи 1 оғоз кунед). Дар вақти муаррифӣ гурӯҳҳои дигар бодиққат гӯш мекунанд ва ҷойҳои нафаҳмидаашонро мепурсанд ё иловаҳои худро ворид мекунанд. Агар аз тарафи ягон гурӯҳ ҷашн гирифтани иди Наврӯз қайд нашавад, худатон дар ҷамъбасти фаъолияти гурӯҳӣ онро фаҳмонед.
4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Мустаҳкамкунии дарс. Дониши азхудкардаи хонандагонро бо тариқи саволу ҷавоб мустаҳкам кунед. Дар раванди мустаҳкамкунӣ аз расму тасвирҳои гуногун истифода баред ва аз рӯйи онҳо ба хонандагон супориш диҳед.
6) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳои асосии мавзӯъро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтарашон кӯчонанд ва дар хотир гиранд. Мафҳумҳо:
   – *Баҳор- арӯси сол.*
   – *Сабзу хуррамии табиат дар фасли баҳор.*
   – *Шуғли дӯстдоштаи ман дар фасли баҳор.*
   – *Ҷашни иди “Наврӯз” дар фасли баҳор.*
7) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед ва супориши хонагӣ диҳед. Супориш барои хона:
   - *Оид ба фасли баҳор дар ҳаҷми на кам аз 4-5 ҷумла иншои хурд нависед.*

**Арзёбӣ.** Дар рафтидарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
– *Хусусиятҳои фасли баҳорро шарҳ диҳед.*
– *Ҳолати табиатро дар баҳор фаҳмонед.*

- *Обу ҳавои фасли баҳор чӣ гуна аст?*
- *Шуғли асосии одамонро дар фасли баҳор фаҳмонед.*
- *Одамон дар баҳор кадом идро ҷашн мегиранд?*
- *Аз рӯйи расм манзараҳои фасли баҳорро шарҳ диҳед.*
- *Оид ба фасли баҳор иншои хурд нависед.*

# Боби IV. Табиат ва одоби мо

## § 25. Дар муносибат бо табиат боодоб бошед!(1 соат)

**Салоҳият:**

Муҳити атрофи маҳаллашонро қадр намуда, барои ҳифзи он тадбирҳо меандешад.

Роҳу воситаҳои расонидани ёриро ба оила ва ҷамъият шарҳ дода метавонад.

**Барнома.** Мафҳуми боодобӣ нисбат ба табиат. Табиатро эҳтиёт кунед. Аҳамияти муносибати дуруст бо унсурҳои табиат. Ҳифзи табиати маҳалли зисти худ. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Истифодаи матн ва расму тасвирҳо. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Навиштани мафҳумҳо.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- фаҳмиши боадабиро нисбат ба табиат бо суханони худ шарҳ диҳанд;
- қоидаҳои боодоб буданро нисбат ба табиат номбар кунанд;
- аҳамияти муносибати боодобонаро нисбат ба табиат шарҳ диҳанд;
- бо табиат рафтори дуруст кунанд.

**Методикаи таълим.** Бо мақсади самаранокии машғулият, дар поён якчанд намунаи усули таълимро пешкаш мекунем. Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои мазкур истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз бозӣ оғоз кунед. Номи мавзӯъро дар тахтаи синф навишта, ба хонандагон шарти бозиро фаҳмонед.Шарти бозӣ чунин аст:
   Якчанд рафторҳои мусбат ва манфии мактаббачаҳороба хонандагон пешниҳод кунед. Онҳо бояд гӯянд, ки ин рафтор ба онҳо маъқул аст ё не ва ҷавобҳои худро дар ҷадвал гузоранд (ҷадвалро дар тахтаи синф тасвир кунед ва ҷавобҳои хонандагонро ба шакли аломат (✓) дар сутуни мувофиқи он қайд кунед). Намунаи ҷадвал:

| Маъқул аст | Маъқул нест |
|---|---|
| | |
| | |
| | |

   Намунаи рафторҳои (хонандаҳо):
   - ✓ *Хонанда ҳангоми аз мактаб баргаштан ба одамони аз пешаш баромада салом медод.*
   - ✓ *Вақти ба мактаб рафтан хонанда дар роҳ гулҳоро канда мепартофт.*
   - ✓ *Ҳангоми аз мактаб баргаштан хонанда коғазҳои қандро ба ҳар сӯ мепартофт.*
   - ✓ *Бачаҳо диданд, ки писараке гурбаро азоб медиҳад, онҳо ӯро аз ин кор боздоштанд.*
   - ✓ *Духтарак поруҳои хонаашонро бурда, ба ҷӯйбори назди ҳавлиашон рехт.*
   - ✓ *ва ғайра.*

2) Шиносоӣ бо қоидаҳои дурусти муносибат бо табиат. Оид ба рафтори боодобонаи хонандагон нисбати табиат суҳбат кунед. Ҳангоми суҳбат аз расмҳои дастрас истифода баред. Маълумоти зеринро ба хонандагон пениҳод карда метавонед:

*Бачаи боодобро ҳама дӯст медорад. Шахсе, ки ба калонсолон салом медиҳад, дар нақлиёт ба онҳо ҷой медиҳад ва барои бурдани борашон ёрӣ мерасонад шахси боодоб аст. Оё нисбат ба табиат ҳам боодоб бояд бошад? Бале! Мо бояд ҳам нисбат ба одамон ва ҳам нисбат ба табиат боодоб бошем. Агар мо табиатро эҳтиром кардани бошем, бояд корҳои зеринро иҷро намоем:*

- *Гулҳоро беҳуда начинем ва поймол накунем;*
- *Шоху навдаи дарахтонро нашиканем;*
- *Дарахтони тарро набурем;*
- *Лонаи парандаҳоро вайрон накунем;*
- *Ҳайвонҳоро азоб надиҳем ва шикор накунем;*
- *Ҳар гуна партовро ба табиат напартоем;*
- *Партовҳои аз пешамон баромадаро ҷамъ орем;*
- *Баъди дар табиат дам гирифтан, боқимондаи хӯрок, зарфҳои холӣ ва дигар чизҳои нодаркорро напартоем;*
- *Агар оташ даргиронда бошем, қабл аз рафтани худ ҳатман онро хомӯш кунем.*

*Риояи қоидаҳои боло барои ҳар як шахс шарт аст, зеро табиат ҳам мисли одам ба ғамхорӣ ниёз дорад. Агар мо нисбати табиат ғамхорӣ накунем, он рӯз аз рӯз хароб шуда, зебогиаш кам мегардад.*

*Барои мо табиати тоза ва зебо лозим аст. Пас, биёед бачаҳо, якҷоя табиатро эҳтиёт кунем!*

3) Кори гурӯҳӣ – рафтори боодобонаи хонандагон нисбат ба табиат бо нишон додани саҳнача. Хонандагонро ба чор гурӯҳ ҷудо кунед. Ба ҳар як гурӯҳ як лаҳзаи муносибати беодобонаи хонандагонро аз ҷадвали боло (маъқул нест) тақсим кунед ва супориш диҳед:
   - ✓ *Лаҳзаро дида бароед ва роҳҳои бартараф кардани онро нишон диҳед;*
   - ✓ *Фикрҳоятонро ба саҳна гузоред;*
   - ✓ *Саҳнаро ба ҳамсинфон намоиш диҳед;*

   Амалҳои номаъқулро ба гурӯҳҳо чунин тақсим кунед:

   Гурӯҳи 1. *Писарак гулҳоро беҳуда меканад;*
   Гурӯҳи 2. *Хонанда коғазҳоро ба ҳар тараф пош медод;*
   Гурӯҳи 3. *Духтарак поруро ба ҳар тараф мепартофт;*
   Гурӯҳи 4. *Писарбачае хонаи гунҷишкҳоро вайрон мекард.*
4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Мустаҳкамкунии дарс. Масъалаҳои асосии мавзӯъро бо хонандагон ба таври мухтасар дида бароед. Бо саволу ҷавоб ин фаъолиятро гузаронида метавонед. Дар вақти муҳокимаи масъалаҳо ҳаракат кунед, ки ҳамаи хонандагон иштирок кунанд.
6) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳои зеринро дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтарашон рӯйбардор кунанд. Мафҳумҳо:
   - *Мафҳуми боодобӣ.*
   - *Аҳамияти боодоб будан.*
   - *Боодобӣ нисбат ба табиат.*
   - *Ҳифзи табиат.*
7) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед.
8) Супориши хонагӣ. Ба хонандагон чунин супориш диҳед:
   - Дар хона бо падару модар қоидаҳои боодобиро маслиҳат кунед. Матни китобро хонед ва ҷойҳои нофаҳмояшро аз волидон пурсед.

**Арзёбӣ.** Дар рафтидарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ кунед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Мафҳуми боодобро шарҳ диҳед.*
- *Чаро мо бояд нисбат ба табиат боодоб бошем?*
- *Риояи кадом қоидаҳо боодобии моро нишон медиҳад?*
- *Кадом одамро шумо боодоб мегӯед.*
- *Ба хонандагоне, ки нисбат ба табиат беодобӣ мекунанд, чӣ маслиҳат медиҳед?*

## § 26. Муносибати оила бо муҳитизист (1 соат)

**Салоҳият:**

Роҳу воситаҳои расонидани ёриро ба оила ва ҷамъият шарҳ дода метавонад.

Муҳити атрофи маҳаллашонро қадр намуда, барои ҳифзи он якчанд тадбирҳо меандешад.

**Мақсади таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- муносибати мусбат ва манфии оиларо нисбат ба табиат гӯянд;
- рафтори дуруст ва нодурусти хонаводаро нисбат ба табиат фарқ кунанд;
- тарзи муносибати дурусти аъзои оиларо нисбат ба табиати атрофи худ фаҳмонанд;
- дар амалӣ шудани тарзи дурусти муносибати оила бо табиат саҳм гузоранд.

**Барнома.** Муносибати оила бо табиат чӣ гуна буда метавонад? Таъсири мусбату манфии оила ба муҳити зист.Тарзи дурусти муносибати хонавода бо табиати атроф. Аҳамияти муносибати дурусти оила дар беҳдошти ҳолати табиати кишвар ва маҳалли зисти худ. Алоқаманд кардани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Истифодаи расму тасвирҳо ва воситаҳои навиштори. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.

**Методикаи таълим**. Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз кор бо «чархи ақидаҳо» оғоз кунед. Ба хонандагон супориш диҳед ва фикрҳои онҳоро дар “чархи ақидаҳо” нависед. Супориш:

   *Панҷ муносибати хуби оиларо бо табиат номбар кунед.*

   Шумораи ақидаҳо бояд аз 5 кам ва ё зиёд набошанд. Ҷавобҳои эҳтимолие, ки хонандагон бояд гӯянд ва онҳо дар чарх навишта шаванд, чунин аст:

   1. *Обро ифлос накардан;*
   2. *Зироати полизиро нигоҳубин кардан;*
   3. *Ҳайвонҳои хонагиро нигоҳубин кардан;*
   4. *Ба парандаҳо хӯрок додан;*
   5. *Шохи дарахтонро нашикастан ва ҳайвонҳоро азоб надодан.*

   Намунаи «чархи ақидаҳо»:




2) Маълумот оид ба тарзи муносибати аҳли оила бо табиат. Нисбат ба ин масъала маълумоти зеринро пешниҳод карда метавонед:

*Аъзои оилаи мо шахсони аз ҳама наздиктарини моянд. Онҳо дар ғаму хурсандии мо шариканд. Мо якҷоя бо аъзои оила корҳои хоҷагиро анҷом медиҳем, ба тамошо меравем ва бисёр корҳои дигарро иҷро мекунем.*

*Ҳар як оила ба хӯрок, пӯшок ва асбобу анҷоми рӯзгор ниёз дорад. Асосан барои қонеъ кардани талаботи худ оила аз ашёи табиат истифода мебарад. Масалан, барои таъмини оила бо хӯрок заминро кишт мекунанд, меваи дарахтонро ҷамъоварӣ менамоянд, чорво ва паранда парвариш мекунанд. Ҳангоми иҷрои ин корҳо бисёр вақт оилаҳо табиатро ифлос мекунанд. Чӣ тавре ки мо медонем, муҳити атрофро ифлос кардан мумкин нест. Пас, чӣ кор кунем, ки оилаи мо ба муҳити атроф зарар нарасонад?*

*Якчанд қоидаҳое вуҷуд доранд, ки дар ҳолати риоя намудани онҳо муҳити атроф ифлос намешавад:*

1. *Партовҳое, ки дар оила пайдо мешаванд (коғаз, қуттиҳои гуногун, зарфҳои оҳанин, шишагин ва пластикӣ) бояд дар ҷойҳои махсус партофта шаванд. Дар ҳар як шаҳру деҳот ҷойҳои махсуси партовгоҳҳо мавҷуданд.*
2. *Агар оилавӣ ба табиат барои истироҳат равед, баъди худ боқимондаи хӯрок ва зарфҳои холишударо нагузоред.*
3. *Ҳангоми корҳои хоҷагидорӣ (кишту кор, чорводорӣ) бо замин, наботот ва ҳайвоноти муҳити атроф ғамхорона муносибат кардан лозим аст.*
4. *Ҳар як оила бояд обро сарфакорона истифода барад. Партовҳои оилавиро ба об партофтан мумкин нест, зеро мардум дар поён аз ин об менӯшанд.*

*Оила на ҳамавақт ба табиат таъсири бад мерасонад. Бисёр оилаҳо ободкор мебошанд. Онҳо заминҳои бекорхобидаро обёрӣ мекунанд. Дар талу теппаҳо боғ бунёд мекунанд. Ин оилаҳо бо чунин рафторашон ба табиат фоида меоранд.*

3) Мустаҳкамкунии донишҳо. Масъалаҳои асосии мавзӯъро ба таври мухтасар бо хонандагон дида бароед ва дониши онҳоро мустаҳкам кунед. Бо ин мақсад аз саволу ҷавоб истифода бурда метавонед.
4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Навиштани мафҳумҳои асосии дарс. Мафҳумҳои асосии мавзӯи имрӯзаро дар тахта нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтарашон рӯйбардор кунанд ва дар хотир нигоҳ доранд. Мафҳумҳо:

- ✓ *Муносибати хуби аҳли оила бо табиат.*
- ✓ *Муносибати бади оила бо табиат.*
- ✓ *Ободкориҳои оила.*
- ✓ *Нақши ман дар ҳифзи табиат.*

6) Дарсро ҷамъбаст намуда, супориши хонагӣ диҳед. Супориш ба хона: *Оид ба мавзӯи имрӯза дар ҳаҷми 4-5 ҷумла иншои хурд нависед.*

**Арзёбӣ.** Дар рафтидарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ кунед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Чаро мо аъзои оиларо шахсони наздики худ мешуморем?*
- *Бо аъзои оила чӣ гуна бояд муносибат кард?*
- *Оила ба табиат чӣ гуна таъсир расонда метавонад?*
- *Таъсири манфии оиларо бо табиат шарҳ диҳед.*
- *Оид ба таъсири мусбати оила нисбати ба табиат мисолҳо оред.*
- *Шумо ҳамчун узви оила барои ҳифзи табиат чӣ кор мекунед?*
- *Кадом шахсонро шумо дӯстдори табиат мегӯед?*
- *Ба дӯстони худ оид ба ҳифзи табиат чӣ маслиҳат медиҳед?*

## § 27. Муносибати мо бо муҳити табиии мактаб (1 соат)

**Салоҳият:**

Роҳу воситаҳои расонидани ёриро ба оила ва ҷамъият шарҳ дода метавонад.

Муҳити атрофи маҳаллашонро қадр намуда, барои ҳифзи он тадбирҳо меандешад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- унсурҳои табиати мактабро номбар кунанд;
- хусусият ва аҳамияти унсурҳои табиати мактабро шарҳ диҳанд;
- қоидаҳои рафтори дурустро дар муҳити табиии мактаб фаҳмонанд;
- дар муҳити табиии мактаб ба қоидаҳои одобу ахлоқ риоя кунанд.

**Барнома.**Муҳити табиии мактаб чист? Боғ, роҳравҳо ва гулгаштҳои мактаб. Қитъаи таҷрибавии мактаб. Қоидаҳои рафтори дуруст оид ба ҳифзи муҳити табиии мактаб. Кор бо матн, воситаҳои навишторӣ ва расму тасвирҳо. Бозиҳои таълимӣ барои дарки масъала. Мушоҳида, таҳлил ва муқоиса. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим**.

1) Дарсро аз масъалагузорӣ оғоз кунед. Бо ин мақсад аз саволҳои зерин истифода бурда метавонед:
   - *Табиати мактаби шумо аз чӣ иборат аст?*
   - *Шумо дар мактаб чӣ гуна рафтор мекунед?*
   - *Оё гулҳои мактабро чидан ва шохи дарахтонро шикастан мумкин аст?*
   - *Шумо ба чунин бачаҳо чӣ мегӯед?*

   Муҳокимаи масъалаҳоро ба таври суҳбат гузаронед. Ба суҳбат ҳамаи хонандагонро ҷалб намоед. Масъалаҳоро мухтасар дида бароед ва ин фаъолиятро ҷамъбаст кунед.
2) Кор бо тасвир (нақша). Нақшаи зерро дар тахтаи синф тасвир кунед ва аз рӯйиҷавобҳои хонандагон онро пур кунед. Савол диҳед: *Бо табиати мактаб чӣ гуна бояд рафтор кард?*




Дар пур кардани ҷадвал ба хонандагон кумак намоед.

3) Шиносоӣ бо қоидаҳои рафтори дуруст бо табиати мактаб. Маълумоти нақшаи болоро ба хонандагон пурратар шинос кунед ва баъзе масъалаҳои муҳими дигарро илова намоед. Мазмуни зеринро пешниҳод кардан мумкин аст:

   *Мактаб ҷоест, ки хонандагон дар он ҷо таълим мегиранд. Ҳамаи кормандони мактаб, омӯзгорон ва хонандагон ҳайати мактабро ташкил медиҳанд. Ҳайати мактаб бо ҳам дӯсту тифоқанд.*

   *Бисёр мактабҳо ҳавлии васеъ доранд, ки дар он дарахтони гуногун, гулу буттаҳо шинонида шудаанд. Баъзе мактабҳо қитъаи таҷрибавӣ доранд. Дар қитъаи таҷрибавии мактаб зироатҳои гуногун парвариш карда мешавад. Хонандагон дар қитъаи таҷрибавӣ сабзиши рустаниҳоро меомӯзанд. Гоҳе дар мактабҳо гӯшаи зиндаро вохӯрдан мумкин аст. Дар гӯшаи зинда намудҳои ҳайвонот (паррандаҳо, моҳиҳо, харгӯш) ва рустаниҳоро нигоҳубин мекунанд. Ҳамаи рустаниҳои саҳни мактаб, қитъаи таҷрибавӣ ва ҳайвоноту набототи гӯшаи зиндаи мактаб дар якҷоягӣ* ***муҳити табиии мактабро*** *ташкил медиҳанд.*

   *Хонандагоне ҳастанд, ки бо рафтори бади худ ба муҳити табиии мактаб зарар мерасонанд. Онҳо шохаи дарахтонро мешикананд, алафҳоро поймол мекунанд ва бо ҳайвонҳои гӯшаи зиндаи мактаб бозӣ мекунанд. Хонандагони мактаб бояд муҳити табиии мактабро аз чунин хонандагони беодоб ҳифз кунанд.*

   *Об додани гулҳо ва дарахтони мактаб, нарм кардани бехи ниҳолҳо ва нигоҳубини ҳайвонҳои гӯшаи зинда табиати мактабро боз ҳам зеботар мегардонад.*

   Барои тақвияти суханҳоятон аз расму тасвирҳои дастрас истифода баред. Имкон диҳед, ки хонандагон оид ба ин ё он масъала аз таҷрибаи худ мисол оранд.

4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Кори дунафарӣ - мустаҳкамкунии дарс. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки рафторҳои дуруст ва нодурусти хонандагонро бо табиати мактаб муайян кунанд ва онҳоро дар ҷадвали зерин нависанд:

| Рафторҳои номумкин | Рафторҳои мумкин |
|---|---|

| | |
|---|---|
| | |

Омӯзгор нақшаро дар тахтаи синф кашида, худаш аз рӯйиҷавоби хонандагон пур карданаш низ мумкин аст.

Баъди қайди ҷавоби хонандагон омӯзгор якбор мехонад ё аз ягон хонанда хоҳиш мекунад, ки онҳоро хонад. Ба масъалаҳои баҳсталаб равшанӣ андозед ва дониши хонандагонро мустаҳкам кунед.

6) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳои асосии мавзӯъро дар тахтаи синф нависед ва хонандагон онҳоро дар дафтарашон кӯчонанд. Мафҳумҳо:
   – *Муҳити табиии мактаб.*
   – *Қоидаҳои рафтори дуруст бо табиати мактаб.*
   – *Ҳифзи табиати мактаб.*
7) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед ва супориши хонагӣ диҳед. Супориш ба хона:
   ✓ *Матни китобро хонед ва оид ба мавзӯи имрӯза бо аҳли оилаатон суҳбат кунед.*

**Арзёбӣ.** Дар рафтидарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ кунед.

Намунаи саволу супоришҳо:
- *Ба муҳити табиии мактаб чӣ дохил мешавад?*
- *Қоидаҳои асосии рафтори дуруст дар мактаб кадомҳоянд?*
- *Кадом рафтори бачаҳоро бо табиати мактаб шумо нодуруст мешуморед?*
- *Оид ба кори неки анҷомдодаи худ нисбат ба табиати мактаб нақл кунед.*
- *Ба ҳамсинфон ва дӯстони худ дар ин масъала чӣ маслиҳат медиҳед?*

## § 28. Одоби рафтор дар боғу гулгаштҳо (1 соат)

**Салоҳият:**

Роҳу воситаҳои расонидани ёриро ба оила ва ҷамъият шарҳ дода метавонад.

Муҳити атрофи маҳаллашонро қадр намуда, барои ҳифзи он тадбирҳо меандешад.

**Мақсади таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:
- аҳамияти боғу гулгаштҳоро дар зебу зинати маҳалли зист ва барои истироҳати одамон фаҳмонанд;
- рафтори дуруст ва нодурусти бачаҳоро дар чунин ҷойҳо шарҳ диҳанд;
- ҳангоми сайру гашт дар боғу гулгаштҳо ба қоидаҳои одобу рафтор риоя намоянд;
- дар боғу гулгаштҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ ҳурмати калонсолонро ба ҷо оранд.

**Барнома.** Боғ ва гулгашт чист? Аҳамияти боғу гулгаштҳо барои истироҳат ва фароғати мардум. Дар боғу гулгаштҳо чӣ гуна бояд рафтор кард? Рафтори бачаҳо, ки боиси харобии гулгаштҳо мегардад. Эҳтироми калонсолон дар ҷойҳои ҷамъиятӣ. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Кор бо матн ва расму тасвирҳо.

**Методикаи таълим**.
1. Дарсро аз масъалагузорӣ оғоз кунед. Ба хонандагон бо чунин саволҳо муроҷиат кунед:
   – *Шумо боре дар боғу гулгаштҳо сайру гашт кардаед?*

– *Табиати он ҷо чӣ гуна буд?*
– *Зебогии табиати боғу гулгаштҳоро шарҳ диҳед.*
– *Оё ҳамавақт одамон нисбат ба ҷойҳо боодобона рафтор мекунанд?*
– *Рафтори нодурусти одамонро дар чунин ҷойҳо фаҳмонед.*

Масъалаҳоро бо хонандагон муҳокима намуда, диққати онҳоро ба дарси нав ҷалб кунед.

2. Шиносоӣ бо рафтори дуруст дар боғу гулгаштҳо.

Оид ба рафтори хонандагон дар боғу гулгаштҳои шаҳру деҳот маълумот диҳед. Маълумотро ба тариқи суҳбат пешниҳод кунед. Мазмуни таълимро ба ҳаёт алоқаманд намуда, аз таҷрибаи хонандагон истифода баред, имкон диҳед, то ки онҳо воқеаҳои бо чашмашон дидаро нақл кунанд. Мазмуни зеринро пешниҳод карда метавонед:

*Ҳар як шаҳру деҳа боғ, ҷойҳои истироҳатӣ ва тамошогоҳҳо дорад, ки мардуми зиёд ба он ҷо меоянд. Табиати боғу гулгаштҳои шаҳр ниҳоят зебо аст. Баъзе гулу буттаҳои онро аз дигар давлатҳо меоранд. Гулҳои аз дигар кишварҳо овардашуда ниҳоят нозуканд ва ба нигоҳубини махсус ниёз доранд. Одамон баъди кор ё дар рӯзҳои истироҳат ба боғу гулгаштҳои шаҳр омада, дам мегиранд ва хастагии худро бартараф мекунанд.*

*Мутаасифона одамоне ҳастанд, ки дар боғу гулгаштҳои шаҳр бо рафтори нодурусти худ табъи дигаронро хира мегардонанд. Кадом рафторҳои мо метавонад боиси хафагии атрофиён гардад? Дар поён якчанд қоидаҳое оварда мешавад, ки ҳар як шахс онҳоро дар боғу гулгаштҳо бояд риоя кунад:*

1. *Ба тамошои боғу гулгаштҳои шаҳр танҳо рафтан лозим нест.*
2. *Гулу гиёҳи атрофро поймол кардан ё чидан мумкин нест.*
3. *Коғазпора, қуттӣ ва боқимондаи хӯрокро дар роҳравҳо партофтан аз рӯйи одоб нест. Барои ин дар боғу гулгаштҳо қуттиҳои махсус барои партовҳо вуҷуд дорад.*
4. *Бо овози баланд гап задан, хандидан, фарёд задан ё ҳуштак кашидан низ аз рӯйи одоб нест. Бо ин рафторамон ба истироҳати дигарон халал мерасонем.*
5. *Агар дар атроф дигар ҷойи нишаст набошад, ба одамони калонсол ҷой додан лозим аст.*
6. *Агар касе аз шумо чизеро пурсад, боодобона ба саволаш ҷавоб диҳед. Агар туҳфа диҳанд, раҳмат гуфтанро фаромӯш накунед. Аз суханони боодобонаи “марҳамат”, “ташаккур”, “мебахшед” истифода баред.*

*Одоб ва рафтори дурусти мо боиси хурсандии атрофиён мегардад. Агар меҳмонони хориҷӣ бошанд, аз рафтори мо хурсанд шуда, таърифи моро ба ватани худ мебаранд.*

Барои шиносонидани хонандагон бо гулгаштҳо аз намунаи зерин истифода баред:



1. Лаҳзаи дамгирӣ.
2. Мустаҳкамкунии дарс. Лаҳзаҳои асосии дарсро бори дигар бо хонандагон муҳокима намуда, донишҳои онҳоро мустаҳкам кунед. Ба хотири мустаҳкамкунии дарс аз пурсиш-посух истифода бурда метавонед.
3. Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳои асосии мавзӯъро дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтар кӯчонанд. Мафҳумҳо:

*Боғҳои истироҳатӣ*

*Гулгаштҳо*

*Одоби рафтор дар боғу гулгаштҳо*

4. Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед.
5. Вазифаи хонагӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки *аз мафҳумҳои асосии дарс, ки дар дафтар навиштанд, истифода бурда, ҳикояи хурд нависанд.*

**Арзёбӣ**. Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ кунед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- ✓ *Боғу гулгаштҳоро дар куҷо вохӯрдан мумкин аст?*
- ✓ *Дар маҳалли шумо кадом ҷойҳои тамошобоб мавҷуданд? Дар бораи он нақл кунед.*
- ✓ *Кадом амалҳоро дар боғу гулгаштҳо ба ҷо овардан мумкин нест?*
- ✓ *Амалҳои некро дар чунин ҷойҳо номбар кунед.*
- ✓ *Ба хонандагоне, ки дар чунин ҷойҳо беодобӣ мекунанд, чӣ маслиҳат медоded?*

# Боби V. Сайёраи Замин

## § 29.Сатҳи замин чӣ гуна аст? (1 соат)

**Салоҳият:**

Хусусияти унсурҳои зинда ва ғайризиндаи маъмул ва баъзе унсурҳои ғаримаъмули табиатро муқоиса мекунад.

**Мақсади таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- шаклҳои асосии релефи заминро номбар кунанд;
- хусусияти шаклҳои релефро бо суханони худ шарҳ диҳанд;
- аз рӯйи расм кӯҳ ва ҳамвориҳоро нишон диҳанд;
- аз рӯйи хусусиятҳо шаклҳои релефро аз ҳам фарқ кунанд;
- расми ягон шакли релефро тасвир кунанд.

**Барнома.** Релеф. Шаклҳои релеф. Хусусияти кӯҳҳо. Хусусияти ҳамвориҳо. Фарқияти шаклҳои релеф аз рӯйи хусусиятҳо. Тасвири объекти омӯзиш. Кор бо расму тасвирҳо. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед. Бояд қайд кард, ки ин тавсияҳо фақат намуна мебошанд ва шумо метавонед аз роҳу усулҳои ба худатон мувофиқ истифода баред.

1) Дарсро аз ёфтани рамз оғоз кунед. Бо ин мақсад номи мавзӯъро дар шакли рамз ба хонандагон пешниҳод намоед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки онро ёбанд.
   Рамз:

| С | А | Т | И | Ҳ |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

| А | И | З | Н | М |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

   Дар рамз ибораи “Сатҳи замин” оварда шудааст. Барои ёфтани рамз ба хонандагон кӯмак намоед. Қайд кунед: агар мо ин рамзҳоро ёбем, номи мавзӯамон мебарояд. Дар охири ин фаъолият номи мавзӯъ – “Сатҳи замин чӣ гуна аст?”-ро дар тахта нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро дар дафтар қайд кунанд.

2) Кор бо расмҳо. Шиносоии хонандагон бо шаклҳои асосии релеф – кӯҳҳо ва ҳамвориҳо. Аз рӯйи расмҳо хонандагонро бо хусусияти кӯҳҳо ва ҳамвориҳо шинос кунед, фарқияти онҳоро фаҳмонед. Бо саволҳо таваҷҷуҳи хонандагонро ба ҷанбаҳои гуногуни кӯҳ ва ҳамвориҳо ҷалб кунед. Оид ба теппа низ каме маълумот диҳед. Метавонедаз расмҳои зерин истифода баред:





Мазмуни маълумотатон чунин буда метавонад:

*Сатҳи замин ноҳамвор буда, асосан аз кӯҳҳо ва ҳамвориҳо иборат аст. Пастиву баландии сатҳи заминро релеф меноманд. Кӯҳ қисми барҷастаи сатҳи замин буда, баландии зиёд дорад. Ҳар як кӯҳ аз домана, қулла ва нишебӣ иборат аст. Домана ҷоест, ки аз он кӯҳ оғоз мегардад. Қулла нуқтаи аз ҳама баланди кӯҳ мебошад. Нишебӣ қисме аз кӯҳ мебошад, ки дар мобайни қулла ва доманаи кӯҳ ҷойгир шудааст. Қисми зиёди ҳудуди ватани азизамон - Тоҷикистонро кӯҳҳо ишғол кардаанд.*

*Ҳамворӣ сатҳи тахти замин мебошад. Баъзе ҳамвориҳо баландиҳо доранд, ки онҳоро теппа мегӯянд. Талу теппа қисми бардошташудаи ҳамворӣ мебошад. Дар ҳамвориҳо баъзан ҷарӣ пайдо мешавад.*

*Ҳамвориҳо ва кӯҳҳоро одамон истифода мебаранд. Дар ҳамвориҳо кишту кор мекунанд ва дар кӯҳҳо чорво мечаронанд.*

3) Кори гурӯҳӣ – муайян кардани қисмҳои кӯҳ. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед ва чунин супориш диҳед:
   - *Аз рӯйи расм қисмҳои кӯҳро муайян кунед ва номи онҳоро нависед. Масалан, рақами 1 кадом қисми кӯҳ аст, рақами 2 ва 3 кадом? Расми зеринро ба хонандагон пешниҳод карда метавонед:*




4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Мустаҳкамкунии дарс. Мафҳумҳои асосии дарси имрӯзаро бо тариқи саволу ҷавоб аз хонандагон пурсед ва дониши онҳоро мустаҳкам кунед.
6) Навиштани мафҳумҳои асосии мавзӯъ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мафҳумҳои асосии мавзӯъро дар дафтарашон нависанд. Мафҳумҳо:

*Релеф.*
*Шаклҳои релеф.*
*Ҳамвориҳо.*
*Фарқияти шаклҳои релеф.*

7) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед.
8) Супориши хонагӣ:
   - *Интихобан, ягон шакли релефро дар албом тасвир кардан.*

**Арзёбӣ.** Дар рафтидарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣкунед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- *Релеф чист?*
- *Шаклҳои релефро номбар кунед.*
- *Хусусиятҳои шаклҳои релефро шарҳ диҳед.*
- *Аз рӯйи расм кӯҳ ва ҳамвориҳоро нишон диҳед.*
- *Фарқияти ҳамворӣ ва кӯҳҳоро гӯед.*
- *Қисмҳои кӯҳро аз рӯйи расм нишон диҳед.*
- *Кӯҳҳо ва ҳамвориҳоро одамон чӣ гуна истифода мебаранд?*

## § 30.Қитъаҳои олам (1 соат)

**Салоҳият:**

Хусусияти унсурҳои зинда ва ғайризиндаи маъмул ва баъзе унсурҳои ғаримаъмули табиатро муқоиса мекунад.

**Мақсади таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- материкҳо ва қитъаҳоро номбар кунанд;
- аз рӯйи аломаташон онҳоро аз ҳамдигар фарқ кунанд;
- аз кадом ҷиҳат машҳур будани қитъаҳои алоҳидаро гӯянд;
- бо ёрии омӯзгор онҳоро аз харита нишон диҳанд;
- дар кадом материк ва қитъа ҷойгир будани кишвари худро гӯянд;
- қитъаҳоро бо рангҳои гуногун оро диҳанд.

**Барнома.** Материкҳо ва қитъаҳо қисмҳои калони хушкӣ. Материкҳо ва қитъаҳо чандтоанд? Фарқияти қитъаҳо аз рӯйи хусусиятҳо. Машҳур будани қитъаҳо аз ягон ҷиҳат. Материкҳо ва қитъаҳо дар харитаи ҷаҳон. Тоҷикистон дар кадом материк ҷойгир шудааст? Кор бо расму тасвирҳо, харитаҳо. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ.

**Методикаи таълим**. Дар вақти банақшагирии дарс аз тавсияҳои методии зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз масъалагузорӣ оғоз кунед.Бо ин мақсад аз саволҳои зерин истифода баред:
   - *Шумо оид ба материкҳо ва қитъаҳо чӣ медонед?*
   - *Номи кадоми онҳоро гуфта метавонед?*
   - *Материкҳо чандтоанд?*
   - *Қитъаҳо чӣ?*
   - *Онҳоро аз харита нишон дода метавонед?*

   Барои ин фаъолият вақти зиёдро сарф накунед. Тавассути саволҳо диққати онҳоро ба мавзӯъ ҷалб кунед.

2) Суҳбат. Аз расмҳои дастрас истифода бурда, хонандагонро бо қитъаҳо ва материкҳо шинос кунед.Онҳоро аз харита нишон диҳед ва фарқияти онҳоро аз рӯйиҳаҷм (масоҳат) гӯед. Ҳангоми шинос намудани хонандагон бо қитъаҳо мазмуни зеринро пешниҳод карда метавонед:

*Қитъа ҳудуди калони хушкиест, ки дар атрофаш баҳру уқёнусҳо ҷойгир аст. Дар кураи замин шаш қитъа мавҷуд аст: Аврупо, Осиё, Африқо, Амрико, Австралия ва Антарктида. Ҳар як қитъа аз ҷиҳати ҳаҷм ва табиат аз ҳамдигар фарқ мекунанд.*

*Аз рӯйиҳаҷм қитъаҳоро аз калон ба хурд, бо чунин тартиб гузоштан мумкин аст:*
*Осиё;*
*Амрико;*
*Африқо;*
*Антарктида;*
*Аврупо;*
*Австралия.*

***Австралия** қитъаи аз ҳама хурдтарини кураи Замин мебошад. Табиати Австралия хеле зебо ва гуногун аст. Дар он ҷо ҳайвони аҷиби кенгуру зиндагӣ мекунад, ки бачаашро дар халтаи зери шикамаш гирифта мегардад.*

***Осиё** қитъаи калонтарини кураи Замин мебошад. Ин қитъа аз рӯйи шумораи аҳолӣ низ дар ҷойи аввал меистад. Қитъаи Осиё бо қитъаи Аврупо дар як қисми калони хушкиҷой гирифтаанд (ба харита нигаред). Кӯҳҳои аз ҳама баланди дунё дар Осиё мебошанд. Мо низ дар ҳамин қитъа зиндагӣ мекунем.*

***Қитъаи Амрико** аз ҷиҳати масоҳат баъд аз Осиё дар ҷойи дуюм меистад. Ин қитъа аз ду қисми калони хушкӣ – Амрикои Шимолӣ ва Амрикои Ҷанубӣ иборат аст (нигаред ба харита). Табиати қитъаи Амрико зебо буда, дар он ҷангалҳои касногузар, кӯҳҳои баланд ва ҳамвориҳои серҳосил ҷойгир шудаанд.*

***Қитъаи Африқо** ватани одамони сиёҳпӯст – зангиҳо мебошад. Дар Африқо ҳарорат ниҳоят гарм аст, бинобар ин пӯсти одамон аз таъсири нури офтоб ранги сиёҳро гирифтааст. Африқо аз ҳайвонҳои гуногун бой аст. Фил, шер ва баҳмут дар Африқо зиндагӣ мекунанд.*

***Қитъаи Антарктида** дар қисми ҷанубии кураи Замин ҷойгир шудааст. Ин қитъаро пурра ях пӯшидааст. Аз сабаби хунук буданаш дар Антарктида одамон зиндагӣ намекунанд ва рустанӣ намерӯяд.*

*Дар **қитъаи Аврупо** давлатҳои пешрафтаи дунё ҷойгир шудаанд. Олимони аврупоӣ бисёр қонунҳои табиатро кашф кардаанд. Табиати Аврупо низ ба мисли дигар қитъаҳо зебо ва рангин аст.*




**Материкҳо:**




Қитъаҳо ва материкҳоро аз харита нишон диҳед. Қайд кунед, ки материкҳо ва қитъаҳо шаштогӣ мебошанд.

3) Лаҳзаи дамгирӣ.
4) Амалия дар гурӯҳҳо. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед. Харитаи материкҳоро, ки дар онҳо чизе навишата нашудааст, ба гурӯҳҳо ҷудо кунед ва чунин супориш диҳед:
   - *Аз рӯйи харита (харитаи деворӣ, харитаи китоби дарсӣ ва ғайра) тарҳҳои намунавӣ холиро мувофиқи материкҳо ва қитъаҳо ранг кунед ва номи онҳоро нависед;*
   - *Коратонро муаррифӣ кунед.*

Баъди ба анҷом расидани вақти ҷудошуда муаррифии корҳоро ба роҳ монед. Хонандагон (гурӯҳҳо) бонавбат корҳои худро муаррифӣ мекунанд. Гурӯҳҳои дигар савол медиҳанд ва иловаҳои худро ворид месозанд.

Намунаи харитае, ки ба гурӯҳҳо тақсим карда мешавад:



5) Бозии таълимӣ - «Қитъаро ёбед». Хусусияти қитъаҳоро ба хонандагон гӯед ва аз онҳо хоҳиш кунед, ки номи онро ёбанд. Масалан:

*Ин қитъа ҳаҷман аз ҳама калон мебошад;*
*Ҳайвони кенгуру дар он зиндагӣ мекунад;*
*Ин қитъа хунук буда, бо ях пӯшида шудааст;*
*ва ғайра…………*

6) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтарҳояшон мафҳумҳои асосии мавзӯъро навишта, дар хотир нигоҳ доранд. Мафҳумҳоро дар тахтаи синф нависед:
   - *Қитъа ва материкҳо қисмҳои калони хушкӣ*
   - *Аврупо;*
   - *Осиё;*
   - *Африқо;*
   - *Амрико;*
   - *Антарктида;*
   - *Австралия.*
7) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед.
8) Супориши хонагӣ:
   - ✓ *Матни китобро хонед ва ҷойҳои нофаҳмои онро дар дафтар нависед. Ин мафҳумҳоро дар дарси оянда аз омӯзгор пурсед.*

**Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
- *Қитъа чист?*
- *Материк чист?*
- *Қитъа ва материкҳоро номбар кунед.*
- *Материкҳо ва қитъаҳо аз ҳам чӣ фарқ доранд?*
- *Материкҳоро бо тартиби калоншавиашон ҷо ба ҷо гузоред.*
- *Қитъаҳоро бо тартиби калоншавиашон ҷо ба ҷо гузоред.*
- *Аз табиати қитъаҳои гуногун мисол оред.*
- *Материкҳо ва қитъаҳоро аз харита нишон диҳед.*
- *Дар харитаи тарҳӣ қитъаҳоро ранг кунед.*

## §31.Давлатҳои ҷаҳон (1 соат)

**Салоҳият:**

Роҳу воситаҳои расонидани ёриро ба оила ва ҷамъият шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:

- баъзе давлатҳои ҷаҳонро номбар кунанд;
- хусусияти фарққунандаи ин давлатҳоро шарҳ диҳанд;
- мазмуни харитаи сиёсии ҷаҳонро бо суханони худ фаҳмонанд;
- давлатҳоро аз харита нишон диҳанд ва дар харитаи тарҳӣ гузаронанд.

**Барнома.** Давлатҳои ҷаҳон. Давлатҳо дар харитаи ҷаҳон. Фарқияти давлатҳои ҷаҳон. Давлатҳои калонтарини ҷаҳон. Тоҷикистон дар харитаи ҷаҳон. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Кор бо расму тасвирҳо ва матн.

**Методикаи таълим**.

1) Дарсро аз намоиши харитаи сиёсии ҷаҳон оғоз намоед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:
   - *Шумо дар расм чиро дида истодаед?*
   - *Рангҳои гуногун чиро ифода мекунанд?*
   - *Чаро рангҳо аз рӯйиҳаҷм аз ҳамдигар фарқ доранд?*
   - *Оё Тоҷикистон дар ин харита вуҷуд дорад?*

   Саволҳоро ба таври кӯтоҳ муҳокима кунед ва ин фаъолиятро ҷамъбаст намоед.

   **Эзоҳ.** Дар ин дарс ҳатман аз харитаи сиёсӣ истифода бурдан лозим аст, зеро дар он давлатҳо бо рангҳои гуногун тасвир ёфтаанд. Аз харитаҳои табиии нимкураҳо, табиии ҷаҳон ва сиёсии нимкураҳо истифода бурдан он қадар ба мақсад мувофиқ нест.

   Намунаи харитаи сиёсии ҷаҳон:

**Харитаи сиёсии ҷаҳон**



2) Шиносой бо харитаи сиёсии ҷаҳон ва давлатҳои ҷаҳон. Хонандагонро бо харитаи сиёсии ҷаҳон ва давлатҳо шинос кунед ва хусусиятҳои онро фаҳмонед. Мазмуни зеринро пешниҳод карда метавонед:

*Дар ҷаҳон мамлакатҳои зиёд мавҷуданд. Барои осон шудани омӯзиши давлатҳо онҳоро дар харита ва глобус тасвир мекунанд. Харитае, ки дар он давлатҳо, сарҳад ва пойтахти онҳо тасвир карда шудааст,* ***харитаи сиёсии ҷаҳон*** *ном дорад. Ҳар як давлат сарҳад, пойтахт, нишон ва рамзи худро дорад. Британияи Кабир, Франсия, Олмон (Германия) ва Италия давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон буда, дар қисми аврупоии материки Евроосиё ҷойгир шудаанд.*

*Олмон яке аз давлатҳои сераҳолитарини Европа мебошад. Италия дар қисми ҷанубии Европа ҷойгир буда, шакли он дар харита ба мӯзаи занона шабоҳат дорад.*

*Франсия ва Британияи Кабир дар қисми ғарбии Европа ҷойгир шудаанд.*

*Давлатҳои Хитой, Ҳиндустон ва Япония бошанд дар қисми осиёгии материки Евроосиё ҷойгиранд. Хитой ва Ҳиндустон давлатҳои сераҳолитарини ҷаҳон буда, ба бошандагони онҳо қариб нисфи аҳолии кураи замин рост меояд.*

*Аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ Хитой дар ҷаҳон ҷойи якум ва Ҳиндустон ҷойи дуюмро ишғол мекунад. Япония ва Руссия аз давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон мебошанд. Япония ва Руссия дар материки Евроосиё ҷойгиранд. Руссия аз ҷиҳати масоҳат дар ҷаҳон ҷойи якумро ишғол мекунад.*

*Иёлоти Муттаҳидаи Амрико давлати пуриқтидортарини ҷаҳон ба шумор меравад. Ин давлат дар материки Амрикои Шимолӣ ҷойгир шудааст.*

*Бразилия низ яке аз давлатҳои калони ҷаҳон ба ҳисоб рафта, дар материки Амрикои Ҷанубӣ ҷойгир аст. Бразилия қариб нисфи ҳудуди материки Амрикои Ҷанубиро ишғол кардааст.*

3) Амалия – дар харитаи тарҳии ҷаҳон ранг кардани давлатҳо. Харитаҳои тарҳиро ба хонандагон тақсим кунед (шумо онҳоро пешакӣ бояд тайёр карда бошед). Чунин супориш диҳед:

– *Аз рӯйи харитаи сиёсии ҷаҳон давлатҳоро дар харитаи тарҳӣ ранг кунед;*
– *Ҳангоми ранг кардан аз рангҳои гуногун истифода баред ва ҳамон давлатҳоеро, ки дар бораи онҳо гап задем, ранг кунед;*
– *Коратонро ба дигарон нишон диҳед.*
–

Намунаи харитаи тарҳии ҷаҳон, ки ба хонандагон тақсим кардан лозим аст:



4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Мустаҳкамкунии дарс. Масъалаҳои асосии мавзӯъро бори дигар хотиррасон карда, дониши хонандагонро мустаҳкам кунед. Мустаҳкамкуниро ба тариқи саволу ҷавоб анҷом дода метавонед.
6) Навиштани мафҳумҳои асосӣ. Мафҳумҳои асосии мавзӯъро дар тахта нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтарашон кӯчонанд. Мафҳумҳои асосӣ:

*Харитаи сиёсии ҷаҳон;*
*Давлатҳои ҷаҳон;*
*Давлатҳо дар харитаи ҷаҳон;*
*Тоҷикистон дар харитаи ҷаҳон.*

7) Дарсро ҷамъбаст ва дониши хонандагонро қадр кунед ва барои хона супориш диҳед. Супориш ба хона:
   - ✓ *Оид ба мавзӯи имрӯза бо аҳли оилаатон суҳбат кунед ва давлатҳоро ба онҳо нишон диҳед. Аз онҳо пурсед, ки кадом давлатҳоро медонанд.*

**Арзёбӣ.** Дар рафти дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
- *Кадом давлатҳоро номбар карда метавонед?*
- *Харитаи сиёсии ҷаҳон чист?*
- *Чаро дар харитаи сиёсӣ давлатҳо бо рангҳои гуногун тасвир карда мешаванд?*
- *Давлатҳои Аврупоро номбар кунед.*
- *Давлатҳои Осиёро номбар кунед.*
- *Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар кадом материк ҷойгир шудааст?*
- *Тоҷикистон дар кадом материк ҷойгир шудааст?*
- *Тоҷикистонро аз харита нишон диҳед.*
- *Тоҷикистонро дар харитаи тарҳӣ гузаронед.*

## §32.Тоҷикистон дар харитаиҷаҳон (1соат)

**Салоҳият:**

Роҳу воситаҳои расонидани ёриро ба оила ва ҷамъият шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:
- Тоҷикистонро ҳамчун ватани худ номбар кунанд;
- номи пойтахти Тоҷикистонро гӯянд;
- ҳамсояҳои Тоҷикистонро номбар кунанд;
- дар кадом материк воқеъ будани Тоҷикистонро гӯянд;
- Тоҷикистон ва пойтахти он шаҳри Душанберо аз харита нишон диҳанд.

**Барнома.** Тоҷикистон – ватанам. Пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе. Ҳамсояҳои Тоҷикистон. Материк ва қитъае, ки Тоҷикистон дар он ҷойгир аст. Хусусиятҳои Тоҷикистон. Кор бо расму тасвирҳо ва матн. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил.

**Методикаи таълим**. Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз хондани мисраъҳои шеърӣ оғоз кунед:

   *Дар пардаи субҳ меҳри тобон яктост,*
   *Тоҷик ҳама ҷост, Тоҷикистон яктост.*

   Пораҳои шеъриро бо хонандагон муҳокима ва таҳлил намоед. Бо ин мақсад саволҳои зеринро пешниҳод карда метавонед:
   - *Дар шеър сухан дар бораи чӣ меравад?*
   - *Мафҳуми “тоҷик” ба шумо шинос аст?*

– *Мафҳуми “Тоҷикистон” чиро ифода мекунад*?
– Имрӯз мавзӯи мо дар бораи чӣ аст?

Аз рӯйи муҳокимаи саволи охирон хонандагонро ба хулосае оред, ки мавзӯи имрӯзаи мо дар бораи Тоҷикистон аст. Номи мавзӯъро дар тахта нависед ва ба хонандагон шинос кунед.

2) Шиносоӣ бо мавқеи Тоҷикистон дар ҷаҳон.Ҷойгиршавии Тоҷикистонро дар харитаи сиёсии ҷаҳон нишон диҳед. Қайд кунед, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон як қисми муайяни ҷаҳон буда, дар қисми осиёгии материки Евроосиё ҷойгир шудааст. Аз харитаи ҷаҳон Тоҷикистонро ба хонандагон нишон диҳед ва барои дар онҳо пайдо кардани малакаҳои кор бо харита хоҳиш кунед, ки аз харита Тоҷикистон ва пойтахти он - Душанберо нишон диҳед.
Намунаи харита:




3) Маълумот оид ба ҳамсояҳои Тоҷикистон. Мазмуни зеринро ба хонандагон пешниҳод карда метавонед:
*Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои Қирғизистон, Ӯзбекистон, Хитой ва Афғонистон ҳамсарҳад аст. Ин кишварҳо ҳамсояҳои мо мебошанд (Онҳоро аз харита нишон диҳед). Он минтақаи материки Евроосиоро, ки давлати Тоҷикистон бо ҳамсояҳояшдар он ҷойгир аст, Осиёи Марказӣ меноманд. Тоҷикистон бо ҳамсояҳояш муносибати дӯстона дорад.*
Аз расму тасвирҳо ва харитаҳои дастрас истифода баред.Ҳамсояҳои Тоҷикистонро низ аз харита нишон диҳед. Намунаи харитаи Тоҷикистон бо ҳамсоҳояш:



4) Лаҳзаи дамгирӣ.
5) Кор бо харитаи тарҳӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки Тоҷикистонро аз рӯйи харитаи сиёсӣ ба харитаи тарҳӣ гузаронанд ва пойтахти онро қайд кунанд. Ин корро ба таври гурӯҳӣ низ кардан мумкин аст (агар харитаҳои тарҳӣ кам бошанд).
6) Муаррифии корҳо. Хонандагон метавонанд аз ҷойи нишаст ё як нафар намояндаи гурӯҳ аз тахтаи синф натиҷаи кори худро ба дигарон мефаҳмонад. Хонандагони дигар ба фикрҳои гурӯҳи баромадкунанда иловаҳо мекунанд ё савол медиҳанд. Ҳангоми баромади гурӯҳҳо муҳокимарониро ташкил кунед.
7) Мустаҳкамкунии дарс. Масъалаҳои асосии мавзӯъро бо хонандагон дида бароед ва дониши онҳоро мустаҳкам кунед. Бо ин мақсад аз савол ва супоришҳо оид ба мавзӯъ истифода бурда метавонед.
8) Навиштани мафҳумҳои мавзӯъ. Мафҳумҳои асосии дарсро дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтарашон кӯчонанд. Мафҳумҳо:
   - ✓ *Тоҷикистон - ватани мо*
   - ✓ *Душанбе - пойтахти ватани мо*
   - ✓ *Ҳамсояҳои Тоҷикистон – Ӯзбекистон, Қирғизистон, Хитой, Афғонистон.*
9) Дарсро ҷамъбаст намуда, дониши хонандагонро қадр кунед ва супориши хонагӣ диҳед:
   *Матни китобро хонед ва оид ба мавзӯи имрӯза бо аҳли оилаатон суҳбат кунед.*

**Арзёбӣ.** Дар рафтидарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
- *Ватани мо кадом давлат аст? Чӣ ном дорад?*
- *Пойтахти ватани мо чӣ ном дорад?*
- *Ватани мо – Тоҷикистон дар куҷо ҷойгир аст?*
- *Тоҷикистон ва шаҳри Душанберо аз харита нишон диҳед.*
- *Ҳамсояҳои Тоҷикистонро номбар кунед.*
- *Ҳамсояҳои Тоҷикистонро аз харита нишон диҳед.*
- *Муносибати Тоҷикистон бо ҳамсояҳо чӣ гуна аст?*

## § 33. Тобистон – фасли гармо (1 соат)

**Салоҳият:**

Хусусияти унсурҳои зинда ва ғайризиндаи маъмул ва баъзе унсурҳои ғаримаъмули табиатро муқоиса мекунад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:
- тобистонро ҳамчун фасли сол шиносанд;
- моҳҳои фасли тобистонро номбар кунанд;
- хусусияти фасли тобистонро шарҳ диҳанд;
- шуғли одамон ва мактаббачаҳоро дар ин фасл гӯянд.

**Барнома.** Тобистон фасли гарми сол. Моҳҳои фасли тобистон – июн, июл, август. Хусусиятҳои фасли тобистон. Шуғли одамон дар фасли тобистон. Бачаҳо дар тобистон чӣ кор мекунанд? Таъмини бехатарӣ ҳангоми таътили тобистона. Алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёт. Муқоиса, мушоҳида ва таҳлил. Кор бо воситаҳои навишторӣ, матн ва расму тасвирҳо.

**Методикаи таълим**. Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) Дарсро аз бедоркунии дониши хонандагон оғоз кунед. Бо ин мақсад аз саволҳои зерин истифода бурда метавонед:
   – *Тобистон чӣ гуна фасл аст?*
   – *Фасли тобистон кай фаро мерасад?*
   – *Шумо дар ин фасл чиро дӯст медоред?*
   – *Оё шумо барои тобистон ягон нақша кашидаед?*

   Дар атрофи саволҳо муҳокимаронӣ карда, фикрҳои хонандагонро гӯш кунед ва донишҳои хонандагонро оид ба фасли тобистон бедор намоед. Барои ин фаъолият вақти зиёдро сарф накунед.
2) Кори дунафара: Ман дар тобистон кадом корҳоро дӯст медорам. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ду нафарӣ маслиҳат карда, се чизи дар фасли тобистон дӯст-доштаашонро муайян кунанд. Натиҷаи корашонро яке аз аъзои дунафара муаррифӣ мекунад.Фикрҳои дунафараҳоро шунавед. Дар ҳалли баъзе масъалаҳои баҳснок ба хонандагон кумак кунед.
3) Шиносоӣ бо хусусиятҳои фасли тобистон. Аз расму тасвирҳои дастрас истифода бурда, оид ба хусусиятҳои фасли тобистон ба хонандагон маълумот диҳед. Мазмуни маълумот чунин буда метавонад:
   - *Моҳҳои фасли тобистон. Бо тасвир кардани нақшаи зерин дар тахтаи синф ин масъаларо фаҳмонед:*




   - *Дароз шудани рӯз ва кӯтоҳ шудани шаб дар фасли тобистон.*
   - *Кам шудани боришот дар тобистон.*
   - *Пухтани баъзе намудҳои мева, сабзавот ва ҷамъоварии онҳо.*
   - *Ба итмом расидани хониш ва таътили тобистонаи мактаббачаҳо.*
   - *Либосҳои махсуси тобистона. Расми онҳоро нишон диҳед:*




Масъалаҳоро бо тариқи суҳбат ба хонандагон фаҳмонед ва аз таҷрибаҳои ҳаётии онҳо истифода баред.

4) Кори гурӯҳӣ: Мо дар фасли тобистон кадом корҳоро дӯст медорем. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, чунин супориш диҳед:
   – *Маслиҳат намуда муайян кунед, ки дар фасли тобистон шумо кадом корҳоро дӯст медоред;*
   – *Коратонро ба дигарон муаррифӣ кунед.*

   Хонандагон метавонанд фикрҳои худро дар ҷадвали зерин тасвир кунанд:

| Кори дӯстдоштаи ман | Барои чӣ ман ин корро дӯст медорам? |
|---|---|
| | |

   Дар масъалаҳои баҳсталаб ба хонандагон кумак намоед ва онҳоро ба як хулосаи дуруст оред.
5) Лаҳзаи дамгирӣ.
6) Мустаҳкамкунии донишу малака. Масъалаҳои асосии дарсро бо хонандагон ба тариқи саволу ҷавоб дида бароед ва дониши онҳоро мустаҳкам кунед.
7) Навиштани мафҳумҳои мавзӯъ. Мафҳумҳои асосии дарсро дар тахтаи синф нависед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онҳоро ба дафтарашон кӯчонанд. Мафҳумҳо:
   - ✓ *Тобистон- фасли гарми сол.*
   - ✓ *Июн, июл, август – моҳҳои фасли тобистон.*
   - ✓ *Тобистон - айёми меваю сабзавот.*
   - ✓ *Таътили тобистона.*
   - ✓ *Бехатарӣ дар фасли тобистон.*
8) Дарсро ҷамъбаст кунед ва барои хона супориш диҳед. Супориш барои хона:
   *Бо аҳли оилаатон маслиҳат намоед ва нақшаи корҳои тобистонаро тартиб диҳед.*

**Арзёбӣ.** Дар рафтидарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:
– *Фасли тобистон аз кадом моҳҳо иборат аст?*
– *Пеш аз фасли тобистон кадом фасл аст?*
– *Фаслеро, ки баъди тобистон меояд, номбар кунед.*
– *Тобистон кадом хусусиятҳоро дорад?*
– *Одамон дар фасли тобистон ба чӣ корҳо машғуланд?*
– *Мактаббачагон дар фасли тобистон ба чӣ корҳо машғул мешаванд?*
– *Нақшаи худро дар фасли тобистон гӯед.*

## § 34. Дар таътили тобистона мо чӣ кор мекунем? (1 соат)

**Салоҳият:**

Роҳу воситаҳои расонидани ёриро ба оила ва ҷамъият шарҳ дода метавонад.
Муҳити атрофи маҳаллашонро қадр намуда, барои ҳифзи он тадбирҳо меандешад.
Хатарҳои атрофро муайян карда, роҳҳои одии паст кардани хатарҳоро шарҳ медиҳад.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:
- корҳоеро, ки дар фасли тобистон дӯст медоранд, номбар кунанд;
- барои гузаронидани таътили тобистона нақша тартиб диҳанд;
- аз рӯйи нақшаи тартибдода амал намоянд;
- роҳҳои бехатари гузаронидани таътили тобистонаро шарҳ диҳанд.

**Методикаи таълим**.

Хонандагон дар ин дарс асосан фаъолиятҳои худро барои фасли тобистон ба нақша гирифта, роҳҳои амалӣ намудани онҳоро муҳокима мекунанд.

## 4. СТРАТЕГИЯҲОИ ТАЪЛИМИ ТАБИАТШИНОСӢ (олами атрофи мо)

### 4.1. Таълими малакаҳои гӯш кардану гуфтан

Гӯш кардан яке аз малакаҳои муҳимми шахс мебошад. Қобилияти хуб гӯш кардан ба дарк кардани ахбори шунида ва муоширӣ бо дигарон таъсири калон мерасонад. Шахс бо мақсадҳои гуногун сухан, нақл ва дигар хелҳои матни шифоҳиро гӯш мекунад. Масалан:

1) *Гӯш кардани ахбор*;
2) *Дарки маънӣ;*
3) *Завқ бурдан (суруд, мусиқӣ, шеър ва ғайра);*
4) *Омӯхтан.*

Таҳқиқоти гуногун нишон медиҳанд, ки шахс аз 25 то 50 фоизи шунидаҳояшро дар хотир мегирад[1]. Аз ин лиҳоз, ташаккул додани малакаи гӯш кардан ба хонандагон имконият медиҳад, ки маълумотро пурра дарк кунанд ва дараҷаи азхудкунии маводди таълимро баланд бардоранд. Бо ташаккул додани малакаи гӯш кардан хонандагон метавонанд сатҳи маҳсулнокии омӯзишашонро баланд бардошта, инчунин қобилияти таъсир расондан, водор намудан ва ба созиш омаданро такмил диҳанд. Зиёда аз ин малакаи хуби гӯш кардан имконият медиҳад, ки нофаҳмӣ ва низоъ байни гӯянда ва шунаванда аз байн бурда шавад. Барои ташаккули малакаи мазкур хонандагон бояд қоидаҳои умумии гӯш карданро донанд ва риоя кунанд:

1) Ба суханони гӯянда диққат додан, яъне:
   - *ҳангоми суҳбат ба гӯянда нигоҳ кардан*;
   - *фикрҳоеро, ки ба шунидан халал мерасонанд, ба як тараф гузоштан*;
   - *ҳангоми гӯш кардан хаёлан ихтилоф омода накардан;*
   - *ба омилҳое*, ки *ба ҷараёни гӯш кардан халал мерасонанд, ба монанди садоҳои атроф, гуфтугӯи дигарон аҳамият надодан;*
   - *ба имову ишораи гӯянда диққат додан.*
2) Дар ҳақиқат гӯш карданро нишон додан, яъне
   - *истифода бурдани воситаҳои ғайринутқӣ (имову ишора) барои ба гӯянда равона намудани диққат*;
   - *мувофиқ ҳар сари вақт сар ҷунбондан;*
   - *табассум кардан ва истифодаи имои мувофиқ*;
   - *қоматро рост ва кушода нигоҳ доштан*;
   - *барои суҳбат идома додани ба суханони гӯянда эзоҳи хурд пешниҳод кардан*, *ба монанди ҳа, наход ва амсоли ин.*
3) Ҷавоби мувофиқ додан.
   Фаъолона гӯш кардан эҳтиром ва дарк кардани масъаларо мефаҳмонад. Шахси шунаванда ахбор ва ақидаҳои навро қабул мекунад. Агар шунаванда ҳангоми суҳбат нияти ба гӯянда ҳамла кардан, ё ӯро таҳқир кардан дошта бошад, он гоҳ аз ин суҳбат чизе намегирад.
   - *Дар ҷавоб додан дақиқ ва одил будан*;
   - *Ақидаро бо эҳтиромона пешниҳод кардан;*
   - *Ба шахси мусоҳиб муносибати мувофиқ нишон додан.*

[1] http://www.mindtools.com/CommSkll/ActiveListening.htm

## 4.2. Таълими хониши бошуурона

Хониши бошуурона мақсади асосии хондан мебошад. Дар аксари сарчашмаҳои таълимию методӣ хониши бошуурона чунин таъриф дода мешавад: “Хониши бошуурона ҷараёни гирифтан ва сохтани маънӣ тавассути хондани нутқи хаттӣ ”. Аз худ кардани маънӣ дарк кардани ақидаи муаллифи матнро ифода мекунад. Сохтани маънӣ таҳлили ақидаи муаллиф тавассути ба ҳам овардани “қобилият, малака, дониш ва таҷрибаи” шахс ва он матнест, ки хонанда мутолиа мекунад. Малакаи хониши бошуурона унсурҳо ё зермалакаҳои дигари хонданро ба мақсади дарки маънии матн ба ҳам тавъам месозад.

Ташаккули малакаи хониши бошууронаи хонандагон яке аз вазифаҳои асосӣ ва муҳимми таълими ҳамаи фанҳо, аз ҷумла табиатшиносӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, роҳнамои мазкур салоҳиятҳои гуногуни хониши бошууронаро муайян кардааст. Тамоми системаҳои маорифи мамлакатҳои дунё ба ташаккули малакаҳои хониши бошуурона диққати махсус медиҳанд. Инчунин арзёбиҳои роҳнамоии байналхалқии гуногуни малакаи хониши бошуурона (PISA, PIRLS, EGRA) мавриди истифода қарор ёфта, сатҳи саводнокии хонандагон санҷида, дар сатҳи ҷаҳонӣ раддабандӣ (тасниф) мешаванд.

Хонандае, ки малакаи хуби хониши бошуурона дорад,

- матнҳоро мустақилона бо истифодаи стратегияҳои гуногун хонда, маънии онҳоро дарк мекунад;
- ба хондан шавқ дорад ва ба таври ихтиёрӣ китоб, рӯзнома ва дигар воситаҳои иншоро мехонад;
- аз фанҳои гуногун ба натиҷаҳои хуби таълимӣ ноил мегардад;
- малакаи хуби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дорад;
- матнро аз рӯйи сохтор фарқ карда метавонад;
- ба матн савол мегузорад ва ба саволҳои матн ҷавоб мегардонад;

Дар поён тавсияҳое, ки дар асоси таҳқиқоти фаннӣ[2] таҳия шудаанд, пешниҳод мегарданд. Омӯзгорон ҳангоми банақшагирӣ, таълим ва арзёбии малакаи хониши бошуурона аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонанд.

**Тавсияи 1.** *Тарзи истифодаи стратегияҳои (усулҳои) хониши бошууронаро ба хонандагон омӯзед.*

Стратегияҳои хониши бошуурона ҷараёни фикрӣ буда, барои мустақилона хондан ва дарк кардани матн ёрӣ мерасонанд. Ҷараёни мазкур фаъолияти мақсадноки пешакӣ банақша гирифташуда мебошад, ки барои хубтар фаҳмидан ё дар хотир нигоҳ доштани матн ёрӣ мерасонад. Стратегия истифодаи мунтазами ҷараёни фаъолиятҳои маърифатӣ (фикрронӣ) пеш аз хондан, ҳангоми хондан ва баъд аз хондан аст. Стратегияҳои хониши бошуурона ба хонанда имконият медиҳанд, ки сатҳи фаҳмишашро баланд бардошта, мушкилоти дарки маънии матнро паси сар намояд, дониши суст ва номукаммали худро оид ба матн ҷуброн кунад.

Омӯзгорон бояд ба хонандагон фаҳмонанд, ки чӣ тавр ин стратегияҳо ба онҳо барои дарк кардани матн ва омӯхтани он ёрӣ мерасонанд (ба ҷойи аз ёд додани матн), инчунин тарзи истифодаи дурусти стратегияҳоро омӯзонанд.

Таълим ва истифодаи стратегияҳои зерини хониши бошуурона тавсия мешавад[3]:

---

[2]Шанаҳан, Т., Коллисон, К., Карриер, К., Дюк, Н., Пиерсон, П.Д., Шатчнейдер, К., ва Торгесен, Ҷ. (2010). Такмили малакаи хониши шуурнок дар муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ (то синфи 3-юм) (NCEE 2010-4038). Вошингтон ОК: Маркази миллии арзёбии таълим ва дастгирии минтақаҳо, Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ, Вазорати маорифи ИМА. Гирифта шуд аз: whatworks.ed.gov/publications/practiceguides

[3]Барои маълумоти бештар нигаред ба замимаи 10.

| | |
|---|---|
| **Фаъолгардонии дониши пешина (мавҷуда) ё пешгӯйӣ** | Хонандагон оид ба маълумоте, ки аллакай медонанд, якҷоя бо дигар нишонаҳо маънои матни хондаашонро дарк мекунанд, ё оид ба идомаи ҳодисаҳои матн фарзия месозанд. Ин маънои онро дорад, ки талабагон хондани матнро идома медиҳанд ва дурустии пешгӯйии худро аниқ месозанд. |
| **Саволгузорӣ** | Хонандагон оид ба ақидаҳои асосии матн ҳангоми хондан савол гузошта, кӯшиш мекунанд, ки ба онҳо ҷавоб гардонанд. Ҳангоми таҳияи саволҳо аз ҷонишинҳои саволии *дар куҷо* ва *барои чӣ*истифода мебаранд. |
| **Тасаввур кардан** | Хонандагон мафҳуми дар матн тасвиршударо дар хаёл тасаввур мекунанд. |
| **Мушоҳида, муайянкунӣ ё ислоҳ кардан** | Хонандагон диққат медиҳанд, ки оё матни хондаашонро мефаҳманд ё не. Онҳо матнро бори дигар мехонанд ё стратегияҳоеро истифода мебаранд, ки барои дарки матн ёрӣ мерасонанд. |
| **Баровардани хулоса** | Хонанда аз ахборе, ки барои дарки маънии матн зарур буда, аммо дар матн наомадааст ё пурра шарҳ дода нашудааст, хулоса мебарорад. |
| **Ҷамъбаст Нақл кардан** | Хонандагон ба таври кӯтоҳ нуктаҳои асосии матни хондаашонро шифоҳӣ ё хаттӣ баён/тасвир мекунанд. |

Тарзи истифодаи стратегияҳои мазкур бояд ба хонандагон омӯзонда шаванд. Стратегияҳоро дар алоҳидагӣ ё якҷоя таълим додан мумкин аст,яъне хонандагон бо як матн (ё дар ҷараёни як дарс) якчанд стратегияро истифода бурда метавонанд. Масалан, пеш аз хондани матн метавонанд машқҳоеро иҷро намоянд, ки барои муайян кардани дониши заминавӣ оид ба мавзӯъ ва ҳодисаҳои матн ёрӣ мерасонанд, сипас ҳамон натиҷаҳои матнро пешгӯйӣ мекунанд. Инчунин савол мегузоранд, ба саволҳо ҷавоб медиҳанд, хаёлан ҳодисаҳои матнро тасаввур мекунанд, ҳамзамон ҷараёни хондани хешро мушоҳида карда, сатҳи фаҳмишашонро месанҷанд, хулоса мебароранд ва маънии матнро ба каси дигар ҳикоя мекунанд. Тавсия мешавад, ки тадриҷан дараҷаи раҳнамоии омӯзгор ҳангоми истифодаи стратегияҳои хониш кам шуда, дараҷаи масъулияти хонандагон дар истифодаи стратегияҳо зиёд гардад.

**Тавсияи 2.** *Хонандагонро тавассути муҳокимаи мушаххас ва босифати маънои матн роҳнамоӣ кунед.*

Омӯзгорон хонандагонро ба муҳокимаи самаранок ва мушаххас раҳнамоӣ карда, ба онҳо барои амиқ фаҳмидани матн ёрӣ мерасонанд. Тавассути чунин таҳқиқот хонандагон тарзи ақидаеро дастгирӣ кардан ва ё муқобили он буданро омӯхта, нофаҳмоиҳои матнро ҳал мекунанд ва оид ба матн хулоса мебароранд.

Ҳангоми ташкил намудани муҳокимаронӣ дар синфҳои ибтидоӣ омӯзгор бештар савол медиҳад. Ӯ тарзи дар доираи саволи додашуда фикр карданро ба хонандагон намоиш медиҳад. Масалан, омӯзгор чунин гуфта метавонад: “Савол дар бораи он аст, ки оҳувон чӣ мехӯранд. Ман ба сарлавҳаҳои оид ба ғизогирӣ нигоҳ мекунам. Сарлавҳа бо ҳарфҳои ғафси сиёҳ оварда мешавад ва он ба мо мефаҳмонад, ки дар ин қисми матн сухан дар бораи чӣ меравад. Ана нигаред, сарлавҳа оид ба “Ғизои оҳувон”. Ман ин қисмро хонданиам. Ба фикрам, он ба ман оид ба хӯроки оҳувон маълумот медиҳад.” Ҳамин тавр, муҳокимаро доир ба матни хондашуда ба роҳ мондан мумкин аст.

Омӯзгор инчунин метавонад матнро бо овози баланд хонад ва ба тартиби муайян оид ба ҳодисаҳои матн ба хонандагон савол диҳад, яъне ҳикоя дар бораи чӣ аст, ё ба

фикри онҳо, баъд чӣ ҳодиса мешавад.? Муҳокимаро бо истифодаи саволҳои гуногуни дараҷаи баландификрронӣ ба роҳ монед.Ин ба талабагон имконият медиҳад, ки матнро таҳлил намоянд.

Омӯзгор инчунин барои муҳокима матн ё ягон масъалаеро интихоб мекунад, ки хонандагон шояд ба он розӣ набошанд, ба монанди дурустии рафтори симо ё оё натиҷаҳои ҳикоя ба ҳақиқат рост меоянд ё не? Пас аз хондан омӯзгор хонандагонро ба гурӯҳҳо мувофиқи ақидаашон (розӣ будан ё набудан) тақсим менамояд. Аз гурӯҳҳо хоҳиш карда мешавад, ки аз матн ақидаи барояшон мувофиқро интихоб кунанд (масалан, ҳодисаҳое, ки натиҷаҳоро ҳаққонӣ ва тахайюлӣ мегардонанд). Барои ба роҳ мондани ҷараёни мазкур омӯзгор ба хонандагон варақаҳо супорида, аз онҳо хоҳиш мекунад, ки дар ин варақаҳо қисмҳои матнро ба қайд гиранд.

Омӯзгор бояд саволҳои дараҷаи баланди фикррониро диҳад, ки аз хонандагон оид ба маънии матн амиқ фикр карданро талаб менамояд, на нақлкунии одии маълумотҳоро. Саволҳо бояд он маъниҳоро ифода кунанд, ки омӯзгор мехоҳад, хонандагон аз матн гиранд, аз ҷумла, ахбори мушаххас ва муфассал. Саволҳо набояд хеле сода бошанд ("Номи писар чӣ буд?") ё танҳо ақидаи хонандагонро пурсидан ("Ҳикоя ба шумо маъқул шуд?"). Саволҳои дараҷаи баланди фикрронӣ асосан чунин унсурҳоро фаро мегиранд:

- *Барои чӣ ...* ?
- *Шумо дар бораи ... чӣ фикр доред*?
- *Агар шумо ба ҷойи муаллиф мебудед ...*?
- *Мазмуни матн чиро ба ёди шумо меорад ва чаро?*

**Тавсияи 3.** *Матнро мақсаднок интихоб намоед, то хониши бошууронаро тақвият диҳад.*

Вақте ки сухан оид ба интихоби матн барои таълими хониши бошуурона меравад, ба гуфтаи "як ченак барои ҳама" бовар карда намешавад. Шинос намудани хонандагони хурдсол ба навъҳои гуногуни матн қобилияти онҳоро барои дарки маънии маводди зиёди хониш, ки хонандагон дар синфҳои минбаъда вомехӯранд, ташаккул медиҳад. Омӯзгорон на танҳо матнҳои гуногунро ба хонандагон шинос мекунанд, балки боварӣҳосил мекунанд, ки матни интихобшуда ақида ва ахбори бой дорад, дараҷаи мураккабии он ба малакаи хониши равони хонандагон ва хониши бошууронаи онҳо, инчунин ба мақсади таълимии дарс мувофиқанд. Матнҳои мушаххасе, ки барои таълими стратегияҳои хониши бошуурона назар ба дигар матнҳо мувофиқтар бошанд, вуҷуд надоранд. Барои хонандагони хурдсол кор бо ҳамаи матнҳо таҳлил ё санҷиши фаҳмишро талаб карда, малакаи хониши бошууронаи онҳо тавассути нақли унсурҳои матн беҳтар гардонида мешавад.

*Хониши бошууронаро тавассути матнҳои жанрҳои гуногун омӯзед.* Дар роҳнамоҳои фаннӣ матнҳо ба ду навъи фарогир – бадеӣ ва иттилоотӣ ҷудо мешаванд. **Матнҳои бадеӣ:** ҳикояҳоеанд, ки ҳодисаеро тасвир мекунанд, ё тартиби воқеаҳои тахайюлотӣ ё ҳақиқиеанд, ки одамон ё симоҳои тахайюлиро фаро мегиранд ва шеърҳо. **Матнҳои иттилоотӣ** таҳлил ё тафсири ахбори ҳақиқӣ оид ба табиат ва ҷомеа мебошанд. Дар роҳнамоҳо навъҳои жанрҳо вобаста ба навъҳои матн ва мувофиқи синфҳо чунин гурӯҳбандӣ шудаанд:

- Матнҳои бадеӣ - матнҳои ҳикоя, афсона ва шеър мебошанд.
- Матнҳои иттилоотӣ матнҳои тавзеҳӣ, пораи матнҳое, ки як ақидаро нисбат ба ақидаи дигар бартарӣ медиҳанд, матни дастурдиҳӣ ё ҳуҷҷатҳои расмӣ.

Тавсия мешавад, ки омӯзгорон барои таълими хониши бошуурона ҳар ду навъи матн (матнҳои бадеӣ ва иттилоотӣ)-ро истифода баранд,зеро на ҳамеша малакаву маҳорати кор бо як навъи матн ба навъи дигар мегузарад. Роҳнамоҳои фаннӣ дастурҳои иловагиро оид ба жанрҳои матне, ки бояд хонандагон дар синфҳои гуногун аз худ кунанд, фаро мегиранд.

***Матнҳоеро интихоб намоед, ки сифати баланд, ақида ва иттилооти бою рангин доранд.*** Ҳикояҳое, ки услуби баланди бадеӣ доранд ва матнҳои иттилоотие, ки хуб таҳия шудаанду шавқоваранд, барои таълими хониши бошуурона мусоидат мекунанд. Дар поён баъзе хусусиятҳои баландсифат будани матн, ки барои ташаккули малакаи фикррონии интиқодии хонандагон муосидат мекунанд, оварда мешаванд:

- Муҳтавои бой (инкишофи симоҳои матнҳои бадеӣ ё тафсири маълумот дар матнҳои иттилоотӣ)
- Сохтори хуб
- Луғати гуногуну бой ва услуби хуби баён

***Матнҳоеро интихоб намоед, ки дараҷаи мураккабии калимаҳо ва дарки маънӣ ба синну сол, қобилияти хондани хонандагон ва мақсади таълим мувофиқ аст.*** Омӯзгорон бояд матнеро интихоб намоянд, ки ба хонандагон на осон ва на мушкил бошад. Ду нишондиҳандаи мураккабии матн мавҷуд аст: мураккабии иншо/унсурҳои забонӣ (масалан, мураккабии хондани калима, мураккабии ҷумлаҳо ва ташкили матн, равшании қолиб/сохтор) ва мураккабии муҳтаво (яъне, то кадом андоза маълумот, ақидаҳо ва ҳодисаҳо мураккабанд). Ин ду нишондиҳандаи мураккабиро дар ҳамон як матн фарқ карда метавонанд. Аз ин лиҳоз, омӯзгорон бояд ҳар дуро ба эътибор гиранд. Ҳарчанд матн ба осонӣ хонда шавад ҳам, ахбори пешниҳодшуда мураккаб ё тамоман ба хонандагон ношинос бошад, дарки матн ба онҳо хеле мушкил мегардад. Дарки матнҳое низ, ки муҳтавои осон дошта, бо калимаҳои мураккабу ношинос иншо шуда бошанд, низ мушкил мегардад.

Ба хонандагон имконияти хондани матнҳоеро, ки каме мушкиланд, фароҳам овардан лозим аст. Матнҳои мушкил ҳангоми фаъолиятҳои таълимие, ки бо ёрии омӯзгор ба роҳ монда мешаванд, ба монанди хониши якҷоя ё хониши дастурдиҳанда мувофиқанд. Шавқи хонандагонро ба донишу маълумоти заминавӣ оид ба мавзӯи матн баланд бардоштан метавонад ҳавасмандии онҳоро ба хондану дарк кардани маънии матн зиёд гардонад. Аз ин лиҳоз, омӯзгорон метавонанд матнҳои мураккабтареро, ки мавзӯашон ба хонандагон писанд ё шинос аст, интихоб намоянд.

***Матнеро интихоб намоед, ки ба мақсади таълим мувофиқ бошад.*** Мақсадҳои гуногуни дарсҳои хониши бошуурона инҳоро фаро гирифта метавонанд: 1) ташаккул додани малакаи истифодаи стратегияҳои хониши бошуурона; 2) ташаккул додани дониши хонандагон оид ба жанр, сохтор ва матнҳои мушаххас; 3) ташаккули малакаи онҳо барои иштирок дар муҳокимаронҳои оид ба матн. Ҳадафҳои гуногунро ба эътибор гиред, ҳайати машваратӣ боварӣ дорад, ки ин нуктаҳо ба омӯзгор барои интихоби матн оид таъмини мақсади дарс ёрӣ мерасонанд.

**Тавсияи 4.** *Барои таълими хониши бошуурона фазои водоркунанда ва ҳавасмандкунанда ташкил намоед.*

Барои дарёфтан ва сохтани маънӣ хонандагон бояд бо матн фаъолона кор кунанд.Агар онҳо дар фазои водоркунанда ва ҳавасмандкунанда хониши бошууронаро аз худ намоянд, малакаи хуби хондан пайдо мекунанд. Омӯзгор метавонад фазои мазкурро бо мушаххас баён кардани мақсади ҳар як дарс, фаҳмондани стратегияҳои хониши бошуурона фароҳам орад. Илова бар ин, омӯзгорон бояд ба хонандагон на танҳо дар иҷрои вазифаи таълимӣ, балки барои диққат додан ба ҳадафҳои калони таълимӣ низ ёрӣ расонанд. Омӯзгорон бояд маводди хонишеро интихоб намоянд, ки ба хонандагон имконияти интихоби хонданро фароҳам меорад ва барои бо дигарон ҳамкорӣ кардан мусоидат мекунад.

Омӯзгор бояд таъкид намояд, ки қобилияти хондан ба ҳаёти ҳамаррӯза чӣ тавр таъсир мерасонад, ҳаловат мебахшад ва ба хонандагон барои донистани ҷаҳон ёрӣ мерасонад,.

Омӯзгор бояд дар ҷараёни дарс ба хондан диққати махсус диҳад. Ӯ метавонад кори хонандагонро ба намоиш гузорад, қоидаҳои рафтор дар синф, қоидаҳои бехатарӣ ва дастурҳоро ба деворҳои синф овезанд, ё ҳангоми аз як қисми мактаб ба дигар қисми он рафтан овезаҳоро якҷоя бо хонандагон хонад. Омӯзгорон инчунин метавонанд дар синф китобҳое, ки ба доираи фаҳмиши хонандагон мувофиқанд, гузоранд. Масалан, марказҳои хониш ё китобхонаи синфро, ки ба таври ҷолиб оро дода шуда, мавзӯъҳои гуногуни ба шавқу завқи хонандагон мувофиқро тасвир мекунанд, таъсис диҳанд.

Омӯзгорон инчунин метавонанд шавқи хонандагонро ба хондан тавассути фаъолиятҳои шавқоваре, ки ба мавзӯи таълимӣ мувофиқанд, бедор намоянд. Масалан, иҷрои саҳнача аз матни китоб, расмкашӣ ё дигар навъи воситаҳои санъату меҳнат, ки метавонанд хонишро ба ашёи ҳаққонӣ алоқаманд кунанд.

**Хулосаи умумӣ.**

Омӯзгорон бояд хонандагонро оид ба тарзи истифодаи стратегияҳои хониши бошуурона таълим диҳанд, сохтори матнро ба онҳо бо мақсади ташкил намудани фикррониҳангоми хондан омӯзонанд, инчунин ҳангоми иҷрои фаъолиятҳои мазкур бояд бо матнҳои сифатноке, ки (аз лиҳози муҳтаво ва сифат) барои фикррониии амиқ мусоидат менамоянд, кор кунанд. Хонандагон бояд на танҳо стратегияҳои хонишро дуруст истифода баранд, балки аз матни хондаашон дониши нав гиранд. Аз ин лиҳоз, истифодаи стратегияҳои хониши бошууронаро бо муҳокимаронии фаъоли муҳтавои матн тақвият додан ва барои таҳқиқи матн ҳавасманд гардонидани хонандагон зарур аст.

### 4.3. Таълими малакаҳои мушоҳида, таҷриба ва таҳлил.

Табиат ҳамеша либоси нав дар бар мекунад. Он бо қувваи ақлу заковати мардум сол то сол дигаргун мешавад. Баробари иваз шудани фаслҳои сол табиат низ тағйир меёбад, ки ин аз назари кӯдакон пинҳон намемонад.

Мушоҳида дар таълими табиатшиносӣ нақши хеле муҳим бозида, барои рушди малакаҳои мушоҳидакорӣ, муқоисакунӣ, таҳлил ва хулосабарории хонандагон кумак мерасонад.

Мушоҳида ҳамон вақт аҳамияти таълимӣ пайдо мекунад, ки агар омӯзгор онро дуруст ба нақша гирад, гузаронад ва ҷамъбаст намояд. Ин ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон таъсири мусбат мерасонад.

Асосан хонандагони хурдсол дар мактаб бо мушоҳидаҳои зерин дучор мешаванд:

- мушоҳидаи тахта (лавҳа)-и синф (дар он чӣ навишта мешавад?);
- мушоҳидаи аёниятҳои таълимӣ (онро омӯзгор чӣ тавр намоиш медиҳад?);
- мушоҳида дар асоси супориши махсуси омӯзгор.

Мушоҳида дар дарсҳои табиатшиносӣ яке аз қисмҳои таркибии кори таълимӣ ба шумор меравад. Пеш аз ҳама, ду навъи мушоҳидаи таълимиро фарқ кардан лозим аст:

1. Ашё ва ҳодисаҳои омӯхташавандаро дар шакли табииашон мушоҳида кардан;
2. Зимни таҷриба ҳодисаҳои омӯхташавандаро ба таври сунъӣ ба вуҷуд оварда, мушоҳида намудан.

Ин ду шакли мушоҳидаро дар дарс ва ё берун аз он вобаста ба шароити мактаб ва маҳал ташкил кардан мумкин аст.

Мушоҳидаи таълимӣ чунин мушоҳидаест, ки онро худи хонандагон аз рӯйи супориши муаллим иҷро мекунанд. Саволҳо бояд хонандагонро барои муайян кардани хосият ва ҷиҳатҳои муҳимми чизи омӯхташаванда ба фикр кардан водор намоянд.

Дар омӯзиши табиатшиносӣ чунин мушоҳидаҳоро ба роҳ мондан мумкин аст:

- ✓ хазоншавии барги дарахтони маҳал ва қайди онҳо дар дафтари «Мушоҳидаҳо аз табиатшиносӣ»;
- ✓ ҳарорати баландтарини шабонарӯз;
- ✓ боди шадидтарини фасли сол;
- ✓ хелҳои боришот дар фаслҳои сол;
- ✓ кори занбӯри асал ва захираи зимистонаи он;
- ✓ парандаҳои мавсимӣ ва муқимии маҳал;
- ✓ сабзиши майсаи гандум;
- ✓ фарқи байни алаф, бутта ва дарахт;
- ✓ бориши аввалини барфи сол;
- ✓ кушодашавии муғҷаҳои рустанӣ;
- ✓ дар кадом ҳарорат ба кор шурӯъ кардани мӯрчаҳо;
- ✓ лонасозии парандаҳо;
- ✓ пухтани меваи рустанӣ;
- ✓ хӯрокдиҳии паррандаҳо ба чӯҷаҳояшон;
- ✓ вазъи экологии маҳал ва ғайра.

Объекти мушоҳида бояд мувофиқи фаслҳои сол интихоб гардад. Мушоҳидаро дар давоми як дарс, ҳафта, моҳ ва ҳатто то охири сол ба роҳ мондан мумкин аст. Вобаста ба талаботи барнома ва имконоти шароити маҳал омӯзгор бояд пешакӣ ҷой ва ашёву

ҳодисаҳои мушоҳидашавандаро интихоб намуда, натиҷаи онро муайян кунад. Ҳангоми мушоҳида хонандагон на танҳо чизеро мебинанд, балки бо хусусияту сохти он шинос мешаванд.

Мушоҳидаи табиат узвҳои ҳисро инкишоф дода, ба қобилияти дарккунии хонандагон мусоидат менамояд. Аз тарафи дигар, мушоҳида имконият медиҳад, ки хонандагон таҳлил кунанд, сабабҳои бо ҳам алоқамандии ашёву ҳодисаҳоро муайян ва аз худ намоянд.

Ба хонандагон дафтари махсуси мушоҳидаҳо зарур аст. Онҳо дар рафти мушоҳида мувофиқи супориши омӯзгор ҳодисаи табиӣ ё дигар объекти мушоҳидашавандаро омӯхта, натиҷаҳоро дар дафтар қайд мекунанд. Натиҷаи мушоҳидаҳо дар «Дафтари мушоҳидаҳо аз табиатшиносӣ» ҳар рӯз, ҳар ҳафта, ҳар моҳ ва дар давоми сол қайд карда мешавад.

***Мушоҳида, таҷриба ва таҳлил*** бо ҳам зич алоқаманд мебошанд. Бе ба роҳ мондани мушоҳида, дар таълими табиатшиносӣ гузаронидани таҷриба ва таҳлили натиҷаҳои он ғайриимкон аст.Ҳамин тариқ, мушоҳидаро метавон ҳамчун усули гузаранда байни таҷриба ва таҳлил ҳисобид, яъне, аввал бояд мушоҳида гузаронида шавад, баъд таҷриба ва таҳлил.

Гузаронидани ҳама гуна мушоҳида бояд иҷрои пай дар пайи марҳилаҳои зеринро дар бар гирад:

1. Марҳилаи омодагӣ – гузоштани вазифа, проблема ва мушаххас намудани мушоҳида; интихоби вазъият ва объекти мувофиқ.
2. Ҷамъ кардани диққати хонандагон ба объекти омӯзиш.
3. Тадқиқ ва таҳлили объекти мушоҳида, ки ба коркард ва такмилдиҳии роҳҳои омӯзиши объект равона шудааст. Дараҷаи муайяни кумаки омӯзгор барои азхудкунии маводди омӯхта шаванда.
4. Марҳилаи хотимавӣ – ҷамъбасти натиҷаҳо, мустаҳкамкунии тасаввуроти андӯхташуда оид ба объекти омӯзиш ва роҳҳои тадқиқи он, гирифтани таассуроти хонандагон аз кори анҷом дода шуда.

Ба роҳ мондани таҷриба (тадқиқ) аз марҳилаҳои зерин иборат аст:

1. Марҳилаи омодагӣ. Он аз ду қисм иборат аст:

   а) барои омӯзгор – тафтиши таҷҳизот, муайян кардани миқдори зарурии он, гузаронидани пешакии таҷриба;

   б) барои хонандагон –ҷалби таваҷҷуҳи хонандагон ба аз нав ба вуҷуд овардани ҳодисаи табиии муайян, гузоштани вазъияти проблемавӣ ва бо иштироки хонандагон интихоб намудани таҷҳизоти лозима, дастур додан, муайян кардани мавзӯъ, мақсад, нақшаи гузаронидан ва муаррифии натиҷаҳои таҷриба, пешниҳоди фарзияҳо.
2. Гузаронидани таҷриба. Ин марҳила аз муайян кардани мақсаду вазифаҳо, ба қайд гирифтани таҷҳизот, ҷою шароити гузаронидани таҷриба, дастурдиҳӣ ва иҷрои қадам ба қадам зина ба зинаи таҷриба иборат аст.
3. Таҳлили натиҷаҳои бадастомада. Хотиррасон намудани мақсадҳо, таҷҳизот, пайдарҳамии иҷрои амалҳои таҷриба, хулоса ва асосноккунии назариявӣ.

Ҳамин тариқ, мушоҳида, таҷриба ва таҳлил бо ҳам алоқаманд буда, гузаронидани ҳар як таҷрибаро мушоҳида ҳамроҳӣ мекунад. Барои мисол дар поён якчанд намунаи таҷрибаҳои одиро пешниҳод мекунем, ки истифодаи онҳо дар дарсҳои табиатшиносӣ (олами атрофи мо) шавқи бачаҳоро нисбат ба ин фан зиёд карда, дар онҳо қобилиятҳои мушоҳидакорӣ, таҳлил ва хулосабарориро рушд медиҳад. Баъзе таҷрибаҳои овардашуда барои омӯзиши фанҳо дар синфҳои болоӣ таҳкурсӣ ба вуҷуд меоранд ва баъзеи онҳо дар ҳаёти бачаҳо кор меоянд.

**Сояи зинда**

*Лавозимот*:

- *оина*
- *чароғ (шамъ ё чароғи барқӣ*)
- *қоғаз*
- *қайчӣ*

Агар шумо дар байни манбаи равшанӣ (нур) ва девор истед, дар девор сояи шумо пайдо мешавад, ки чашм ва даҳону бинӣ надорад. Оё мумкин аст, ки сояи мо даҳону бинӣ ва чашму қош дошта бошад? Албатта мумкин аст. Бояд чӣ кор кард?

Барои ин дар кунҷи хона, назди оина истодан кифоя аст. Чароғро тавре гузоштан лозим аст, ки равшании он аз оина ба девор, дар ҳамон ҷое афтад, ки сояи сари шумо меафтад. Равшании аз оина омадаистода дар шакли чоркунҷа ё давра пайдо мешавад (вобаста ба шакли оина).

Акнун рӯйи оинаро бо қоғазе мепӯшонем, ки дар он ҷойи чашм, бинӣ ва даҳон бурида шудааст. Равшанӣ аз ҷойи буридашудаи қоғаз гузашта, дар сояи сари шумо чашм, даҳон ва биниро ҳосил мекунад. Нигаред ба расми зер:



Шумо метавонед ду қоғаз тайёр кунед, ки ҷойҳои буридашудаи он каме фарқ дошта бошад. Якеро дар оина маҳкам кунед ва дуюмиро дар болои коғази якум гоҳ гузоред ва гоҳ гиред. Дар ин ҳолат мушоҳида мекунед, ки чашмон ба ҳаракат медароянд, даҳон гоҳ пӯшида ва гоҳ кушода мешавад.

**Бе ресмон овезон мешавад**

*Лавозимот барои гузаронидани таҷриба:*

- *ҳалқаи симӣ (аз метали сабук бошад*),
- *ришта,*
- *гӯгирд,*
- *намакоб*

Раванд:

1. Риштаро ба намакоби дар таркибаш ба миқдори зиёд намакдошта тар карда, баъд онро хушконед. Ин корро якчанд маротиба такрор кунед. Баъди хушк шудан, риштаи омоданамудаи шумо аз риштаи муқаррарӣ ягон фарқ намекунад.
2. Ҳалқаи симиро ба нӯги ришта бандед.
3. Риштаро аз назди ҳалқа оташ занед. Мушоҳида кунед, аҷоибии кор дар он аст, ки баъди сӯхтани ришта, ҳалқаи симин наафтида, дар хокистари борик овезон меистад.

Сабаб. Ҳангоми оташ гирондан ришта дар ҳақиқат месӯзад, вале найчаи борики хокистари намакӣ боқӣ мемонад. Ана ҳамин найчаи намакин ҳалқаро афтидан намегузорад.



Эзоҳ. Вақте ки шумо ин таҷрибаро намоиш медиҳед, дару тирезаҳои хона бояд маҳкам бошанд, то ки шамол навазад. Найчаи хокистарӣ ниҳоят нозук буда, аз таъсири андак вайрон мешавад ва ҳалқа ба замин меафтад.

**Таҷриба бо танга ва пуфак.**

*Лавозимот*:

- *1 дона пуфак*
- *тангаи металӣ*

**РАВАНД:**

1. Тангаро ба дохили пуфак андозед.
2. Пуфакро дам кунед.
3. Даҳони пуфакро бо ришта бандед.
4. Бо як дастатон аз тарафи ришта басташудаи пуфак доред ва онро якчанд маротиба давр занонед.
5. Баъд аз чанде танга дар дохили пуфак ба даврзанӣ медарояд.
6. Бо дасти дуюматон аз поёни пуфак доред ва онро дар ҳолати беҳаракат нигоҳ доред.
7. Танга боз тахминан 20-30 сонияи дигар дар дохили пуфак давр мезанад.

Шарҳи таҷриба:

Ҳангоми даврзании ашё қувваи махсус ҳосил мешавад, ки онро қувваи марказгурез меноманд. Албатта ягон вақт шумо ба чархофалак савор шудаед ва ҳис кардаед, ки ҳангоми даврзании он шуморо кадом қуввае ба берун тела медиҳад. Ин қувваи марказгурез аст. Вақте ки шумо пуфакро давр мезанонед, ба танга ҳамин қувва таъсир мекунад ва онро ба девори дарунии пуфак тела медиҳад. Дар айни замон ба танга худи пуфак тасир карда, қувваи марказ шитобро ба вуҷуд меорад. Дар натиҷаи таъсири ин ду қувва, танга маҷбур мешавад, ки дар дохили пуфак давр занад.

**Дастшӯяк аз зарфи оддӣ**

*Лавозимот барои гузаронидани таҷриба:*

- *зарфи холии пласмассаи даҳонакдор (баклажкаи кола, фанта ва г.),*
- *риштаи мустаҳкам,*
- *сӯзани ғафс ё мехи борик,*
- *гӯгирд*



**РАВАНД:**

1. Мехро дар оташ гарм кунед.
2. Бо мехи тафсон аз таги зарфи пластмасса оҳиста як сӯрох кунед.
3. Бо ангушти даст сӯрохро дошта, зарфро аз об пур кунед ва даҳонашро маҳкам кунед.
4. Ба қисми гарданаи зарфи обдор риштаи ғафсро печонда, онро ба ягон шохи дарахт ё ашёи дигар бандед. Агар даҳони зарф маҳкам бошад, об аз сӯрох намерезад.
5. Дастшӯяки мо тайёр шуд. Агар даҳони зарфро каме тоб дода кушоем, аз сӯрохи зери зарф об ҷорӣ мешавад. Шумо метавонед дасту рӯятонро бемалол шӯед.



Шарҳи таҷриба.

Зарфи пластмассаи ба назари мо холӣ намояд ҳам (то аз об пур кардани он), дар асл он аз ҳаво пур аст. Вақте , ки ба он об пур мекунем, молекулаҳои ҳаво аз даҳони зарф ба берун хориҷ шуда, ҷойи ҳаворо об ишғол мекунад. Мо ин ҳодисаро бо чашм дида наметавонем, чунки ҳаво беранг аст.

Гарчанде зарф аз қисми поён сӯрох карда шуда бошад ҳам, об аз он намерезад. Сабаб дар он аст, ки даҳони маҳками зарф намегузорад, ҳаво ба он дохил шавад ва обро ба ҷорӣ шудан маҷбур кунад. Вақте ки шумо даҳони зарфро мекушоед, ҳамон лаҳза ба зарф ҳаво дохил мешавад ва обро маҷбур мекунад, ки аз сӯрохии зери зарф ҷорӣ шавад.

**Оё қувваи тухми рустанӣ зӯр бошад?**

*Лавозимот:*

- *халтачаи латтагин*
- *зарфи шишагин (банка)*
- *тухми нахӯд*

**РАВАНД:**

1. Ба дохили халтачаи латтагин як миқдор нахӯдро андохта, даҳонашро сахт мебандем.
2. Халтачаро ба зарфи шишагини обдор меандозем.
3. Рӯзи дигар мебинем, ки халтача кафидааст.

Шарҳи ҳодиса.

Тухми рустаниҳо дар об варам мекунад,яъне тухм обро ба худ меҷаббад. Вақте, ки мо тухмҳои хушкро ба халтача андохтем, андозаи онҳо хурд буд. Баъди дар об тар кардан онҳо варам карданд ва ба халтача фишор оварда, онро кафонданд. Пас маълум мешавад, ки қувваи варамкунии тухми рустаниҳо зӯр будааст.

**Хаспоя-қатрачакон**

*Лавозимот:*

- *хаспоя (хаснайча аз ҷав ё гандум)*
- *2 дона стакон*
- *об*

**РАВАНД:**

1. Ду стаконро паҳлуи ҳам мегузорем.
2. Ба яке аз стаконҳо об мерезем ва дигарашро холӣ мегузорем.



3. Хаснайчаро ба дохили стакони обдор мегузорем ва нӯги болоии онро бо ангуштамон маҳкам мекунем.



4. Хаснайчаро ба болои стакони холӣ оварда, ангуштро аз нӯги он мегирем – об ба стакони холӣ мерезад. Агар ин корро якчанд маротиба такрор кунем, мо метавонем обро аз як стакон ба дигараш гузаронем.



Шарҳи таҷриба. Дар дохили хаснайча ҳаво мавҷуд аст. Вақте ки найчаро ба дохили стакони обдор мегузорем, об ҳавои дохили найчаро ба берун тела дода, ҷойи онро ишғол мекунад. Дар ҳолати бо ангушт маҳкам кардани нӯги муқобили найча, дигар аз боло ҳаво ба дохили найча намедарояд ва об аз дохили он рехта наметавонад. Баъд аз гирифтани ангушт, ҳаво ба найча дохил шуда, об аз он мерезад. Қатрачаконии тиббӣ аз рӯйиҳамин усул кор мекунад.

## 5. Арзёбӣ

### 5.1. Принсипҳои арзёбӣ

Арзёбӣ унсури доимии раванди таълиму омӯзиш аст. Таълиму арзёбиро аз ҳам ҷудо кардан имконнопазир аст. Таҳқиқоти зиёди олимони мамлакатҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки арзёбӣ ба раванди азхудкунӣ ва татбиқи донишу малакаҳои хонандагон таъсир мерасонад.

Дар илми педагогикаи муосир навъҳои гуногуни арзёбӣ маъмул буда, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Мафҳуми арзёбӣ дар адабиёти илмҳои педагогӣ ба таври гуногун номбар шудааст. Аз ҷумла, дар адабиёти соҳавӣ чунин мафҳумҳо истифода шудаанд: «арзёбии анъанавӣ», «арзёбии алтернативӣ», «арзёбии фаъолият» (Сюзан М. Батлер ва Нэнси Д. Мак Мунн), «арзёбии ташхисӣ», «арзёбии ташаккулдиҳанда», «арзёбии ҷамъбастӣ» ва ғайра.

Арзёбии ташаккулдиҳанда барои беҳбудии таълим ва баландшавии маърифати хонанда ёрӣ мерасонад. Он имкон медиҳад, ки дастоварди хонандагон тахти назорат бошад. Арзёбии ташаккулдиҳанда аз методҳои баҳодиҳии мавҷуда фарқ мекунад. Пеш аз ҳама, дар ин низом муаллим имконияти бо хонанда ба таври инфиродӣ кор карданро дорад. Омӯзгор метавонад дар асоси чунин арзёбӣ дониши азхудкардаи хонандагонро ташхис кунад, дар давраи аввал ёрӣ расонад ва раванди таълимро дуруст ба роҳ монад. Хонанда дар ин маврид барои таҳсил бештар масъулият ҳис мекунад.

Арзёбии ташаккулдиҳанда хусусияту принсипҳои худро дорад. Принсипҳои мазкур аз тарафи гурӯҳи корӣ оид ба арзёбӣ (аз тарафи Асосиатсияи бритонии пажӯҳишҳоимаърифатӣ) дар асоси таҳқиқот муқаррар шудаанд:

**Арзёбӣ бояд ҷузъи асосии банақшагирии дарс бошад.** Омӯзгор ҳангоми ба нақшагирии дарс бояд фаъолиятҳоеро ба эътибор гирад, ки ҳам ба ӯ ва ҳам ба хонанда имконияти назорати рафти таълимро фароҳам оваранд. Мувофиқи принсипи мазкур восита ва усулҳои арзёбӣ баъди муайян кардани мақсад ва методикаи таълим тарҳрезӣ карда мешавад. Мақсад он аст, ки дар марҳилаи банақшагирӣ роҳу воситаҳои арзёбӣ муайян карда шуда, дараҷаи эътимоднокии онҳо таҳлил мегарданд.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда бояд ба таҳлили раванди омӯзиш нигаронида шуда бошад.** Яъне, ҳангоми арзёбӣ хонандагон бояд ба саволҳои «Чӣ тарз ба ин натиҷа ноил гаштанд?» «Чӣ душворӣ кашиданд?» ва « Барои чӣ муваффақ шуданд?» ҷавоб диҳанд. Ин хонандагонро водор менамояд, ки раванди таълимро таҳлил карда, боварӣ ҳосил намоянд. Пас аз иҷрои ҳар як методикаи таълим омӯзгор бо ёрии воситаҳои арзёбӣ хонандагонро муваззаф менамояд, то рафти иҷрои он фаъолиятро таҳлил намоянд, хулоса бароранд ва фаъолияти минбаъдаро мушаххас гардонанд.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда бояд ҳамчун меҳвари дарс шинохта шавад.** Аксари методикаи таълимӣ, ки дар дарс иҷро карда мешаванд, бояд хусусияти арзёбӣ (таҳлилӣ) дошта бошанд. Масъала, савол ва дигар самтҳои таълим тарзе тарҳрезӣ гарданд, ки ба хонанда имконияти таҳлили раванди омӯзишро фароҳам оваранд.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун рукни асосии омодагии касбии омӯзгор шинохта шавад.** Омӯзгор бояд малакаву маҳорати истифодаи воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро дошта бошад. Ин малакаву маҳорат дар донишгоҳҳо, коллеҷҳо ва курсҳои такмили ихтисос ва ё ба таври худомӯзӣ ҳосил карда мешаванд. Омӯзгор бояд тарзи банақшагирӣ, ташкил ва таҳлили воситаҳои арзёбӣ, пешниҳоди тавсияҳо, саволу ҷавобро‍ дуруст ба роҳ монад.

**Арзёбӣ бояд асоснок ва қобили қабул бошад**. Ҳангоми пешниҳоди тавсияву натиҷаҳои арзёбӣ омӯзгор бояд чӣ гуна ва то кадом андоза ба хонанда таъсири манфӣ ва ё мусбӣрасондани онҳоро бояд ба ҳисоб гирад. Тавсия, шарҳу эзоҳҳо бояд ба методикаи таълимии хонанда нигаронида шуда бошад, на ба шахсияти ӯ. Тавсияву тақризҳо бояд асоснок бошанд, то ки барои ба зинаҳои дигари инкишоф ноил гаштани хонанда мусоидат кунанд.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда бояд ҳавасмандии (мотиватсияи) хонандагонро нисбат ба таълим ба эътибор гирад**. Барои баланд бардоштани ҳавасмандии хонандагон арзёбӣ нақши муассир дорад. Дар ин асно аввал ба дастовардҳои хуби хонанда диққат дода, сипас фаъолиятҳои дигар, аз ҷумла ислоҳи ғалатҳо, имлои дурусти калимаҳо ва ғайра ба роҳ монда мешаванд. Тавсия карда мешавад, ки омӯзгор ҳангоми матраҳ сохтани муколама бо хонанда дар қадами аввал ақаллан се ҷиҳати хуби корро баррасӣ мекунад, сипас роҳу усулҳои такмилдиҳӣ пешниҳод мешаванд. Дар ин ҳолат хонанда ҳавасмандии омӯзишро гум намекунад.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда ба фаҳмидани мақсади таълим ва меъёрҳои арзёбӣ бояд мусоидат намояд**. Хонанда бояд аз мақсади дарс огаҳбошад ва моҳияти онро дарк намояд. Зиёда аз он мақсадҳоро баррасӣ карда, барои таълим гирифтан масъулият ҳис кунад. Омӯзгор дар оғози дарс ба хонандагон мақсадҳоро муаррифӣ карда, натиҷаи ниҳоии таълимро муҳокима мекунад. Хонанда бояд донад, ки барои чӣ имрӯз масъалаи мазкур мавриди омӯзишу таҳлил қарор мегирад ва он ба донишу малакаҳои пешинааш чӣ алоқамандӣ дорад. Донистани меъёрҳои арзёбӣ ба хонанда имконият медиҳад, ки тамоми

методикаи таълимиашро ба тартиб дарорад ва онро барои ба даст овардани мақсаду натиҷаҳо равона созад. Ҳангоми баррасии меъёрҳои арзёбӣ иштироки хонандагон ҳатмист.

**Бо ёрии воситаҳои арзёбӣ бояд барои рушди минбаъдаи хонанда тавсияҳои мушаххас дода шавад** ва ин тавсияҳо самтҳои рушди минбаъдаи хонандаро фаро бигиранд. Тавсияҳо дар навбати худ бояд мушаххас, иҷрошаванда, мувофиқ ва саривақтӣ бошанд. Тавсияҳо ҳамчун дастур пешниҳод карда мешаванд, то хонанда самти такмилталабро пурра дарк кунад.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда бояд малакаи ба худ баҳо додани хонандагонро такмил диҳад.** Омӯзгор дар ниҳоди хонанда малакаи назорат кардани методикаи таълимии худро тарбият мекунад. Хонанда объекти асосии раванди таълим маҳсуб ёфта, аз ин лиҳоз омӯзгор ба ӯ дар ин самт роҳнамоӣ мекунад. Таълим гирифтан ва маърифатноку лаёқатманд шудан асосан ба худи хонанда вобаста аст. Инро метавон тавассути таҳлили раванди таълим ба амал баровард. Чӣ тарз? Кадом воситаҳо ҳангоми ҳалли масъала истифода шудаанд? Ба кадом мушкилот дучор шуданд? Чӣ гуна мушкилотро паси сар карданд? Ин саволҳо хонандагонро водор менамоянд, ки раванди таълимро таҳлил кунанд.

**Арзёбӣ бояд ҳамаи дастовардҳои таълимии хонандаро ба эътибор гирад.** Омӯзгор ҳангоми арзёбӣ бояд тамоми дастовардҳои таълимии хонандаро ба эътибор гирифта, онро қадрдонӣ кунад. Ҳар як хонанда бояд имконияти гирифтани тавсия, тақриз ва таҳлили методикаи таълимии худро дошта бошад. Аз эътибор дур сохтани дастовардҳои таълимии хонандагон ҳавасмандии маърифатҷӯйии ӯро паст мегардонад. Аз ин лиҳоз, тавсия дода мешавад, ки ҳар як дастоварди ӯ дар доираи имкон қадрдонӣ гардад.

### 5.2. Арзёбии салоҳиятҳои гӯш кардану гуфтан

Гӯш кардан ва гуфтан раванди мураккаби баҳампайванд буда, алоқамандии малакаҳои шунавоӣ ва фикррониро талаб мекунад, аммо ин чунин маъно надорад, ки омӯзгорон салоҳиятҳои гӯш кардану гуфтанро тавассути воситаҳои сода санҷида наметавонанд. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи малакаи гӯш кардану гуфтан барои муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонанда басо муҳим аст.

#### 5.2.1. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи салоҳиятҳои гӯш кардан

Санҷиши дарки ахбори шунида.

Матнро ба хонанда хонед, сипас ба ӯ якчанд савол дода, санҷед, ки то кадом андоза хонанда онро дарк кардааст: Дар ин ҳолат набояд танҳо дар хотир гирифтани ахбор, балки дараҷаи фаҳмишу таҳлили ҳодисаву воқеаҳои матн санҷида шавад. Барои чунин санҷиш саволҳои мувофиқ таҳия карда мешаванд. Масалан, ба фикри шумо давоми ҳикоя чӣ мешавад? Дар чунин вазъият шумо чӣ кор мекардед? Тавсия мешавад, ки дар синфи якум саволу ҷавоб ба таври шифоҳӣ сурат гирад.

Агар дар натиҷаи санҷиш муайян гардад, ки малакаи дарки маънии ахбори шунидааш то дараҷаи кофӣ ташаккул наёфтааст, он гоҳ бо чунин хонандагон дар алоҳидагӣ кор карда, стратегияҳои ташаккули малакаи гӯш карданро омӯзонед.

#### 5.2.2. Арзёбии салоҳиятҳои гуфтан

**Воситаҳои арзёбии ташаккул диҳандаи салоҳиятҳои гуфтан**

1) Санҷиши тарзи талаффузи овозҳо ва калимаҳо

Барои ин омӯзгор ба суханронии хонанда диққат дода, ғалатҳоро ба қайд мегирад ва мутаносибан барои ислоҳи ғалатҳо тавсия дода, роҳҳои аз худ кардани тарзи дурусти талаффузи ин калимаҳоро нишон медиҳад.

2) Санҷиши сарфӣ ва наҳвӣ

Бо вуҷуди он ки хонандагони хурдсол ба таври шифоҳӣҷумлаҳои дуруст гуфта метавонанд, омӯзгор ба гуфтори онҳо аҳамият дода, тавассути ҷадвали арзёбие, ки дар асоси меъёрҳои зерин таҳия мекунад, месанҷад:

- тартиби калимаҳои ҷумла риоя шудааст;
- ҷумлаи гуфтаи хонанда мувофиқи қолиби наҳви забони тоҷикӣ аст.

3) Санҷиши луғат ва пешниҳоди ақида

Барои санҷидани истифодаи бамавриди луғат ва тафсири ақида шумо аз меъёрҳои зерин истифода бурда метавонед:

- як қатор луғатҳоро мувофиқи мавзӯъ ва бамаврид истифода бурдааст;
- нутқи хонанда алоқамандии мантиқӣ ва сохтори мувофиқ дорад;
- хонанда ақидаашро ба таври шифоҳӣ дуруст баён карда метавонад.

**Воситаҳои арзёбии ҷамъбастии салоҳиятҳои гуфтан**

Бо мақсади арзёбии ҷамъбастӣ воситаҳои арзёбии сарфу наҳв ва луғату пешниҳоди ақидаро истифода баред.

Санҷиши қоидаҳои гӯш кардану гуфтан.

Тавсия мешавад, ки қоидаҳои гӯш кардану гуфтан якҷоя санҷида шаванд. Барои гузаронидани чунин санҷиш дар асоси меъёрҳои зерин ҷадвали арзёбӣ таҳия намоед:

- ҳангоми гуфтор баландии овоз мувофиқ аст;
- луғати мувофиқро истифода мебарад;
- қоидаҳои бонавбат сухан гуфтанро медонад ва риоя мекунад (суханони дигаронро намебурад, ба дигарон низ имконияти сухан гуфтан медиҳад);
- фаҳмидани суханони дигаронро тасдиқ мекунад (ин маънои онро надорад, ки бо гӯянда розӣ аст).

## 5.3. Арзёбии малакаҳои мушоҳидакорӣ, таҷриба ва таҳлил

Санҷиши малакаҳои мушоҳида, таҷриба ва таҳлил асосан дар натиҷаи арзёбии фаъолиятҳои таълимии таҷрибавӣ, мушоҳида ва саёҳат амалӣ карда мешавад. Бо ин мақсад аз меъёрҳои зерин истифода бурда метавонед:

- дар фаъолиятҳо вобаста ба мушоҳида ва таҷриба фаъолона иштирок намудааст;
- дар рафти машғулиятҳо ба ҷараён диққат медиҳад;
- тартиби иҷрои фаъолиятҳоро аз рӯйи нақшаи муайян анҷом додааст;
- маълумоти пешниҳодшударо тадқиқ ва таҳлил мекунад;
- ҳангоми коркарди маълумот, ёфтани роҳи ҳалли проблема аз омӯзгор кумак мепурсад;
- оид ба корҳои анҷомдодашуда фикрҳояшро баён ва асоснок карда метавонад;
- натиҷаҳои бадастомадаро ҷамъбаст карда метавонад;
- таассуроти худро оид ба кори анҷомдодашуда гуфта метавонад.

**Адабиёт**


1. Арзёбии таълим. Дастури методӣ барои муаллимони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2010.
2. Лутфуллоев М. Дарс. -Душанбе, 1995.
3. Лутфуллоев М. Ҳамидова .... ва дигарон. Таълим дар синфи 1.Душанбе, 1992.
4. Ниёзов Ф. Зиёев М., Эрматова У., Олимова Ф. ва дигарон. Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт. Дастур барои худомӯзии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2012.
5. Роҳнамои таҳсилоти ибтидоӣ – Душанбе, 2012.
6. А. А. Плешаков. Мир вокруг нас. Учебник для 1 класса начальной школы. Москва «Просвещение» 2005.
7. Содиқ Акрамов. Методикаи таълими табиатшиносӣ. Душанбе «Маориф», 1987.
8. Н. Қодиров, И. Абдуллоев. Табиатшиносӣ (китоби дарсӣ барои синфи 4). Душанбе «Комбинати полиграфӣ» – 2013.
9. А. Вохрушев, О. Бурский, А. Раутиан. Окружающий мир. Мир и человек. Живые обитатели планеты. Учебник 3 класса в двух частях. Москва. ДРОФА. 2008.
10. М. Ҳоҷиматов, Б. Каримов. Табиатшиносӣ (китоби дарсӣ барои синфи 3). Душанбе «Маориф», 1994.
11. Л. Ф. Мелчаков, М. Н. Скаткин. Табиатшиносӣ (китоби дарсӣ барои синфҳои 3-4). Душанбе, «Маориф», 1984.
12. Горецкий В. Г. и др. Обучение в 1 классе.-Москва, 1988
13. Кайнова Э.Б. Курс современной практической педагогики. –М., 2005.
14. Кошмина И. В. Межпредметные связи в начальной школе. –М., 2003.
15. Кукушин В. С., Болдырева А.В.– Вараксина. Педагогика начального образования. – М. -Ростов–на–Дону, 2005.
16. Кульневич С.В., Лакоценина Т.П. Современный урок. –М.: Учитель, 2005.
17. Кустарева В.А. Методика грамматики и орфографии в начальных классах.-Москва, 1979
18. Панов М. В. Занимательная орфография. Москва,1984
19. koi.tspu.ru/koi_books/semenova/razdel%206.htm.Обзор современных программ по окружающему миру.
20. https://sites.google.com/.../sovremennye-programmyСовременные Программы по Окружающему миру.
21. festival.1september.ru/articles/566779/ Рабочая учебная программа по предмету "Окружающий мир для 2-го класса.
22. school2100.com/uroki/elementary/okrmir.phpПрограмма «Окружающий мир» - Школа 2010

# РОҲНАМОИ ФАННИ тАБИАТШИНОСӢ (ОЛАМИ АТРОФИ МО) БАРОИ СИНФИ 2-ЮМ

**барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Ю. Шерматов |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Қ. Саъдуллоев |
| Тарроҳ | И. Сатторов |

Ба матбаа 28.06.2016 супорида шуд
Ба чоп 29.08.2016 эҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 1/8.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 13.
Адади нашр 10000 нусха.
Супориши № 145/2016

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66.
E-mail: najmiddin64@mail.ru